**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ
«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ
АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»**

**ВБД: 87**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**МАМАДҶОНОВА МУҲАББАТ ДАДОҶОНОВНА**

# НАҚШИ НИҲОДИ ОИЛА ДАР ТАШАККУЛИ АРЗИШҲОИ ИҶТИМОИИ ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОНӢ ДАР ДАВРОНИ МУОСИР (ТАҲЛИЛИ ИҶТИМОӢ-ФАЛСАФӢ)

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои
фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ
(илмҳои фалсафӣ)**

**Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои фалсафа,
дотсент Ҳодибоев Ф.А.**

**Хуҷанд – 2024**

МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА** ........................................................................................3

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ ИҶТИМОӢ-ФАЛСАФИИ НИҲОДИ ОИЛА ВА АРЗИШҲОИ ИҶТИМОӢ**...........................................................................................15

1.1. Ниҳоди оила: мафҳум, моҳият ва нақши он дар гузашта ва дар ҷомеаи муосир................. .........................................................................15

1.2. Арзишҳои иҷтимоӣ, оилавӣ ва таъсири онҳо ба асосҳои аксиологии рушди ҷомеаи муосир ..............................................................48

1.3. Мавқеи ниҳоди оила дар бунёд, ҳифз, такрористеҳсолкунӣ ва рушди арзишҳои иҷтимоӣ.. ..........................................................................66

**БОБИ 2. ТАҒЙИРЁБИИ ВАЗИФАҲОИ ТАШАККУЛ ВА НИГОҲДОРИИ АРЗИШҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР ОИЛАИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОНӢ..........................................................................................85**

2.1. Ниҳоди оилаи тоҷикистонӣ дар даврони муосир ва дар шароити ҷомеаи ҷаҳонии тағйирёбанда.......................................................................85

2.2. Таъсири муносибатҳои нави иқтисодӣ ба моҳият ва сохтори муносибатҳои оилавӣ ва арзишҳои иҷтимоӣ дар Тоҷикистони муосир....................................................................................................107

2.3. Арзишҳои нави иҷтимоӣ, оилавӣ ва шаклҳои ҳозиразамони ташкили оила ва никоҳ дар ҷомеаи тоҷикистонӣ......................................125

**ХУЛОСА.......................................................................................................166**

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ.................................................................................................170**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ...............................................................................172**

**ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ..................191**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар марҳилаи муосири рушди худ ниҳоди оила дар ҷомеаи тоҷикистонӣ тағйиротҳое муҳимеро аз сар мегузаронад, вале он то имрӯз ҳам ба ҳайси умумияти таърихӣ, ки ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсир мерасонад, ҳамчун муҳимтарин ниҳоди иҷтимоишавии шахсият, интиқолдиҳандаи таърихии арзишҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, этникӣ ва ахлоқӣ мақоми худро аз даст надодааст. Бо ҳамин сабабҳо, дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ таваҷҷуҳи зиёд ба масъалаҳои муҳаббат, издивоҷ, оила дар ҳама синну сол боқӣ монда, тарбияи аввалини инсон ҳамчун мавҷуди иҷтимоӣ ва ташаккули арзишҳои иҷтимоӣ дар ӯ маҳз дар оила сурат мегирад. Аммо равандҳое, ки имрӯз дар ин ниҳоди муҳимми иҷтимоӣ бар асари ҷаҳонишавӣ мушоҳида мешаванд, ба оилаҳои Тоҷикистон низ бетаъсир набуда, онҳо ба таҳаввулоти назаррас мувоҷҷеҳ шуда истодаанд, ки, ба ақидаи аксари муҳаққиқони соҳа, фалокатбору харобиовар буда метавонад. Аз ин рӯ, таҳқиқи масъалаи нақши оила дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ дар даврони муосир ва мақоми он дар ташаккули арзишҳои иҷтимоии аъзои ҷомеа, махсусан наврасону ҷавонон, диди навро аз нигоҳи илми муосир бо мақсади ошкор сохтани тағйироти дар моҳияти он бавуҷудомада ва паёмадҳои онро барои ҷомеаи муосири мо, ки то ҳол нишонаҳои асосии ҷомеаи анъанавиро нигоҳ доштааст, мубрам мегардонад.

Аз ин хотир, инсон бояд ҳамаҷониба омодаи зиндагии комил дар оила бошад ва баҳри расидан ба мақсадҳои неки зиндагӣ, ҳам аз ҷиҳати руҳонӣ ва ҳам аз ҷиҳати иқтисодию ҷисмонӣ худро омода созад. Ин нуқтаро Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соли 2015 зимни ироаи Паёми солонаашон ба Маҷлиси Олӣ таъкид карда буданд, ки “ҷомеаи солим аз оилаи солим ва насли солим ташаккул меёбад. Вобаста ба ин

пешниҳод менамоям, ки соли 2015 дар кишвар “Соли оила” эълон карда шавад”[1].

Солимии ҷисмонӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии насли наврасу ҷавонон солимии тамоми миллат аст. Аз ин рӯ, омӯзиши ниҳоди оила, мавқеъ ва нақши он дар ҳаёти шахс ва ҷомеа дар даврони муосир бо сабабҳои зерин муҳим мегардад: таърихи рушди инсоният нишон медиҳад, ки то ҳол ягон ҷомеа бе оила ҳамчун танзимгари тартиботи мушаххаси иҷтимоии ҷомеа амал карда наметавонист ва наметавонад; оила ягона ниҳоди иҷтимоии беназир дар “такрористеҳсолкунӣ” ва тарбияи инсон буда, ҳамчун интиқолдиҳандаи иттилооти иҷтимоӣ, фарҳангӣ, этникӣ баромад мекунад ва дар оянда низ бо вуҷуди тағйироти куллӣ ин вазифаҳои худро аз даст намедиҳад; ба монанди оила ягон ниҳоди дигари ҷамъиятӣ, давлатӣ, иҷтимоӣ имрӯз масъалаи танҳоии равонии одами муосирро пурра ҳал карда наметавонад.

Ҳамзамон, дар шароити муосир мушкилоте чун рафторҳои девиантӣ вуҷуд доранд, ки имрӯз дар ҷомеа мушоҳида шуда, сар задани онҳо, аз ҷумла, ба вазъи ногувори қисме аз оилаҳо вобаста аст. Пешгирӣ ва бартараф намудани чунин душвориҳо танҳо бо бунёд сохтани ниҳоди комилҳуқуқ ва муосири оила, ки ба арзишҳои зарурии иҷтимоӣ такя мекунад, имконпазир мегардад. Аз ин рӯ, таҳқиқи масъалаи мазкур вазифаи амалию ҳаётан муҳим барои ҷомеаи тоҷикистонӣ буда, баррасии амиқи илмӣ ва иҷтимоӣ-фалсафии ниҳоди оиларо дар давраи муосир ва нақши онро дар ташаккул ва рушди арзишҳои иҷтимоӣ тақозо менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Оила аз замонҳои қадим мавриди таваҷҷуҳи файласуфон, муаррихон, демографҳо ва дигар ҷомеашиносон қарор дошт. Дар таърихи афкори фалсафӣ мутафаккирон оид ба ниҳоди оила нуқтаи назари гуногун доштанд. Дар таълимоти онҳо оила ҳамчун

[1]Паёми Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23.01.2015 шаҳри Душанбе [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://president.tj/node/8136 (санаи муроҷиат ба сайт 12.01.2021)

падидаи иҷтимоию фарҳангӣ ва омили асосии иҷтимоигардонии ҷомеа dониста мешавад. Файласуфони гузашта, монанди Афлотун, Арасту, Конфутсий, Ф. Бэкон, М. Бубер, Т. Гоббс, Г.Гегел, И. Кант, К.Маркс, Ф.Энгелс, В. Соловьев, В.В.Розанов, Н.А.Бердяев, П.Флоренский Г.Спенсер, Э. Дюркгейм, Т. Парсонс, П. А. Сорокин, И.Бахофен, Л. Морган, Д. МакЛеннан, Э. Вестермар ва дигарон оид ба ин масъала таълимот ва ақидаҳои ҷолиб баён сохтаанд.

Тағйирпазирии ниҳоди оила дар давоми қарни XX асосан аз ҷониби ҷомеашиносон, файласуфон ва демографҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар байни муҳаққиқони Россия метавон С.Г. Громан, Л.П. Карсавин, П Сорокин, С.Я. Вулфсон, С.Я. Никольский, А.Г. Вишневский, С. Голод, М. Ковалевский, Е.П. Скрынник, А.Г. Харчев, А.Б. Синелников[2] ва дигаронро номбар кард, ки омилҳои вайрон шудани устувории оиларо қайд карда, онро пеш аз ҳама бо муносибатҳои нави иҷтимоию иқтисодии ҷомеа алоқаманд донистаанд.

Дар нимаи дуюми қарни XX муҳаққиқон масъалаҳои ниҳоди оиларо, аз нигоҳи нав баррасӣ намуда, бештар аз пештар қайд менамоянд, ки оилаи патриархалӣ мактаби хонагӣ буда, мушкилоти иҷтимоӣ ва шахсиятро комилан ҳал мекард. Аммо масъалаи зӯроварии оилавӣ ҷанбаи манфии оилаи патриархалиро ташкил медиҳад. Дар ин самт муҳаққиқи рус Н.В. Тулин дар асараш «Оила ва ҷомеа: аз низоъ то ҳамоҳангӣ», А.И. Савинов

[2] Громан, С.Г. Всебрачие будущего [Текст]: Пантагамия: Предсказание / С.Г. Громан. – СПб.: Мечта и жизнь, 1908. – 95 с.; Карсавин, Л.П. Путь православия [Текст] / Л.П. Карсавин. – М., 2003. – 557 с.; Сорокин, П. Кризис современной семьи [Текст] / П. Сорокин // Ежемесячный журнал. – 1916. – №2-3.; Вишневский, А.Г. Развитие человека и демографические процессы в России [Текст] / А.Г. Вишневский // Доклад о развитии человеческого потенциала в Российской Федерации. – М., 1999. – С.66-81.; Вольфсон, С.Я. Семья и брак в их историческом развитии [Текст] / С.Я. Вольфсон. – М., 1937. – 244 с.; Голод, С.И. Будущая семья: какова она? [Текст] / С.И. Голод. – М., 1990. – 64.; Ковалевский, М. Очерк происхождения и развития семьи и собственности [Текст] / М. Ковалевский. – 2-е изд. – М., 2007. – 149 с.; Скрынник, Е.П. Развитие и трансформация функций семьи [Текст] / Е.П. Скрынник // Социально-политическое развитие России проблемы, поиски, решения. – Ижевск, 1996. – С.98-105.; Харчев, А.Г. Брак и семья в СССР [Текст] / А.Г. Харчев. – М., 1979. – 367 с.; Борисов, Ю., Синельников, А.В. Семья и демографические тенденции [Текст] / Ю. Борисов, А.В. Синельников // Социальная защита населения: Обзор, информ. Сер.: Соц. помощь семье и детям. – М., 1995. – Вып.2. – С.1-113.

дар асараш “Оила ва ҷомеа: таърих, имрӯз ва нигоҳ ба оянда”[3] таҳқиқот бурдаанд.

Дар байни таълифоти муҳаққиқони ватанӣ пеш аз ҳама таҳқиқоти Раҳимзода Х., Шоисматуллоев Ш., Хушқадамова Ҳ., Калонов А. Г., Абилова Г.С., Тайғуншоева Ҷ.С., Назархудоева Л.Т., Маҳмудов М.А., Баҳромбеков А., Ҳакимова З.А., Миров Ф.С., Ҳодибоев Ф.А., Дадобоева Н.Н., Насурова Б., Бобохонова Н., Шоихтиёров Х., Исломов С.[4] ва дигарон қобили таваҷҷуҳи хосса мебошанд.

---

[3] Тулин, Н.В. Семья и общество [Текст]: от конфликта к гармонии / Н.В. Тулин. – М., 1994. – 80 с.; Савинов, Л.И. Семья и общество, история, современность и взгляд в будущее [Текст] / Л.И. Савинов. – Саранск: Морд, ун-та, 1992. – 144 с.

[4] Рахимзода, Х. Влияние социальных институт воспитания на нравственную подготовку старшеклассников к семейной жизни [Текст]: дисс... д-ра. пед. наук / Рахимзода Хуррам. – Душанбе, 1999. – 356 с.; Рахимов, Х. Прогрессивные традиции таджикского народа как средство подготовки старшеклассников к семейной жизни [Текст]: автореф. дисс... канд. пед. наук / Рахимов, Хурам. – Алма-Ата, 1990. – 18 с.; Шоисматуллоев, Ш. Насилие в отношении женщин [Текст]: прошлое и настоящее / Ш. Шоисматуллоев. – Душанбе, 2005. – 248 с.; Шоисматуллоев, Ш. Таджикистан в зеркале преемственности и смены поколений [Текст] / Ш. Шоисматуллоев. – Душанбе: Ирфон, 2008. – 320 с.; Хушкадамова, Х.О. Социальный статус женщины в современном таджикистанском обществе [Текст]: дисс... д-ра. социо. наук / Хушкадамова Халимахон Отамбековна. – М., 2013. – 315 с.; Махмудов, М.А. Правовые проблемы сохранения и укрепления семьи в Таджикистане [Текст]: автореф. дисс... д-ра. юрид. наук / Махмудов Махкам Азамович. –Душанбе, 1998. – 57 с.; Калонов, А.Г. Роль семьи в формировании жизненных ориентации молодежи [Текст]: дисс... канд. филос. наук / Калонов Аскаршо Гозиевич. – Душанбе, 2000. – 150 с.; Абилова, Г.С. Духовно – нравственные основы семьи (на примере Республики Таджикистан) [Текст]: автореф. дисс... канд. филос. наук / Абилова Гуландом Сардоровна. – Душанбе, 2011. – 27 с.; Хакимова, З.А. Культурно-антропологические концепции семьи в практической философии восточных перипатетиков [Текст]: дисс... канд. филос. наук / Хакимова Зумрадхон Абдухафизовна. – Душанбе, 2012. – 147 с.; Ҳакимова, З. Масъалаҳои оила ва оиладорӣ дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик [Матн] / З. Ҳакимов. – Душанбе: Нури маърифат, 2010. – 204 с.; Баҳромбеков, Д.А. Кори иҷтимоӣ бо оила [Матн] / Д.А. Баҳромбеков, Ҷ.Д. Ҷӯраев, Х. Зеваров, Ф. Миров, К. Шоев. – Душанбе: Истеъдод, 2012. – 288 с.; Тайгуншоева, Дж.С. Семейный этикет в системе традиционной и современной культуры таджиков [Текст]: дисс... канд. пед. наук / Тайгуншоева Джахонгул Саодатшоевна. – Душанбе, 2015. – 187 с.; Назархудоева, Л.Т. Современная семья в Таджикистане: Состояние и проблемы функционирования и развития (социально-философкий анализ) [Текст]: дисс... канд. филос. наук / Назархудоева Лола Тошбековна. – Душанбе, 2016. – 153 с.; Ҳодибоев, Ф.А. Ҷавонон ва оиладорӣ. Пешвои миллат ва таҳқиқи муаммоҳои иҷтимоӣ [Матн] / Ф.А. Ҳодибоев. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2020. –212 с.; Ҳодибоев, Ф.А. Хонавода ва мушкилоти оиладорӣ [Матн] / Ф.А. Ҳодибоев. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2015. – 84 с.; Дадабоева, Н.Н., Дадабоев, Н. Ташаккули муносибатҳои оилавӣ ва анъанаҳои оилаи тоҷик [Матн]: дастури таълимӣ / Н.Н. Дадабоев, Н. Дадабоев. – Хуҷанд, 2014. – 164 с.; Исломов, С.И. Семья и быт [Текст] / С.И. Исломов. – Душанбе: Ирфон, 1988. – 176 с.; Давлатов, М., Муминова, С. Психологияи зӯроварӣ дар оила [Матн] / М. Давлатов, С. Муминов. – Душанбе: Матбуот, 2006. – 60 с.; Аминжонов, А.Х. Хусусиятҳои ташаккул ва инкишофи институтҳои асосии оилавӣ-ҳуқуқӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик: давраи ҳуқуқи зардуштӣ ва мусулмонӣ [Матн]: автореф. дисс... номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ / Аминжонов Абдураззок Худойшукурович. – Душанбе, 2018. – 30 с.; Насурова, Б.А. Социальные проблемы формирования молодежи в трансформирующемся таджикистанском обществе: социально-философский анализ [Текст]: автореф. дисс.. канд.

Аз ҷумла, академик Х. Раҳимзода дар таҳқиқоти илмии худ проблемаҳои мустаҳкам намудани оила,[5] Назархудоева Л.Т. оилаи муосир, инчунин раванди муҳоҷират ва таъсири он ба мустаҳкамии оила[6], Тайғуншоева Ҷ.С. масъалаҳои этикети оилавӣ дар системаи анъанавӣ ва муосири маданияти тоҷик[7], Ҳакимова З.А. ба масоили оилаю оиладорӣ дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик[8], Ҳодибоев Ф.А. ба мавзуи хонавода ва мушкилоти оиладорӣ[9], Маҳмудов М.А. проблемаҳои ҳуқуқии нигоҳдорӣ ва мустаҳкамкунии оила[10] ва Абилова Г.С. асосҳои маънавию ахлоқии оиларо дар мисоли Тоҷикистон[11] таҳқиқ кардаанд.

Дар маҷмуъ, новобаста аз омӯзиши васеи масоили номбаршуда дар адабиёти илмӣ, қайд кардан зарур аст, ки хусусиятҳои асосии мавзуъ то ҳол дар илми ватанӣ ба қадри зарурӣ предмети таҳқиқи иҷтимоӣ-фалсафӣ қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, муаллиф бо такя ба адабиёт ва сарчашмаҳои мавҷуда кӯшиш ба харҷ додааст, ки ба мантиқи ботинии он, ки дар муносибатҳои ниҳоди оила ва муносибатҳои оилавӣ руй медиҳанд, ворид шуда, таҳаввули муносибатҳои оилавиро дар давоми даҳсолаҳои охир таҳлил ва пайгирӣ намояд, нақши ниҳоди оиларо дар раванди эъмори

---

филос. наук / Насурова Бехру Асадуллоевна. – Душанбе, 2012. – 28 с.; Бобохонова, Н.З. Эволюция социальных функций образования в Республике Таджикистан в период независимости [Текст]: дисс... канд. социо. наук / Бобохонова Нилуфар Зиёратшоевна. – Душанбе, 2022. – 154 с; Шоихтиёров, Х. Понятие семьи (дома), её необходимость и функции по Насириддину Туси [Текст] / Х. Шоихтиёров // Сборник: Научные работы преподавателей ТГУК. – Душанбе: Ирфон, 2007. – С.206-212 ва ғайра.

[5] Рахимзода, Х. Влияние социальных институт воспитания на нравственную подготовку старшеклассников к семейной жизни [Текст]: дисс... д-ра. пед. наук / Рахимзода Хуррам. – Душанбе, 1999. – С.1-2.

[6] Назархудоева, Л.Т. Современная семья в Таджикистане: Состояние и проблемы функционирования и развития (социально-философкий анализ) [Текст]: дисс... канд. филос. наук / Назархудоева Лола Тошбековна. – Душанбе, 2016. – 153 с.

[7] Тайгуншоева, Дж.С. Семейный этикет в системе традиционной и современной культуры таджиков [Текст]: дисс... канд. пед. наук / Тайгуншоева Джахонгул Саодатшоевна. – Душанбе, 2015. – 187 с.

[8] Ҳакимова, З. Масъалаҳои оила ва оиладорӣ дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик [Матн] / З. Ҳакимов. – Душанбе: Нури маърифат, 2010. – 204 с.

[9] Ҳодибоев, Ф.А. Ҷавонон ва оиладорӣ. Пешвои миллат ва таҳқиқи муаммоҳои иҷтимоӣ [Матн] / Ф.А. Ҳодибоев. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2020. –212 с.; Ҳодибоев, Ф.А. Хонавода ва мушкилоти оиладорӣ [Матн] / Ф.А. Ҳодибоев. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2015. – 84 с.

[10] Махмудов, М.А. Правовые проблемы сохранения и укрепления семьи в Таджикистане [Текст]: автореф. дисс... д-ра. юрид. наук / Махмудов Махкам Азамович. –Душанбе, 1998. – 57 с.

[11] Калонов, А.Г. Роль семьи в формировании жизненных ориентации молодежи [Текст]: дисс... канд. филос. наук / Калонов Аскаршо Гозиевич. – Душанбе, 2000. – 150 с.

давлат ва ҷомеаи солим нишон диҳад. Ҳамаи инро ба назар гирифта, самти таҳқиқ муайян ва мавзуи он таҳти унвони «Нақши ниҳоди оила дар ташаккули арзишҳои иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ дар даврони муосир (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)» муқаррар карда шуд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи Нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров” ва «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмӣ-техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқот муайянсозии нақши ниҳоди оила дар ташаккул ва рушди арзишҳои иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ, аз ҷумла фарҳанги оиладорӣ дар даврони муосир ва таҳти таъсири раванди ҷаҳонишавӣ мебошад. Расидан ба мақсади мазкур ҳалли **вазифаҳои** зеринро талаб менамояд:

- муайян сохтани мафҳум, моҳияти ниҳоди оила ва нақши он дар ҷомеа, мушаххас сохтани роҳи таърихии инкишофи институти никоҳ ва оила дар заминаи равиши иҷтимоӣ-фалсафӣ;

- равшан сохтани моҳияти арзишҳои иҷтимоӣ, оилавӣ ва муносибатҳои оилавӣ ҳамчун микроҷамъият;

- муайян кардани мавқеи ниҳоди оила дар бунёд, ҳифз, такрористеҳсолкунӣ ва рушди арзишҳои иҷтимоӣ;

- ошкор сохтани хусусиятҳои ниҳоди оилаи муосири тоҷикистонӣ дар даврони муосир, таъсири мутақобилаи дигаргуниҳое, ки дар оилаи муосири тоҷикистонӣ ба амал меоянд ва намудҳои рафтори харобиовар, девиантӣ, ки дар ҷомеаи муосири тоҷик мушоҳида мешаванд;

- мушаххас намудани таъсири муносибатҳои нави иқтисодӣ, тамоюлҳои демографӣ ба моҳият ва сохтори муносибатҳои оилавӣ ва арзишҳои иҷтимоӣ дар Тоҷикистони муосир ва дурнамои рушди оила дар он;

- муайян намудани арзишҳои нави иҷтимоӣ, оилавӣ ва шаклҳои ҳозиразамони ташкили оила ва никоҳ дар ҷомеаи тоҷикистонӣ ва муносибатҳои ахлоқии издивоҷи гурӯҳи ҷавонон, муносибати онҳо ба арзишҳои оилавӣ, ки шарти пешгӯии намудҳои рафтори издивоҷ мебошад;

- омӯзиши самтгирии арзишӣ, нишондодҳои меъёрӣ ва намунавии наврасону ҷавонон нисбат ба никоҳ ва бунёд сохтани оила.

**Объекти таҳқиқот:** ниҳоди оила, арзишҳои оилавӣ ва таъсири онҳо ба асосҳои аксиологии инкишофи ҷомеа.

**Предмети таҳқиқот:** табиат ва хусусиятҳои хоси ниҳоди оила дар ҷомеаи тоҷикистонӣ дар даврони муосир ва нақши онҳо дар ташаккули арзишҳои иҷтимоӣ.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Диссертатсия таҳқиқи моҳияти оиларо аз даврони қадим то имрӯз ва нақши ниҳоди оиларо дар ташаккули арзишҳои иҷтимоӣ дар даврони муосир фаро мегирад.

**Асосҳои назариявию методологии таҳқиқот**. Хусусияти хосси мавзуи илмӣ, предмет, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия тақозо менамояд, ки нисбати таҳқиқи ин масъала равиши байниилмӣ, ки асосашро шакл ва усулҳои назариявии дараҷаҳои маърифат ташкил медиҳанд, истифода карда шавад. Инчунин, дар тахқиқот таҳлили бонизом, усулҳои таҳлил ва таҷрид, таҳлили муқоисавӣ, умумиятдиҳӣ, принсипи таърихият, методи диалектикӣ, равишҳои институтсионалӣ ва синергетикӣ истифода шудаанд. Ба сифати асоси методологии таҳқиқот ғояҳо ва хулосаҳои файласуфони ватанию хориҷӣ, сиёсатшиносон, ҷомеашиносон, диншиносон ва равоншиносон оид ба ниҳоди оила ва вазифаҳои он истифода шудаанд.

**Асосҳои эмпирикии таҳқиқотро** натиҷаҳои таҳқиқотҳои сотсиологӣ, далелҳои мансуб ба адабиёти илмии соҳа ва маълумоти оморӣ ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи меъёрӣ-эмперикии** таҳқиқотро меъёрҳои дар методологияи таҳқиқоти илмӣ муайянгардида, аз қабили таҳлили ратсионалӣ, баррасии воқеъбинонаи далелҳои муътамаду асоснок ташкил додаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар нуктаҳои зерин таҷассум ёфтааст:

– фаҳмиши муаллифии ниҳоди оила коркард ва пешниҳод шудааст, ки тибқи он оила яке аз навъҳои танзими самарабахши иҷтимоӣ,

нишондиҳандаи устуворӣ ва пойдории низоми муносибатҳои муосири иҷтимоӣ, асоси ягонагии иҷтимоии ҷомеа муайян шудааст;

– хусусияти дугонаи танзими иҷтимоии оила - институтсионалӣ ва ғайриинститутсионалӣ муқаррар шудааст, ки дар натиҷаи онҳо дар ҳар як организми мушаххаси иҷтимоӣ иерархияи арзишҳои оилавӣ ва арзишҳои худи оила ва ҷомеа ба вуҷуд меояд;

– хусусиятҳои дигаргуншавии оила ҳамчун арзиши иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ муайян карда шудааст, ки дар натиҷаи алоқамандӣ бо тафаккури суннатӣ, хусусияти зиддиятноки арзишҳои нав, ки мазмуни онҳо ҳамчун маҳсули эклектикии номутобиқатии дохилии тамоюлҳои барқароркунӣ, навсозӣ ва устувории оила дар шароити ҷаҳоншавии олам ташаккул меёбад, ба вуҷуд меоянд;

– бори аввал кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки заминаҳо ва омилҳое, ки садди роҳи рушди ниҳоди оила дар Тоҷикистон мегарданд, мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифта, таъсири манфии онҳо ба сохтори иҷтимоии ҷомеа нишон дода шавад;

– дурнамо, хатар ва таҳдидҳои мавҷуда дар ростои ниҳоди оила ва роҳҳои маҳдуд намудани он дар шароити Тоҷикистони муосир аз нигоҳи илмӣ муайян карда шудаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Оила гурӯҳи одамон ва ниҳоди иҷтимоӣ аст, ки дар асоси никоҳ ва алоқаҳои хешутаборӣ, ба таври озоду ихтиёрӣ ташкил шуда, баробарҳуқуқии аъзои худро нигоҳ медорад, хоҷагидории умумиро ба роҳ мемонад, муҳимтарин ҷузъи ҷамъияту давлат мебошад ва таҳти ҳимояти онҳо қарор дошта, аъзои худро тарбия мекунад ва арзишҳоро аз як насл ба насли дигар интиқол медиҳад. Дар чунин шакл пешниҳод намудани таърифи ниҳоди оила, албатта, то ҳол ҳам комил нест, вале он имкон медиҳад, ки на танҳо мафҳум, моҳият ва нақши он дар гузашта ва дар ҷомеаи муосир каме муфассалтар фаро гирифта шаванд, балки ба масъалаи

таъсири оила ва арзишҳои оилавӣ ба рушди ҷомеа низ равшанӣ андохта шавад.

2. Арзиш дар маҷмуъ он падидаҳоеро дар бар мегирад, ки барои шахс, гуруҳ ё ҷомеаи алоҳида ё худ, тамоми инсоният фоидаовар буда, на танҳо аллакай вуҷуд доранд, балки баъдан дастрас карда мешаванд ё ба ҳайси ҳадафу идеал баромад менамоянд. Арзишҳои иҷтимоӣ бошад, ҳамчун омиле, ки барои ҷомеа ва аъзои он ҳатман ба ягон натиҷаи иҷтимоӣ меоваранд ва арзишҳои оилавӣ ҳамчун арзишҳои иҷтимоие, ки ба оила ворид шуда, дар он ҳаёт ва мазмуни нав пайдо мекунанд, дар қатори дигар арзишҳои мавҷуда ва ташаккулёбанда, ба асосҳои аксиологии рушди ҷомеаи муосир, махсусан, дар даврони муосир таъсири бевосита мерасонанд.

3. Дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ, ки дар шароити дигар қарор дорад, масъалаи вазифаҳои иҷтимоии оила ҳамчун омиле, ки дар пешгирӣ ва ислоҳи намудҳои харобиовари рафтори девиантӣ нақши муҳим мебозанд, ба дигаргуниҳои тахти таъсири раванди ҷаҳонишавӣ суратгирифта нигоҳ накарда, муҳим арзёбӣ мешавад.

4. Оила дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ яке аз арзишҳои афзалиятноки шахсӣ боқӣ монда, дар даврони муосир дорои хусусиятҳои зерини иҷтимоӣ ва сохторӣ мебошад: оилаи нуклеарӣ, хурд, оилаи анъанавӣ бо унсурҳои падаршоҳӣ. Тамоюли рушди минбаъдаи оила асосан бо шароити дар сатҳи макросотсиалӣ мавҷудбуда муайян карда мешавад.

5. Ба равандҳои тағйирпазирии оила ва муносибатҳои оилавӣ равандҳои манфии иҷтимоию идеологӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ, инчунин тамоюлҳои умумиҷаҳонии тағйир ёфтани самтгирии арзишҳои оилавӣ ва шахсӣ таъсири ҳалкунанда доранд.

6. Ҳадафҳои сиёсати оилавӣ бояд ба ҳалли вазифаҳои зерин равона карда шаванд: баланд бардоштани нуфузи ниҳоди оила ва арзишҳои оилавӣ дар шуури омма; ба эътидол овардани институти никоҳ ва оила;

муҳайё намудани шароити иҷтимоию равонӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ барои бомуваффақият аз тарафи ниҳоди оила иҷро намудани ҳамаи вазифаҳое, ки шахсият ва ҷомеа дар маҷмуъ ба он ниёз доранд.

7. Модели идеализатсияшудаи оилаи ояндаи наврасон дар зери таъсири оилаи аслӣ, баъзе намунаҳои омӯхташудаи муҳити иҷтимоӣ, инчунин сохторҳои амиқи арзишҳои шахсиятро ташаккул дода, он аз самтҳои арзишмандии оилаи воқеӣ аз рӯи муносибатҳои гуногун фарқ мекунад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот.** Арзиши назариявии диссертатсия аз он иборат аст, ки мавод ва хулосаҳои умумии он фаҳмиши навро оид ба дарки ниҳоди оила ва нақши он дар ташаккули арзишҳои иҷтимоӣ дода, натиҷаҳои ба дастомадаи таҳлилӣ барои бунёд ва рушди ғояҳои илмӣ-назариявии ниҳоди оила ва дар ин замина таҳкими пояҳои давлати миллӣ мусоидат менамоянд. Арзиши амалии диссертатсия дар он аст, ки мазмуни асосӣ ва хулосаҳои диссертатсияро дар таҳияи консепсияи рушди оила, татбиқи амалии тадбирҳо оид ба таъмини устувории он, омода намудани курси лексияҳо, курсҳои махсус ва семинарҳо оид ба фанҳои фалсафаи иҷтимоӣ, сотсиология ва ғ. истифода бурдан имкон дорад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокӣ ва боварибахш будани натиҷаҳои илмии бадастомада бо заминаи омӯзиши ҳамаҷонибаи шумораи зиёди манбаъҳои илмӣ, истифода аз маҷмуи методҳои умумиилмӣ ва соҳавӣ ва далелҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда муайян мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ) мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ муаллифи диссертатсия асосҳои назариявии

ниҳоди оиларо дар доираи фалсафаи иҷтимоӣ мустақилона таҳқиқ кардааст. Дар доираи омӯзиши назарияҳои фалсафӣ, сотсиологӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, инчунин манбаъҳо, адабиёти илмӣ, ҳуҷҷатҳо ва ғайра муаллиф таърифи нави ниҳоди оиларо пешниҳод карда, навъҳои оила, омилҳои пошхӯрии оила ва роҳҳои пешгирии онҳоро нишон додааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Диссертатсия дар кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" иҷро гардида, дастовардҳо ва натиҷаҳои илмии муаллиф дар ҷаласаи васеи кафедраи номбурда муҳокима гардидаанд (протоколи №4 аз 27-уми октябри соли 2023). Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар конференсияҳои ҳарсолаи донишгоҳии устодону профессорон, инчунин дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар шакли маъруза баён шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 8 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд, нашр гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, ду боби фарогири шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 203 номгӯй иборат буда, матни диссертатсия дар ҳаҷми 192 саҳифаи компютерӣ дарҷ гардидааст.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ ИҶТИМОӢ-ФАЛСАФИИ НИҲОДИ ОИЛА ВА АРЗИШҲОИ ИҶТИМОӢ

## 1.1. Ниҳоди оила: мафҳум, моҳият ва нақши он дар гузашта ва дар ҷомеаи муосир

Дар таърихи инсоният оила аз куҳантарин шаклҳои умумияти инсонӣ маҳсуб ёфта, то имрӯз моҳият ва нақши он дар ҳаёти ҷамъиятӣ аз ҷониби олимони соҳаҳои гуногуни илмҳои фалсафа, ҳуқуқ, сиёсат, демография, равоншиносӣ, фарҳангшиносӣ, ҷомеашиносӣ, педагогика ва ғайра мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифтааст. Худи мафҳуми “оила” аз калимаи арабӣ гирифта шуда, маънияш хонавода, зану фарзанд ва хешу табор аст. Мафҳуми оиладорӣ бошад, аз ду ҷузъ – “оила” ва “дор” (ба маънои соҳиб) ва пасванди “ӣ” иборат буда, мансубиятро ифода мекунад ва ба маънои хонадорӣ  ва фарзанддорӣ истифода мешавад. Оила чун мафҳуми ҳуқуқӣ  иттифоқи озод, ихтиёрӣ ва баробарҳуқуқи одамоне мебошад, ки таҳти муҳофизати давлат қарор дорад.

Дар луғатномаи сотсиологии Collins мафҳуми «оила» чунин фаҳмида мешавад: «Гурӯҳи одамоне, ки бо якдигар алоқаи хешутаборӣ дошта, дар он калонсолон масъулиятро бар дӯш гирифтаанд ва ба тарбияи фарзандону писархонд ва ё духтархонд машғуланд» [12].

Дар консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд мешавад, ки оила ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ дар ҷомеа мавқеи махсуси худро дошта, вазифаҳои муайянро иҷро мекунад[13]. Иҷрои самараноки вазифаҳои он, ки унусурҳои тарбиявӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ, таъмини нуфуси аҳолӣ, робитаи наслҳо ва иҷтимоикунониро фаро мегиранд, ба раванди рушди ҷомеа таъсири бевосита мерасонад. Оила ҳамчун асоси ҷомеа таҳти ҳимояи

[12] Джери, Д., Джери, Дж. Большой толковый социологический словарь Collins [Текст] / Д. Джери, Дж. Джери; Пер. с англ. – М.: Вече. АСТ, 1999. – Т.2. – С.194.

[13] Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 декабри соли 2015, №801 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://komron.info/cr/konsepciyai-rushdi-oila/ (санаи муроҷиат ба сайт 1.10.2021)

давлат қарор дошта, дар марҳилаи кунунӣ ба он таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад, зеро ҳалли масъалаҳои демографӣ, солимии ҷомеа, ташаккули шахсиятҳои комил, худшиносу ватандӯст ва дорои ҳисси ифтихори баланди миллӣ маҳз тавассути дастгирии оила имконпазир мегардад.

Оила ҳамчун интиқолдиҳандаи таҷрибаи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар нигоҳдошти беҳтарин расму ойин ва анъанаҳои миллӣ аҳамияти муҳим дорад. Маҳз аз ҳамин сабаб, дар татбиқи самараноки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" нақши оилаҳо муҳим ба шумор меравад. Таъмини иҷрои Қонуни мазкур на танҳо баҳри нигоҳдошти ҷавҳари аслии расму ойинҳои миллӣ, пешгирии зиёдаравӣ ва ҳурофот, балки барои баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии оилаҳо низ аҳамияти калон дорад. Аз ин рӯ, бо мақсади баланд бардоштани масъулияти аъзои оила, бахусус занон, дар иҷрои Қонуни мазкур ташаккул ва тақвияти тафаккури ҳуқуқии аъзои оила зарур аст[14].

Оила ячейкаи асосӣ ва ибтидоии ҷамъияту давлат буда, дар ҳама давру замон мақому манзалати хосро доро буд ва мебошад. Он таҳкурсии бунёди зиндагии солим ва мураттаби инсонӣ буда, кафили таъмини тартиб, низом, қонун ва рушду пешрафти ҷомеа маҳсуб меёбад. Ба таъбири дигар, оила падидаи муқаддасе мебошад, ки барои эътимод ба оянда ҷамъият ва инсонҳоро неру ва боварӣ мебахшад.

Оила гурӯҳи хурди иҷтимоии ҷамъият аст, ки ба иттифоқи зану шавҳарӣ ва алоқаи хешовандӣ, яъне ба муносибатҳои бисёрҷабҳаи байни зану шавҳар, волидону фарзандон, бародарону хоҳарон ва дигар хешовандони якҷоя истиқоматкунанда ва дорои хоҷагии умумӣ асос меёбад.

[14] Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 декабри соли 2015, №801 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://komron.info/cr/konsepciyai-rushdi-oila/ (санаи муроҷиат ба сайт 1.10.2021)

Бо таъбирии дигар бошад, оила муҳимтарин ячейкаи ҷамъияту давлат мебошад, зеро маҷмӯи оилаҳо ҷамъиятро ба вуҷуд оварда, устуворӣ ва ноустувории давлат ба он вобастагӣ дорад. Чӣ қадаре ки оила мустаҳкам бошад ва волидон фарзандони худро дар руҳияи ватандӯстӣ, инсонгарой, хештаншиносӣ ва донишомӯзӣ тарбия намоянд, ҷамъият низ худро ҳамон қадар устувор нигоҳ медорад ва дар оянда ба самараи дилхоҳ ноил мегардад[15].

Бояд тазаккур дод, ки оила ҳамчун муҳимтарин шакли мавҷудияти инсон аз ҷониби мутафаккирони руси асрҳои XIX ва XX мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор гирифтааст. Файласуфон ва ҷомеашиносони рус ва дигар кишварҳо ниҳоди оиларо мувофиқи ақидаҳо, принсипҳо ва меъёрҳои замони худ таҳлил кардаанд. Аммо вазифаи муттаҳидкунанда барои аксарияти муҳаққиқон, аз ҷумла барои илми тоҷик дар ибтидои асри XX, ҷустуҷӯи ҷавоб ба чунин савол гардид, ки хусусияти тағйироти мазмуни муносибатҳои оилавию никоҳӣ чӣ гуна аст ва оилаи тоҷикистонӣ ва ё дигар ҷомеаҳоро чӣ гуна оянда интизор аст?

Дар ин росто инчунин бояд қайд кард, ки масъалаи издивоҷ ва муносибатҳои оилавӣ дар ҷомеаи тоҷикистонӣ, махсусан дар марҳилаи муосир, фаъолона баррасӣ шуда истодааст. Аз ҷумла, дар ибтидои аср пешгӯии оянда, ки бо раванди ҷамъбасти натиҷаҳои асри гузашта алоқаманд аст, мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт ва боиси тез шудану шиддат гирифтани дарки дониши дар ин самт ҷамъшуда гардид. Ҳамаи масъалаҳои муҳим, аз ҷумла масъалаҳои муносибатҳои оилавию никоҳӣ ба доираи баҳс кашида шуданд. Ба ин доира, пеш аз ҳама, ниҳоди оила ворид карда шуд, ки дар ҷомеаи муосир ба тағйирпазириҳои ҷиддӣ мувоҷеҳ гаштааст.

Дар марҳалаҳои таърихию этнографии  ба мо наздик, яъне дар охири асри XIX ва аввали асри XX дар байни тоҷикҳо оилаи ҷуфт (моногам)

---

[15] Ҳодибоев, Ф.А. Хонавода ва мушкилоти оиладорӣ [Матн] / Ф.А. Ҳодибоев. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2015. – С.8.

ҳукмрон буда, инчунин оилаҳои калони патриархалӣ вуҷуд доштанд. Ҳатто оилаҳое мавҷуд буданд, ки шумораи аъзояшон бештар аз 20 нафарро ташкил дода, ҳамаи онҳо якҷоя истиқомат мекарданд. Оилаи калон фарогири падаркалону модаркалон, фарзандони мардинаи онҳо бо ҳамсар ва набераҳоро буд, ки ҳамаи онҳо дар замини наздиҳавлигӣ якҷоя кору фаъолият намуда, ризқашонро бо меҳнати дастаҷамъона дарёфт мекарданд.[16] Чунин оилаҳои калони патриархалӣ дар солҳои 30-юми асри XX низ вуҷуд дошта, он аз марҳилаи ба гирдоби сохтори нави капиталистӣ кашида шудани давлат ва ҷорӣ шудани муносибатҳои моливу пулӣ оғоз шуда буд.

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки инсоният дар раванди таҳаввулоти ҳаёти хеш арзишҳоеро офаридаву коркард кардааст, ки дар ташаккули бонизоми ҷомеа ва камолоти маънавии насли башар нақши босазо гузоштаанд. Аз зумраи ин гуна дастовардҳои муҳимтарину арзишнок «оила» мебошад. Оила на танҳо фарогирандаву ифодакунандаи як гурӯҳи мушаххаси ҷамъиятӣ, балки ҳамчун институти иҷтимоие ба ҳисоб меравад, ки дар он хишти нахустини бунёди сифатии шахс, ташкили ҷомеа, тарбияи инсон ва ба камолот расонидани он ҳамчун шахсияти созанда гузошта мешавад. Ҳамин аст, ки бештари муҳаққиқон «оила»-ро гурӯҳи хурди иҷтимоӣ, ниҳоди нахустин ва муҳимтарини иҷтимоӣ, инчунин, заминаи бунёдии ҷомеа эътироф кардаанд. Қисмати дигари донишмандон бар онанд, ки «оила» ин системаи робитаҳои зану мард мебошад, ки фарзандон низ баъдан ба он ворид мегарданд. Аз ҷумла, ҳуқуқшиноси рус Г.Ф.Шершеневич ба таҳқиқи масъалаи мавриди назар пардохта, зикр менамояд, ки «Оила – ин ҳамзистии муназзами зан, шавҳар ва кӯдакон ба шумор рафта, муттаҳидшавии шахсонеро дарбар мегирад, ки бевосита бо

[16] Кисляков, Н.А. Семья и брак у таджиков по материалам конца XIX-начала XX вв. [Текст] / Н.А. Кисляков. – М.-Л.: АН СССР, 1959. – С.35.

никоҳ алоқамандӣ доранд». [17] Аммо, ба ақидаи мо, ба ин маънӣ фаҳмидани мафҳуми «оила», онро хеле маҳдуд мекунад, зеро оила ғайр аз муносибати ҳамсарон муносибати фарзандон ва хешу ақраборо низ, ки берун аз робитаи никоҳӣ фаъолият менамоянд, фаро мегирад.

Дар луғати тафсирии Д.Н.Ушаков ниҳоди оила чунин тафсир мешавад. "Оила иттиҳоди одамонест, ки ба он волидайн, фарзандон, наберагон ва хешовандони наздик дохил шуда ва ҳадафҳои умумӣ дошта, якҷоя зиндагӣ менамоянд."[18]

Сотсиологи англис Э.Гидденс масъалаи оиларо ҳамаҷониба пажӯҳиш карда, қайд менамояд, ки "Оила гурӯҳи одамоне мебошад, ки алоқаи бевоситаи хешутаборӣ дошта, масъулияти нигоҳубини фарзандон ба дӯши аъзоёни бузургсоли онҳо мебошад. Робитаи хешутаборӣ муносибатҳое мебошанд, ки ҳангоми издивоҷ ба вуҷуд меоянд ё дар натиҷаи робитаи хунии байни шахсон (падарон, модарон, фарзандон, бибиҳо, бобоҳо ва ғ.) инкишоф меёбанд. Издивоҷро метавон ҳамчун иттиҳоди ду нафар тафсир кард, ки аз ҷониби ҷомеа эътироф ва қабул шудааст. Шахсони оиладор бо ҳам хешутаборӣ пайдо мекунанд ва уҳдадориҳои онҳо бо издивоҷ доираи васеъи одамонро, ки байни ҳам робитаи хешутаборӣ доранд, мепайвандад"[19].

Оид ба таҳқиқи масъалаи пайдоиш ва рушди оила сухан гуфта, бояд таъкид намуд, ки масъалаи бунёди оила ва ҳикмати оиладорӣ ҳанӯз аз даврони пешин таваҷҷуҳи андешамандонро ба худ ҷалб намуда, дар маркази афкори донишмандон оид ба масъалаҳои фалсафаи амалӣ қарор гирифтааст. Гарчанде масъалаи мазкур дар тамоми тамаддунҳо мавқеи намоёнро ишғол карда бошад ҳам, вале «баҳси аслӣ атрофи он дар Юнони қадим шурӯъ гардида, бунёду собиқаи он дар ин кишвар дар қолаби

[17] Шершеневич, Г.Ф. Учебник русского гражданского права [Текст] / Г.Ф. Шершеневич. – М., 1915. – Т.2. – С.162.
[18] Толковый словарь русского языка [Текст]: в 4 т. / Под ред. Д.Н. Ушакова. – М.: Гос. ин-т «Сов. энцикл»; ОГИЗ; Госнзд-во иностр. и нац. слов., 1935-1940.
[19] Гидденс, Э. Социология [Текст] / Э. Гидденс. – М.: Едиториал УРСС, 2005. – С.156.

махсуси фикрӣ рехта шудааст»[20]. Аз ҷумла, Афлотун дар китобҳои худ «Қонунҳо» ва «Давлат» ба масъалаи тарбияи зану фарзанд, ки масоили марказии ҳикмати оиладорӣ ҳастанд, таваҷҷуҳ намуда, муҳиммияти оиларо ҳамчун сохтори тарбияткунандаи инсон, ки дар ташкили давлат нақши калидӣ дорад, махсус қайд менамояд. Бо вуҷуди он, ки оила дар таълимоти мутафаккир ба таври алоҳида мавриди баррасӣ қарор нагирифта бошад ҳам, вале маълум мегардад, ки ин ниҳоди хурди иҷтимоиро, ки дар асоси он давлат таъсис меёбад, Афлотун эътироф карда, онро муҳим мешуморад.

Идомаи таълимот доир ба оила ва ҳикмати оиладорӣ ба фаъолияти Арасту робита дорад. Арасту аввалин мутафаккирест, ки ҳангоми табақабандии илмҳо «сиёсати манзилӣ»-ро ба фалсафаи амалӣ ворид кард ва мутафаккирони баъдӣ бо таъсир аз таълимоти ӯ ба он таваҷҷуҳи хосса намуданд. Мутафаккир бахши аввали китоби «Сиёсат»-и худро ба баҳси тадбири манзил ихтисос дода, дар он кӯшидааст, ки масъалаҳоро дар бораи муносибати байни зану шавҳар ва ё робитаи байни ҳамсарон, хоҷа ва ғулом, падару фарзанд ва роҳҳои ба даст овардани мол[21] ба миён гузошта, аҳаммияти онро дар ташкили ҷомеа ва давлат исбот намояд. Арасту дар фалсафаи сиёсии худ таъкид месозад, ки «ҳар шаҳре аз хонаводаҳо фароҳам меояд.»[22] Ҷиҳати исботи ин андешаи худ мутафаккир иброз медорад, ки тарбия муҳимтарин воситаест, ки инсонро такмил дода, ба ҷомеа интиқол ва ҷамъиятро бо шахсиятҳои созанда пурра месозад. Назари мазкурро Арасту дар «Ахлоқи Никомах», ки ба писараш бахшида буд, инкишоф дода, оиларо чун фазои мувофиқ барои тарбияи фард ва ташаккулдиҳандаи сифатҳои иҷтимоии он муаррифӣ менамояд.

Ҷоиз ба ёдоварист, ки Арасту масъалаи тадбири манзилро ҳам дар осори ахлоқӣ ва ҳам сиёсии худ баррасӣ кардааст, ки гувоҳ аз таваҷҷуҳи

---

[20] Ҳакимова, З. Масъалаҳои оила ва оиладорӣ дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик [Матн] / З. Ҳакимов. – Душанбе: Нури маърифат, 2010. – С.27.
[21] Аристотель. Собрание сочинение [Текст]: в 4 т. / Аристотель. – М.: Мысль, 1983. – Т.4. – 830 с.
[22] Ҳамон ҷо. – С.39.

ҷиддии ӯ ба масъалаи мавриди назар мебошад. Мутафаккир дар китоби «Сиёсат» таъкид месозад, ки «ҳар гуна давлат ифодакунандаи муносибати некхоҳона мебошад, зеро ҳар гуна муносибатҳои инсон нисбат ба якдигар ба некӣ равона шуда, кӯшиши дар худ ифода кардани дигар муносибатҳоро дорад. Маҳз ҳамин муносибат, давлат ё ин ки муносибати сиёсӣ номида мешавад»[23].

Бояд таъкид намуд, ки аз Арасту дида, масъалаи оиларо мутафаккири дигари юнонӣ Брасис ё Брусен (Bryson) васеътар ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Брусен дар асри II мелодӣ зиндагӣ ва эҷод карда, намояндаи ҷараёни навпифагорӣ ба ҳисоб меравад. Ӯ асари махсусеро зери унвони «Тадбири манзил» иншо кардааст, ки ба ташаккули минбаъдаи таҳқиқи масоили оила ва оиладорӣ таъсири назаррас гузоштааст.

Тибқи маълумоти сарчашмаҳо, нусхаи аслии асари Брусен боқӣ намонда, балки тарҷумаи арабии он «Китоб-ул-Барсис фи тадбир-ур-раҷул манзила» (Китоби Барсис оид ба оиладорӣ) дастраси донишмандони асримиёнагӣ гардида, пасон аз арабӣ ба забонҳои дигар тарҷума шудааст. Чунонки муҳаққиқи тоҷик З.А. Ҳакимова таъкид мекунад, Ибни Надим асари зикршударо таҳлил намуда, менависад, ки «аз миёни осоре, ки ба забони арабӣ тарҷума шудаанд, рисолаи «Тадбири манзил»-и Брусен беҳамто ва хеле муҳим аст»[24].

Дар рисолаи «Тадбири манзил»-и Брусен мафҳум ва моҳияти «оила» ба ҳайси ниҳоди бунёдии ҷомеа, ки дорои вазифаҳои мушаххас, масъулиятҳои махсус ва мактаби тарбияи сифатҳои шахс, ҳамчун макони тарбия ва ба камолрасонандаи инсон мебошад, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Инчунин, масъалаҳои ташкили оила, сарват ва дороии аъзоёни оила, ҷойгоҳи зан ва фарзандон низ, дар асари мазкур аз назари

---

[23] Аристотель. Политика [Текст]: наука, об управлении государством / Аристотель. – М.: Эксмо; СПб.: Terra Fantastica, 2003. – С.309-310.

[24] Хакимова, З.А. Культурно-антропологические концепции семьи в практической философии восточных перипатетиков [Текст]: дисс... канд. филос. наук / Хакимова Зумрадхон Абдухафизовна. – Душанбе, 2012. – С.43.

мутафаккир дур намондаанд. Брусен асари худро бо муқаддимае дар бораи заруратҳои зиндагии ҷомеъ ё якҷояи одамон, ки ба мақсади ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ, эҳтиёҷ ба пул, тиллову нуқра, мис ва муомилоти онҳо бахшида шудааст, шуруъ менамояд. Мутафаккир баъдан ба баёни матлабҳое дар бораи ба даст овардан ва ҳифзу истифодаи молу чиз мепардозад, ки ба сохтор ва вазифаҳои оила дахл доранд.

Бо таъсирпазирӣ аз таълимоти Арасту файласуфони минбаъда «тадбири манзил» ва ё ҳикмати оиладориро дар маркази сегонаи ҳикмати амалӣ, яъне, таҳзиби ахлоқ (қисми аввал), тадбири манзил (қисми дуюм) ва сиёсати мудун (қисми сеюм) мавриди баррасӣ қарор дода, нақши онро ҳам дар ташаккули ахлоқи фардӣ ва ҳам муназзамсозии муносибатҳои иҷтимоӣ ҳалкунанда шумурдаанд. Аз ин ҷост, ки таҳлили масъалаи мазкурро дар осори фалсафии мутафаккирону ҳакимони тоҷику форс ба таври возеҳ мушоҳида кардан мумкин аст. Инчунин сазовори таъкид аст, ки масъалаҳои сиёсат ва тадбири манзилро, ки дар низоми фалсафии Афлотун ва Арасту ҷой ва мақоми хоса доштанд, дар асрҳои миёна як гурӯҳ мутафаккирони форсу тоҷик бо тағйиротҳои бунёдӣ қабул намуда, дар осору таълифоти худ онҳоро инъикос кардаанд.

Дар таҳқиқоти олимони тоҷик қайд гардидааст, ки ба масъалаҳои дар боло зикршуда ҳанӯз Форобӣ диққати зиёд дода, таъкид сохта буд, ки зиндагии иҷтимоӣ барои инсонҳо як талаботи табиӣ аст, зеро инсон ба танҳоӣ аз уҳдаи талаботу ниёзҳои зиёди хеш намебарояд. Лекин дар ҷомеа танҳо бо тақсими кор метавон ин мушкилиро ҳал намуд[25].

Минбаъд дар таърихи афкори фалсафии халқи тоҷик масъалаи бунёди оила ва тадбири манзил мақоми намоёнро ишғол менамояд. Чунончи, мутафаккирони тоҷик, аз қабили Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Унсурмаолии Кайковус (Қобуснома), Закариёи Розӣ, Абуалӣ ибни Сино (Тадбири манзил), Имом Ғаззолӣ (Кимиёи саодат), Носири Хусрав, Насируддини

---

[25] Ҳакимова, З. Масъалаҳои оила ва оиладорӣ дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик [Матн] / З. Ҳакимов. – Душанбе: Нури маърифат, 2010. – С.5.

Тусӣ (Ахлоқи Носирӣ), Ҳусайн Воизи Кошифӣ, (Ахлоқи Муҳсинӣ), Мавлонои Балхӣ, Шамсуддин Муҳаммад Лоҳиҷӣ, Файзи Кошонӣ (Ахлоқи ҳасана) ва монанди онҳо дар таҳқиқи масъалаи оила ва тадбири манзил таълимоти назаррасеро ба вуҷуд овардаанд.

Оид ба ин масъала муҳаққиқи тоҷик Амирхон Ш.Т. дар монографияи худ бо номи "Фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ" қайд менамояд, ки "дар таърихи фалсафа «тадбири манзил» ё «сиёсати манзилӣ», гоҳо ҳамчун қисмати сиёсат (сиёсати манзилӣ - Арасту) ва дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик ба ҳайси шохаи фалсафаи амалӣ, ки масоили марбут ба оиладорӣ, аз қабили идораи оила, робитаҳои мутақобилаи байни аъзоёни оила, умури зарурии оиладориро танзим намуда, макони нахустини шаклдиҳандаи сифатҳои ахлоқӣ ва ҷамъиятии инсон мебошад, ба риштаи таҳқиқ кашида мешавад. Абунасри Форобӣ нахустин мутафаккире буд, ки дигар файласуфонро ба майдони баҳс доир ба масъалаи тадбири манзил кашидааст. Ин донишманд дар асари «Фусул-ал-маданӣ»-и худ аз масъалаҳои оиладорӣ таҳти унвони «Рабб-ул-манзил» ёд карда, шаҳру кишвар ва оиларо ба бадани инсон ташбеҳ мекунад[26]. Мутафаккир дар бораи тадбири манзил тавзеҳот дода, дар атрофи муносибатҳои аҳли оила, яъне марду завҷа, падару фарзанд, хоҷа ва банда, соҳиби молу мулк ишораҳо кардааст, ки ин ақидаи ӯ ба таълимоти дар китоби «Сиёсат»-и Арасту баёншуда хеле шабоҳат дорад.

Рисолаҳои «Тадбири манзил»[27] ё «Рисолат-ус-сиёсат»-и Ибни Сино ҳам, дар мавриди баррасии фалсафаи оиладорӣ (тадбири манзил) дорои арзиши баланди илмӣ буда, дар онҳо аз мавқеи ҳалкунанда доштани ин ниҳод дар ҷомеа ҷонибдорӣ мешавад. Ибни Сино дар рисолаи «Ақсоми улуми ақлия» менависад, ки «Ва аммо қисми дуввум, ки роҷеъ ба як ҷамоати махсус аст, онро «тадбири манзил» хонанд. Ва он чунон аст, ки инсон бидонад, ки чӣ гуна сазовор аст, амал кунад ва чӣ гуна тадбири

[26] Fusul al madina (AL-Farab) ca: ted…by D.M/Dunlop. – Cambridge U.P.1961.
[27] Сино, А. Осор [Матн] / А. Сино. – Душанбе, 2007. – Ҷ.4. – С.17-43.

умури манзилро намояд, то иртиботи ӯ бо завҷа ва авлоду хадама ва зердастон ба ваҷҳи некӯ ва тариқаи уқалоӣ шавад, то боиси саодат ва хушии ӯ гардад»[28].

Аз таърифи Ибни Сино маълум мегардад, ки «тадбири манзил» ҳам мутааллиқ ба ахлоқ ва ҳам ба сиёсат аст, ки ҳамрадиф бо таълимоти Арасту мебошад. Аммо, ба назари муҳаққиқи муосири эронӣ Муҳсин Маҳдӣ «тадбири манзил, мутобиқи андешаи Ибни Сино, наметавонад бунёде барои саодат бошад, аз ин рӯ он шохае аз илми ахлоқ дониста мешавад. Андешаи фавқро комилан пазируфтан имкон надорад, зеро Ибни Сино дар мавриди дигар тадбири манзилро бахши сиёсат ва танзимкунандаи умури хонавода дониста, онро «сиёсати аҳли оила, фарзандон ва наздикон» арзёбӣ карда, таъкид менамояд, ки «...марди ташкилдиҳандаи хонавода мудир ва соиси онҳо гашта ва онҳо дар таҳти сиёсату тадбири ӯ зиндагӣ мекунанд»[29].

Назари фавқуззикри Ибни Синоро мутафаккирони баъдӣ, аз ҷумла, Қутбиддин Шерозӣ пазируфта, ҷиҳати ифодаи мафҳуми «оила» баъзан мафҳуми «сиёсати манзилӣ»-ро ба кор мебаранд. Ба ҳар сурат, фаҳмиши Ибни Сино ва пайравони ӯ оид ба мафҳуми «оила» (ҳам мутааллиқ ба ахлоқ ва ҳам ба сиёсат) қобили пазириш аст, зеро шахси хушахлоқ ва хирадманд метавонад оилаи солим ташкил намуда, бо истифода аз сиёсати созанда онро идора ва танзим намояд.

Вобаста ба масъалаи оила Ибни Сино дар «Тадбири манзил» мефармояд: «ҳуқуқи фарзанд дар зиммаи падараш ин аст, ки ба вай номи некӯ бимонад. Сипас, дояи хубе барои ӯ интихоб кунад, ки аҳмақу бехирад ва бемор набошад, зеро чунон ки гуфта шудааст, шир сироят мекунад»[30] ва дар ин замина, ӯ 17 намуди сифоти занонро дар асараш чун хирадмандиву диндорӣ, бошармиву валуд, итоаткориву босабрӣ ва фурӯтаниро муҳим

---

[28] Муҳсин Маҳдӣ. Тартиб-ус-саодат [Матн] / Муҳсин Маҳдӣ. – Теҳрон, 1371. – С.13-14.
[29] Сино, А. Осор [Матн] / А. Сино. – Душанбе, 2007. – Ҷ.4. – С.24.
[30] Сино, А. Осори мунтахаб [Матн] / А. Сино. – Душанбе, 1980. – Ҷ.2. – С.24.

арзёбӣ менамояд[31]. Ба ақидаи Абуалӣ Ибни Сино, вақте ки инсон хонаю манзил сохта, барои рӯзгор молро захира кард, ба каси харҷкунандаи он низ муҳтоҷ мегардад. Зани ҳақиқӣ шавҳари худро дӯст медорад ва ҳамеша дар хусуси муҳаббати ӯ фикр мекунад. Мутафаккир занҳои бешарму беҳаёро танқид намуда, собит кардааст, ки зани беишқу бевафо эътибори оиларо ба нестӣ бурда, аз боварӣ ва муҳаббати шавҳар маҳрум мегардад.

Файласуфи шинохта Ибни Мискавайҳи Розӣ низ дар таълимоти худ ба тадбири манзил ва ахлоқ таваҷҷуҳи хосса зоҳир кардааст. Як фасли асари ӯ «Таҳзиб-ул-ахлоқ ва татҳир-ул-аъроқ»[32] ба ҳамин масъала бахшида шудааст. Ҳамчунин, дар китоби «Ал-ҳавомил ваш-шавомил»[33] ҳангоми баррасии масоили муомилотӣ ва иқтисодӣ Ибни Мискавайҳ вазифаи иқтисодии оиларо матраҳ намуда, нақши онро ҳамчун институти танзимкунандаи муносибатҳои иқтисодии одамон таҳлил кардааст. Дар китоби «Тартиб-ус-саодат» низ Ибн Мискавайҳ ҳангоми табақабандии илмҳо аз ҷойгоҳи намоён доштани «тадбири манзил» дар низоми фалсафаи амалӣ ёдрас шудааст.

Идомаи таҳлили фалсафаи манзилдорӣ ба фаъолияти илмии Насириддини Тӯсӣ, Қутбиддин Шерозӣ, Ҷалолиддини Давонӣ ва дигарон марбут мебошад, ки онҳо ба таври васеътар масъалаи мавриди назарро ба риштаи таҳқиқ кашидаанд. Аз ҷумла, Насириддини Тӯсӣ мақолаи дуюми китоби «Ахлоқи Муҳташамӣ»-и худро «Тадбири манзил» унвон карда ва боби аввали онро ба баррасии «Сабаби муҳтоҷӣ дар манзил ва дарки асосҳои идоракунии оила»[34] бахшида, ниёзи инсонро ба манзил (оила) ногузир мешуморад.

Фалсафаи манзилдорӣ ва масоили марбут ба он таваҷҷуҳи намояндагони мактаби каломро низ ба худ ҷалб намудааст. Чунонки

[31] Сино, А. Осори мунтахаб [Матн] / А. Сино. – Душанбе, 1980. – Ҷ.2.– С.16.
[32] Мискавайҳи Розӣ. Таҳзиб-ул-ахлоқ ва таҳрир-ур-аъроқ [Матн] / Мискавайҳи Розӣ; Чопи Ҳасан Тамин. – Бейрут, 1398; Чопи офсетӣ. Қум, 1410. – С.68-75.
[33] Мискавайҳи Розӣ. Ал-ҳавомил ва шавомил [Матн] / Мискавайҳи Розӣ. – Теҳрон, 1369. – С.346-349.
[34] Тӯсӣ, Х.Н. Ахлоқи Муҳташамӣ [Матн] / Хоҷа Насириддини. Тӯсӣ. – Теҳрон, 1339. – С.16.

муҳаққиқи тоҷик Ш. Амирхон қайд намудааст, Мовардӣ, Бағдодӣ, Ҷувайнӣ ва Ғаззолӣ аз зумраи мутафаккироне ҳастанд, ки дар осори худ ба фалсафаи тарбиявию ахлоқӣ, ки бунёди онҳоро оила ташкил медиҳад, таваҷҷуҳи хосса карда, назарияҳои арзишманд барои даврони худ пешниҳод намудаанд[35].

Абуҳомид Имом Ғаззолӣ дар бораи одоби никоҳ андешаи арзишманди худро дар асари худ «Кимиёи саодат» баён намуда, яке аз шартҳои муҳими оилаи солим ва пойдории онро зиндагӣ кардан бо як ҳамсар ва муқаддас будани никоҳ медонад ва онро бо чанд далел исбот менамояд. Аз ҷумла, ӯ менависад, ки «никоҳ асле аст аз усули дин, бояд ки одоби дин дар вай нигоҳ доранд, вагарна, фарқ набошад миёни никоҳи одамиёну гушнӣ кардани сутурон»[36]. Таълимоти Ғаззолӣ бо такя бар аҳкоми шариат, Қуръон ва ҳадисҳо рӯи кор омада, ба вазъи иҷтимоиву фарҳангии замонааш алоқаи ногусастанӣ доранд.

Пайравони мактаби тасаввуф бошанд, дар доираи таълимоти ахлоқӣ ба масъалаи интихоби ҳамсар, тарзи мувофиқи бунёди оила ва нақши он дар тарбияи фарзанд таваҷҷуҳ намудаанд. Гарчанде аҳли ин мактаб оиларо дар доираи шариат ва таълимоти динӣ баррасӣ карда бошанд ҳам, вале тамоми назариёти онҳоро беарзиш донистан имкон надорад. Аҳли тасаввуф, асосан, зимни баррасии масоили ахлоқӣ ба муносибатҳои оилавӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда, ташкили хирадмандонаи оила ва муносиботи ҳасанаи зану шавҳарро барои насли инсонӣ аз муҳиммоти ҳаёти иҷтимоӣ мешуморанд[37]. Бо вуҷуди он ки мавқеи марказиро дар таълимоти онҳо шинохти ҳақиқати мутлақ дар шакли рамзу роз ишғол менамояд, вале онҳо баррасии масоили иҷтимоиро ҳамоҳанг бо усули файласуфони машшоӣ роҳандозӣ менамоянд. Тасаввуфшиноси варзидаи тоҷик, академик Олимов

[35] Амирхон, Ш.Т. Фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ [Матн] / Ш.Т. Амирхон. – Душанбе, 2022. – С.183.
[36] Ғаззолӣ, А.М. Кимиёи саодат [Матн] / А.М. Ғаззолӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2008. – Ҷ.I. – С.392-393.
[37] Амирхон, Ш.Т. Фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ [Матн] / Ш.Т. Амирхон. – Душанбе, 2022. – С.184.

К. ба маврид қайд менамояд, ки «Ҳарчанд суфиён дар бахши онтология ва маърифат ба таври шадид худро ба муқобили машшоиён ва исмоилиён (рофизиҳо), инчунин ҳикмати Юнон мегузоштанд, аммо дар бахши назарияи иҷтимоӣ консепсияи машшоиёнро истифода бурдаанд»[38].

Тавре ки муҳаққиқи тоҷик Амирхон Ш.Т. иброз менамояд, барои Қутбиддин Шерозӣ «тадбири манзил» ҳалқаи пайвасткунандаи ахлоқ ва сиёсат буда, функсияи васлкунандагӣ ва такмилдиҳиро иҷро менамояд[39]. Аз инҷо бармеояд, ки дар системаи фалсафии Қутбиддин Шерозӣ фаъолияти инсон дар доираи се институти иҷтимоӣ, ки аз тариқи онҳо ба дигар ниҳодҳои иҷтимоӣ, аз қабили илм, фарҳанг, иқтисод, тандурустӣ, варзиш, амният, сиёсати хориҷӣ ва ғайра таъсир расонида мешавад, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ин се бахш ва ё се ниҳоди номбурдашуда поя ву бунёди ташаккули сохтории ҷомеаро бар дӯш дошта, раванди батадриҷи иҷтимоикунонии шахс ва ба ҷомеа ворид шудани онро танзим менамоянд. Ба маънии дигар, фалсафаи амалии мутафаккирро ҳамоҳангии ахлоқ, оила ва сиёсат фаро гирифтааст, ки ҳар яке ҷиҳати танзим ва башаклдарории фаъолияти инфиродиву ҷамъиятии инсон муҳим мебошанд[40].

Лозим ба зикр аст, ки оила ва фарҳанги оиладорӣ дар осори Насриддини Тусӣ низ мақоми назаррас дорад. Ӯ дар «Ахлоқи Носирӣ» оид ба пайдоиши оила ва муносибати оилавӣ сухан гуфта, сабаби пайдоиши оиларо дар зарурати таъмини маош, муҳофизаткунии молу мулк ва бардавомии насли башар мебинад. Пос доштани хотири куҳансолон, падару модар, таъмини хушҳолии зан ва адолату шавқат нисбат ба ӯ ҷиҳатҳои пешқадами таълимоти муаллифро нишон медиҳанд.

---

[38] Олимов, К. Тасаввуфи Хуросон ва Мовароуннаҳр дар асрҳои X-XII [Матн] / К. Олимов. – Душанбе, 2019. – С.265.
[39] Амирхон, Ш.Т. Фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ [Матн] / Ш.Т. Амирхон. – Душанбе, 2022. – С.184.
[40] Ҳамон ҷо. – С.184.

Насириддини Тӯсӣ боби дуюми китоби «Ахлоқи Носирӣ» ва мақолаи дуюми «Ахлоқи Муҳташавӣ»-и худро ба таҳлили масъалаҳои оиладорӣ бахшида, доир ба сохтори иҷтимоӣ ва ниҳоди зарурӣ будани оила чунин меоварад: «Ба ҳукми он, ки мардум дар тарбияи мардум дар табқияи шахс ба ғизо муҳтоҷ аст ва ғизои навъи инсонӣ бе тадбире саноӣ, чун киштану даравидан, пок кардану нарм кардан ва сириштану пухтан ва тамҳиди ин асбоб ба муовинати муовинон ва олоту адавот ба кор доштану рӯзгори дароз дар он сарф кардан, на чун ғизои ҳайвонот, ки ба ҳасби табиат сохта ва пардохта аст, то инбиоси эшон бар талаби алафу об мақсур бувад бар вақфи табиат. Ва чун таскини ҷуъу аташ кунад, аз ҳаракат бозистанд ва иқтисори мардум бар миқдори ҳоҷат рӯз ба рӯз чун тартиби он қадар ғизо, ки вазифаи ҳаррӯзӣ бувад, ба як рӯз сохтан муҳол аст, муҷиби инқитои модда ва ихтилоли маишат бувад. Пас ба сохтани манзил ҳоҷат омад»[41].

Унсурулмаолаи Кайковус бошад, дар асари худ "Қобуснома" ба фарзанди хеш насиҳат мекунад: «Бидон, эй писар! Офаридгор чун хост, ки ҷаҳон обод монад, падару модарро сабаби ҳастии фарзанд кард»[42], яъне ӯ эҳтироми волидайнро вазифаи фарзанд мешуморад, зеро фарзандон бо кӯмаку роҳнамоии онҳо соҳиби таҳсилот, касбу ҳунар ва оила мегарданд. Дар "Қобуснома" инчунин таҳти унвони "Андар шинохти ҳаққи падару модар" боби махсус оварда шудааст, ки дар он аз хусуси арҷгузорӣ ва эҳтиром ба волидон, ки асоси бунёди оила ҳастанд, сухан меравад.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҳамчун файласуф ва олими шинохта бо истифода аз таҷрибаву мушоҳидаҳои шахсии худ нуқсонҳои замонаашро дарк ва ҷиҳати бартараф сохтани онҳо кӯшиши ҷиддӣ намудааст. Ӯ тарбияи оилавиро аз умдатарин масъала дар ин самт ҳисобида, роҳҳои ҳалли онро дарёфтааст. Ба андешаи ӯ, агар зану шавҳар дар муносибатҳои оилавии худ қоидаҳои аз тарафи шариат муқарраргардидаро риоя

---

[41] Тӯсӣ, Х.Н. Ахлоқи Носирӣ [Матн] / Хоҷа Насириддини Тӯсӣ. – Теҳрон, 1339ҳ. – С.162-163.
[42] Унсурулмаолии Кайковус. Қобуснома [Матн] / Унсурулмаолии Кайковус. – Душанбе: Маориф, 1979. – С.7.

намоянд, бартараф намудани масъалаҳои дар ин раванд ҷойдошта барояшон осон мегардад. Файласуф бештар ба аҳкоми дини мубини ислом такя карда, ба устуворӣ ва мустаҳкам нигаҳ доштани пояҳои оила таваҷҷуҳ кардааст. Ӯ дар боби чаҳоруми «Захират-ул-мулук» муносибати зану шавҳар, покӣ, озодагӣ, дӯстӣ, эҳтироми якдигар дар оила ва ғайраро зикр намуда, дар асарҳояш ба масоили тарбияи хонаводагӣ ва орзую умед ва муроду матлаби мардум бештар аҳаммият медиҳад.

Файласуфи маорифпарвари тоҷик Аҳмади Дониш масъалаи оила, риояи одоби никоҳ ва нишон додани вазифаҳои волидайнро дар низоми назарияи тарбия муҳим шуморида, ба ин мавзуъ тибқи риояи суннатҳои фарҳанги исломӣ ва омезиш додани онҳо бо арзишҳои умумибашарӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Ба андешаи ӯ ҳадафи асосии бунёди оила ин на танҳо қонеъ кардани талаботи биологӣ, тавлиди насл, боқӣ гузоштани авлод, балки пайдо кардани ҷойгоҳи муайян дар ҷомеа низ мебошад, зеро тавассути ин шумораи аҳолӣ зиёд гашта, навъи одам боқӣ мемонад, ободии мулк ва муваффақ шудан ба ҳама гуна пешрафтҳо бошад, маҳз аз бақои навъи инсон вобастагӣ дорад. Дар баробари ин, ин маорифпарвари тоҷик қайд менамояд, ки «савоби касе, ки саъй кунад, то банда биофарад, бузург аст. Яъне ҳаққи падар аз он лиҳоз бузург аст, ки ӯ фарзанд меофарад, вале ҳаққи устод бузургтар аз ӯ мебошад, ки ӯ ин фарзандро ба роҳи дин, омӯзиш ҳидоят мекунад».[43]

Гуфтан ҷоиз аст, ки дар асарҳои "Наводир-ул-вақоеъ", "Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития" ва “Рисола дар назми тамаддун ва таъовун” афкори иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодиву фарҳангии Аҳмади Дониш дар бораи пайдоиши ҷамъият, нақши инсон дар ҷомеа, пайдоиши оила ва вазифаҳои волидайн дар таълиму тарбияи фарзанд, риояи рукнҳои фарҳанги оиладорӣ, масъалаи тарбияи инсони комил ва раҳоии фард аз шуури тақлидии динӣ, усулҳои бунёди адолат ва танзими

[43] Дониш, А. Наводир-ул-вақоеъ [Матн] / Аҳмади Дониш. – Душанбе, 1988. – К.1. – С.230-231.

баробарии иҷтимоӣ, тарзҳои идоракунии давлат ва муносибати ҳукуматдорон ба раият, танқиди ҳукуматдорони золим, фаъолияти ҳирсҷӯёнаи руҳониёни мутаассиб ва дигар масоили ба ҳаёти инсонӣ ва ҷомеа зарур инъикоси худро ёфтаанд.

Тавре ки маълум аст, масъалаи пош хӯрдани оилаҳои ҷавон дар вазъияти кунунии Тоҷикистон ба яке аз масъалаҳои доғи рӯз табдил ёфтааст. Дар ҳалли ин мушкилот истифодаи тавсияҳои гузаштагони илму фалсафаи тоҷик дар масъалаи мустаҳкам кардани оила нақши муҳимро мебозад. Чунончи, дар назарияи тарбияи Аҳмади Дониш, пеш аз ҳама, муҳаббат ва эҳтироми зану шавҳар нисбат ба ҳамдигар, сабру таҳаммул, якдигарфаҳмӣ омилҳои асосии устуворӣ ва пойдории оила ба ҳисоб меравänд. Дахолати хешу пайвандони ё зан ва ё мард ба корҳои хонаводагӣ, эҳтиром накардани якдигар сабабҳои ба бенизомӣ дучор гардидан, вайрон гаштани муносибатҳо, ба вуҷуд омадани нофаҳмиҳо ва дар ҳадди ниҳоӣ ба барҳам хӯрдани оила меоваранд. Мутафаккир дар фасли «Дар таҳқиқи одоби никоҳ ва ваҷҳи хусумати модаршӯ ва шароити тазаввуҷ»-и асари «Наводир-ул-вақоеъ» мавзуи мазкурро ҳаматарафа мавриди таҳлил қарор дода, оид ба дахолат кардани хешу пайвандон ба корҳои хонаводагӣ, ки ҳамеша ба носолимӣ ва халал ворид кардан ба муносибатҳои оилавӣ меорад, мисолҳо оварда, барои ҳаллу фасли онҳо пешниҳодҳои муфид манзур намудааст.

Дар фалсафаи ғарбӣ бошад, оид ба масъалаҳои ниҳоди оила файласуфи фаронсавӣ Жан Жак Руссо нақши бориз гузошта аст. Таълимоти фалсафии ин мутафаккир фарогири дарки мафҳуми инсон, системанок ба роҳ мондани раванди таълиму тарбия ва ба камол расонидани инсон, таъсиси оила ва риояи талаботи никоҳ, таъсиси ҷомеа ва риояи принсипҳои адолат ва баробарии иҷтимоӣ ҳангоми иҷро кардани усулҳои идоракунии давлат, дар маҷмуъ, муносибати инсон нисбат ба табиат ва моҳияти худ ҷиҳати пайдо кардани ҷойгоҳи мувофиқ дар

раванди муносибатҳои иҷтимоӣ ва ғайра мебошад. Жан Жак Руссо таҳавулоти ҷомеаро таҳқиқ карда, қайд менамояд, "... таҷдиди ҷомеа бошад, аз устувории оила, пай бурдани асл ва иллати пайдоиши он муяссар мешавад. Яъне тамоми одамон қаблан баробар ва озод зиндагӣ мекарданд ва аз як тараф, бо бастани қарордод ҷиҳати ташкил кардани ҷомеа иродаи фардии худро таҳти ихтиёри иродаи ҳама, ки дар ин маврид таъминкунандаи саодати куллии одамон ба ҳисоб мерафт, қарор доданд. Аз тарафи дигар, ба ихтиёри иродаи умумӣ даромадани иродаи фардӣ дар ҷомеа ҳуқуқи одамонро баробар гардонид".[44]

Масъалаи оила ва вазифаҳои он, омодагӣ ба никоҳ ва ҳифзи оила, тамоюлгирии он ба тарбияи духтарон ва писарон дар оила, фарқиятҳо дар тарбияи иҷтимоӣ ва ҷинсии кӯдакон мавзуъҳои меҳварии рисолаҳои Ж.Ж. Руссо «Эмил ё оид ба тарбия» ва «Юлия ё Элоизаи Нав» ҳамчун маорифпарвар ба ҳисоб мераванд. Ӯ ақидаҳои худро дар бораи тарбия аз масъалаи ташкили оила оғоз карда, тасдиқ мекунад, ки на ягон кас ё ягон чизе, балки танҳо табиат барои ба таври инфиродӣ якдигарро интихоб кардани зану мард қодир аст. Интихоб кардани ҳамдигарро танҳо марду зан ба ҷо меоранд, ин ҳуқуқи табиӣ аст, ки онро ҳеҷ кас манъ карда наметавонад. Бузургсолон, дар симои волидайн ва мураббӣ метавонанд танҳо барои бо ҳамдигар шинос шудани писару духтар кӯмак намоянд. Инчунин, Ж.Ж. Руссо ба инобат гирифтани синну соли ҷавононро барои бастани никоҳ хеле муҳим мешуморад. Оилае, ки дар синни ба балоғат расидан бунёд мешавад, устувор мегардад. Ин ҳақиқатро ӯ кӯшиш кардааст, ки дар «Эмил» фаҳмонад. «София ҳанӯз ту ҳаждаҳсола нестӣ; ту навакак ба 22-солагӣ расидӣ; ин синни изҳор кардани ишқ аст, на бастани никоҳ. Хуб падар ва хуб модар! Оҳ, агар хоҳед, ки кӯдаконро бо маҳорат

[44] Руссо, Ж.Ж. Педагогические сочинения [Текст]: в 2-х т. / Ж.Ж. Руссо. – М.: Педагогика, 1981. – 653 с.

тарбия кунед, сабр намоед, то ҳадди ниҳоӣ, то вақте ки худатон ба бачагӣ хотима диҳед».[45]

Ҳамзамон, Ж.Ж. Руссо дар рисолаҳои мазкури худ таваҷҷуҳи хосса ба сифатҳои ҳамсарони оянда медиҳад. Ӯ дар нисбати зан бахусус қайд мекунад, ки зан бояд зишту бадахлоқ набошад, зеро аз хуб нигоҳ доштани ҷисми ӯ қаду басти кӯдакон вобастагӣ дорад. Ба ҷуз ин, зан бояд боҳаё бошад. Қонуни табиӣ барои занҳо ин кӯшиш кардан барои дарёфти шаъну шараф не, балки ифтихор кардан аз фарзандон ва шавҳар мебошад. Одоби занҳо аз табиат вобастагӣ дорад. Зан бояд содиқ ва фозила бошад. Аввалин ва аз ҳама сифати муҳими занҳо инҳо ҳалимӣ, фурӯтанӣ, бе шиква пӯшида нигоҳ доштани гуноҳи шавҳар мебошанд: на барои ӯ, балки барои худ вай бояд содиқ бошад. «Шаттоҳӣ, ҷангарагӣ ва матонати зан танҳо бадбахтӣ меоранду амалҳои ношоистаи шавҳарро зам мекунанд», - менависад Ж.Ж. Руссо.[46]

Бо вуҷуди эътироф кардани мақоми зан ва нишон додани сифатҳои ӯ ин донишманди маорифпарвар нақши асосиро дар оила ба дӯши мард вогузор мекунад. Чӣ қадар вазъи шавҳар дар ҷомеа баланд ва мустаҳкам бошад, ҳамон қадар тасаввурот оид ба оила хуб мегардад, яъне мақоми оила боло гузошта мешавад. Оид ба ин мавзуъ Ж.Ж. Руссо менависад: «Чи тавре ки оила бо ҷомеа тавассути роҳбари он робита барқарор кунад, рутбаи ин роҳбар вазъи оиларо пурра ба танзим медарорад».[47]

Ж.Ж. Руссо хонаводаро қадимтарин иҷтимоъ ё ҷамоат ва ё танҳо иҷтимое медонад, ки табиӣ мебошад, вале дар ин маврид қайд мекунад, ки дар ин иҷтимоъ ҳама фарзандон, то вақте ки даври падар ҷамъанд, барои бақои хеш ба ӯ муҳтоҷанд. Вале чун ин эҳтиёҷ рафъ мегардад, риштаи табиии байни онҳо пора мешавад. Падар худро аз мусоидати фарзандон маъоф шуморида, фарзандон худро аз итоати падар бениёз медонанд ва

---

[45] Руссо, Ж.Ж. Педагогические сочинения [Текст]: в 2-х т. / Ж.Ж. Руссо. – М.: Педагогика, 1981. – С.551.
[46] Ҳамон ҷо. – С.449.
[47] Ҳамон ҷо. – С.449

ҳама мустақилона зиндагӣ мекунанд. Дар ин сурат, агар онҳо боз хоҳанд, ки ба иттиҳоди худ идома диҳанд ва бо якдигар зиндагӣ кунанд, ин танҳо аз рӯйи ихтиёр сурат мегирад, на ба таври маҷбурӣ.[48]

Аз ин ақидаи Ж.Ж. Руссо бармеояд, ки давом ва бақои хонавода натиҷаи ризоияти афрод ва як амри қарордодӣ аст, на табиӣ. Падар дар хонавода ҳамчун аввалин намунаи ҷомеаҳои сиёсӣ ба сифати раис ба шумор меравад ва фарзандон монанди аъзои ҷомеа мебошанд. Танҳо тафовут байни хонавода ва мамлакат дар ин аст, ки дар хонавода муҳаббати падар ба фарзандон бузургтарин лаззат ва беҳтарин подоши заҳмати ӯст. Сарвари кишвар бошад, раияти худро дӯст намедорад ва фақат барои ӯ лаззат фармонфармо аст, ки саодати ӯро ҷуброн мекунад.[49]

Мавзуи мазкурро таҳқиқ карда, антропологи англис Л.Морган дар асараш “Ҷомеаи ибтидоӣ” оиларо ҳамчун категорияи таърихӣ медонад ва эволютсияи онро аз никоҳи гурӯҳӣ то моногамия (якканикоҳӣ) мавриди таҳлил қарор медиҳад.[50]

Файласуф ва сотсиологи фаронсавӣ О.Конт оиларо аз нуқтаи назари статикаи иҷтимоӣ ҳамчун зуҳуроти универсалии умумиинсонӣ таҳқиқ намудааст. Дар асараш “Асосҳои фалсафаи позитивӣ” ин мутафаккир оиларо унсури асосии иҷтимоӣ номидааст. Аз ҷумла, ба андешаи О.Конт ҷомеа аз маҷмуи оилаҳо таркиб ёфтааст. “Оила ин мактаби ҳастии иҷтимоӣ аст, ки ба фард идоранамоӣ, рафтори дуруст, мутобиқшавии ҳаётӣ ва муносибат бо дигар одамонро меомӯзонад.”[51] Вазифаи муҳимми оила интиқоли урфу одат аст ва тавассути он замонҳои гузашта, имрӯз ва ояндаи ҷомеа бо ҳам пайваст мегарданд. Оила бо одамон, бо насли гузаштаи худ вобаста буда, дар тақсимоти меҳнат ва ҳамгироию ҳамдигарфаҳмии одамон нақши бузургро ба иҷро мерасонад.

---

48 Rousseau, J.J. Du contrat social [Text] / Par J.J. Rousseau. – Amsterdam, 1762. – P.10.
49 Ҳамон ҷо. – P.10-11.
50 Морган, Л. Древнее общество [Текст] / Л. Морган. – Ленинград: ин-та народов севера ЦИК СССР, 1934. – 350 с.
51 Черняк, Е.М. Социология семьи [Текст]: учебное пособие / Е.М. Черняк. – М.: Дашков и К, 2003. – С.7.

Файласуф ва сотсиологи фаронсавӣ Э.Дюркгейм низ оид ба ниҳоди оила андешаҳои ҷолиб дорад. Ӯ оиларо ҳамчун ҷузъи воқеъияти иҷтимоӣ ва тартиботи табиии универсалӣ пажуҳиш карда, иброз менамояд, ки оила шакли ҳаёти дастаҷамъона, мисли ассотсиатсияи фардҳост. Аз ҷониби дигар, ҳамдигарфаҳмии иҷтимоӣ дар таълимоти ин мутафаккир мавқеъи намоёнро ишғол намуда, ба ақидаи ӯ, бе ҳамдигарфаҳмӣ ҷомеа ва ниҳодҳои он устувории худро аз даст медиҳанд[52].

Дар консепсияи фалсафаи марксистӣ оид ба ниҳоди оила нуқтаи назари хоси илмӣ ба мушоҳида мерасад. Аз ҷумла, Ф.Энгелс дар асараш "Пайдоиши оила, моликияти хусусӣ ва давлат" менависад, ки зиёдшавии шумораи аҳолӣ ба ҳайси сабаби муайянкунандаи инкишофи ҷомеа баромад намекунад. Дар асараш "Идеологияи олмонӣ" Ф.Энгелс оиларо "муносибатҳои байни зану шавҳар, волидон ва кӯдакон" тафсир мекунад. Дар маҷмуъ, фалсафаи марксистӣ истеҳсолоти неруҳои истеҳсолиро бо истеҳсолоти худи ҳаёт алоқаманд медонад. Аз ин рӯ, ба андешаи К.Маркс, одамон ҳаёти худро истеҳсол намуда, бо ин восита одамони дигарро меофаранд[53].

Таҳқиқи масъалаи мазкур дар фалсафаи рус дар садаи XIX-XX ҷойи намоёнро ишғол менамояд. Дар ин фалсафа дар ибтидои асри XX идеяи аҳаммияти никоҳ ва оила васеъ инкишоф меёбад. В.С. Соловёв, В.В. Розанов, Н. Бердяев, Л. Толстой ва дигар файласуфон таълимоти худро дар бораи оилаи муқаддас ва комил ба вуҷуд оварда, инкишоф додаанд.

В.С. Соловёв яке аз аввалинҳо шуда, дар маҷмуаи мақолаҳои «Маънои ишқ» масъалаи тазоди ҷинсҳо ва моҳияти ишқи ҷинсиро ба миён гузошт[54]. Ба ташаккули ақидаҳои фалсафии ӯ оид ба проблемаи афзоиши ҷинсӣ ва инкишофи насли инсон эҷодиёти Н. Федоров, ки ақидаҳои худро дар асари дуҷилдаи «Фалсафаи кори умумӣ» ба расмият даровардааст, таъсир

[52] Дюркгейм, Э. Самоубийство [Текст] / Э. Дюркгейм. – М., 1998. – 492 с.
[53] Маркс, К., Энгельс, Ф. Сочинения [Текст] / К. Маркс, Ф. Энгельс. – Изд. 2. – М.: Политиздат, 1955. – Т.3. – С.27.
[54] Соловьев, В.С. Сочинения [Текст]: в 2 т. / В.С. Соловьев. – М.: Мысль 1988. – Т.1. – 822 с.

расонида буд. Тавоноии Н.Ф. Фёдоров ҳамчун мутафаккир дар он аст, ки ӯ дар бораи имкониятҳои бунёдии абадӣ фикр мекард. Барои В.С. Соловёв махсусан андешаҳои Н. Ф. Фёдоров дар бораи «неруи бузурги такрористеҳсолии ҷинсӣ», тағйири наслҳо ва ташкили муносибатҳои дохилиоилавӣ ҷолибу мароқовар буданд.

В.С. Соловёв таваҷҷуҳро ба он ҷалб менамояд, ки таваллуд аз назари Н. Фёдоров бо авҷи неруҳои ҳаётии инсон аз лаҳзаи бедории хоҳиши ҷинсӣ алоқаманд мебошад ва гӯё моҳияти дурахшони ҳаётбахши тартиботи табииро ифода мекунад. Дар баробари ин, ба гуфтаи Н. Фёдоров, таваллуд танг кардани пай дар пай ва беохири волидон аз ҷониби фарзандон, якбора ё тадриҷан кушта шудани онҳоро дар назар дорад.[55]. Бо вуҷуди ин, Н.Ф. Фёдоров мавҷудияти инсониятро бе мавҷудияти оила тасаввур намекунад[56]. Дар натиҷа, ҳама равандҳое, ки оиларо вайрон мекунанд, ҷомеаро низ хароб мекунанд. Оила, аз нигоҳи файласуф, пеш аз ҳама, иттиҳоди хешутаборӣ аст, ки ба никоҳ асос ёфтааст ва «воҳиди меҳнатӣ» дар кори умумии эҳё аст. Иҷрои ин рисолат вазифаи асосии оила аст. Тавре ки Т.В. Бернюкевич қайд мекунад, «Ба гуфтаи Фёдоров, оила як воҳиди ахлоқист, ки новобаста аз шумораи писарону духтарон ва марги волидайн, ваҳдат ва ягонагиро вайрон мекунад»[57].

Бо постулатҳои асосии таълимоти Н.Ф. Фёдоров шинос шуда, В. Соловёв суханони машҳури худро дар бораи «ҳаракати аввалини руҳи инсонӣ ба пеш бо роҳи Масеҳ» баён кард ва зимнан, Н. Ф. Фёдоровро ҳамчун «устоди азизу тасаллидиҳанда» эътироф намуд[58]. Дар асарҳои эстетикии худ, махсусан дар асари «Маънои ишқ» низ В. Соловёв нуктаҳои асосии таълимоти Н.Ф. Фёдоровро дар бораи табиати ахлоқии оила инъикос кардааст.

---

[55] Философия любви [Текст] / под ред. Д.П. Горского. – М.: Политической литературы, 1990. – С.177.

[56] Бернюкевич, Т.В. Русский космизм: Н.Ф. Федоров, К.Э. Циолковский, В.И. Вернадский [Текст]: учебное пособие / Т.В. Бернюкевич. – Чита, 2007. – С.40-41.

[57] Ҳамон ҷо. – С.41.

[58] Ҳамон ҷо. – С.179.

Аз нигоҳи В. Соловёв сабаби ҳолати номуносиби муносибатҳо байни ҷинсҳо дар робитаи зиддиномии байни ҷанбаҳои физиологӣ-умумӣ ва фардӣ-маънавӣ мебошад. Сабаби асосии ноқисӣ ва осебпазирии муносибатҳо нотамомӣ ва нопуррагии онҳост. Мабдаи ҳайвонӣ, яъне принсипи физиологӣ ва мабдаи иҷтимоӣ, ки ҳар кадоми онҳо танҳо як қисми муносибатҳои дурусти инсонии байни ҷинсҳо мебошад, дар айни замон ҷои куллиро ишғол мекунад. Дар баробари ин, ҷиҳати маънавии ин муносибатҳо, ки бояд дуи аввалро тобеъ гардонад, тамоман нодида гирифта мешавад. Дар натиҷа, объекти ишқ на шахс дар тамомияти худ, балки танҳо ҷисми ӯ (ё ҳатто қисмҳои алоҳидаи он) мебошад. Барои ислоҳи ин ҳолат, ҷанбаи физиологии муҳаббат бояд ба ҷанбаи руҳонии он тобеъ карда шавад. Аммо тобеияти табиати физиологиро В. Соловёв зимни такмили минбаъдаи идеяи худ бо маҳдудкунии он иваз мекунад. Ҳамин тавр, В. Соловёв таваллуди кӯдакро ҳамчун гузашт кардан ба табиати ҷинсӣ-ҳайвонӣ рад мекунад.

Дар баробари ин, ба ақидаи В.С. Соловёв, муносибати ҳамаҷониба ва дурусти байни ҷинсҳо бояд танҳо дар асоси яке аз ҷанбаҳои дар боло зикршуда бунёд карда шавад. Ҷорӣ кардани мабдаи муқобил ҳамчун манбаи фасод ва таназзули умумӣ дар шаҳвоният дониста мешавад. Мутафаккир роҳи ислоҳи ин зарарро дар кам кардани яке аз чиҳатҳо, то пурра бартараф кардани он мебинад. Ӯ мабдаи руҳии фардиро ягона чизи мусбат мешуморад ва пешниҳод мекунад, ки аз муносибатҳои байни ҷинсҳо ҳар як чизи ҷинсӣ ва физиологӣ хориҷ карда шавад. В.С. Соловёв дар таваллуди фарзанд раванди беохири тантанаи мабдаи ҳайвонӣ дар одамро мебинад[59]. Ӯ оиларо рад намекунад, зеро он худро ба далели мавҷудияти он таслим мекунад, онро ҳамчун чизи ногузир, бартарафнашаванда, ки берун аз иродаи инсон вучуд дорад, қабул мекунад.

[59] Соловьев, В.С. Сочинения [Текст]: в 2 т. / В.С. Соловьев. – М.: Мысль 1988. – Т.1. – С.228.

Ҳамин тавр, назарияи фалсафии В. Соловёв дар бораи оила, ишқ ва издивоҷ аз бисёр ҷиҳат зиддиятнок ва нотамом ба назар мерасад, вале он барои файласуфони зиёди рус ҳамчун манбаи илҳом хизмат кардааст. Дар воқеъ, оила як соҳаи мавҷудияти инсон буда, аз ҷиҳати мазмун ва рушди худ динамикӣ мебошад. Он метавонад, аз як тараф сарчашмаи руҳонии шахсият гардад, аз тарафи дигар бошад, ба парокандагӣ, таҷзияи шахсият мусоидат кунад.

Минбаъд Н.А. Бердяев дар бораи проблемаи ҷинсҳо сухан ронда, нишон дод, ки дар занҳо сохтори равонӣ ва ҳисси зиндагӣ нисбат ба мардҳо тамоман дигар аст. Зан аз оила ва аз муҳаббат интизориҳо ва умедҳои комилан дигар дорад. «Зан нисбат ба мард махлуқи дорои тартиботи тамоман дигар аст. Ӯ хеле камтар одам аст, бештар табиат аст»[60]. Дар муносибати зан ба ҷинс як якпорчагӣ ва мутлақии бетағйир вуҷуд дорад, ки он бо тақсимпазирӣ ва нисбияти муносибати мард ба ҷинс ҳеҷ гоҳ мувофиқат намекунад. Моҳияти фоҷеаи руҳи мард ҷудошавиест, ки дар натиҷаи ишқи ҷинсӣ ба вуҷуд меояд: «Муҳаббат ва иштиёқи ҷинсӣ аз гум шудани якпорчагии табиати инсонӣ шаҳодат медиҳанд»[61].

Н.А. Бердяев ҳаёти ҷинсро дар ҳаёти ҳаррӯзаи иҷтимоӣ дар ду сатҳ тафсир мекунад: ҳамчун факти физиологӣ ва ҳамчун факти иҷтимоӣ. Ҳамчун як воқеияти физиологӣ ҳаёти ҷинсӣ маънии таваллуди фарзанд ва ё идомаи бомуваффақияти насли башар, ё фосидӣ ва таназзули нажодро дорад. Ҳамчун воқеияти иҷтимоӣ бошад, ҳаёти ҷинсӣ ташаккули оиларо дар назар дорад, ки он ба манфиати ҷомеа ва ҷинс ва мувофиқи сохтори ҷомеа ташкил карда мешавад. Аммо барои ҳаёти ҳаррӯзаи иҷтимоӣ падидаи ишқи эротикӣ, ишқи зану мард комилан дастнорас аст. Инсон ин

[60] Бердяев, Н.А. Смысл творчества [Текст]: Опыт оправдания человека / Н.А. Бердяев. – М.: АСТ, 2002. – С.193.
[61] Бердяев, Н.А. Философия творчества, культуры и искусства [Текст]: в 2 т. / Н.А. Бердяев. – М.: Искусство, 1994. – С.76.

фактро пайхас намекунад ва ҳукми худро дар бораи он танҳо ба нуқтаи назари физиологӣ ва иҷтимоӣ тобеъ мекунад.[62]

Носозгории ишқ ва оиларо Н.А. Бердяев ҳамчун фоҷиаи рафънашаванда медонад, зеро ишқ, ки дар шакли холис, аз ҷиҳати асолати табиии худ гирифта шудааст, падидаи сирф шахсист, оила бошад, зуҳуроти иҷтимоӣ, оммавӣ буда, ишқи ҷинсиро инкор мекунад, зеро он дар навбати худ ишқи поку бакоратро аз байн мебарад. Дар ин самт асоси оиларо ишқи ҷинсӣ ташкил медиҳад, ки он дар воқеияти иҷтимоӣ сабабгори ташкили оила мегардад. Аз ин ҷо мутафаккир дар бораи табиати ноозоди оила ба хулоса меояд, ки сабаби асосии он зарурати таърихӣ барои қонунӣ кардани гуноҳи ҷинсӣ мебошад.

Дар бораи муносибатҳои оилавию никоҳ сухан ронда, Н.А. Бердяев ба хулосае меояд, ки мақсади ягонаи маънавии иттиҳоди зану мард, ки оиларо ташкил медиҳанд, таваллуди фарзанд аст. Файласуф ба ин раванди умумӣ як принсипи баланди ахлоқӣ ва диниро мепайвандад. Дар баробари ин, раванди барпо намудани оила бо мақсади такрористеҳсолкунӣ ва ба вуҷуд овардани насл, алоқаманд дониста мешаванд. «Мақсад ва маънои иттиҳоди зану мард на дар насл ва на дар ҷомеа, балки дар шахсият, дар талоши ӯ барои пуррагӣ ва якпорчагии ҳаёт, барои абадият аст... Ва аз ҳама аҷибтараш, дар ҳама гуна идеологияҳои ахлоқии оила, ҳам динӣ ва ҳам позитивистӣ, муносибат ба амали ҷинсӣ норавшан боқӣ мемонад…»[63].

Дар ин изҳороти Н.А. Бердяев ҳамфикрӣ бо В.С. Соловёв, ки сабабҳои пайдоиши ҷуфтҳо ва ба ҳамдигар ҷалб шудани ҷинсҳоро дар олами ҳайвонот омӯхтааст, ба таври равшан дарк мешавад. Баъзе намояндагони олами ҳайвонот нисбат ба инсон миллионҳо маротиба зиёдтар насл ба вуҷуд меоранд, аммо дар айни замон, хоҳиши ҷинсии онҳо амалан вуҷуд надорад ё суст ифода меёбад. Н.А. Бердяев ба хулосае меояд, ки одамон аз

[62] Бердяев, Н.А. Смысл творчества [Текст]: Опыт оправдания человека / Н.А. Бердяев. – М.: АСТ, 2002. – С.185.
[63] Ҳамон ҷо. – С.186.

сабаби дилбастагии бебозгашт ва ё манфиатҳои ғаразнок издивоҷ мекунанд. Ҳадаф ва маънои издивоҷ табиати физиологӣ дорад ва аз даст додани бакорат ин аз даст додани «олитарин ҳолати инсон»-ро тақозо мекунад.

Ҳамин тариқ, масъалаҳои фалсафӣ-иҷтимоӣ дар таълимоти Н.А. Бердяев бо ҷаҳонбинии динӣ ва моҳияти физиологии одам зич алоқаманд мебошанд. Файласуф дар мулоҳизаҳои худ ба хулосае меояд, ки ҳисси илоҳии ишқро дар доираи мафкураи ниҳоди ҷамъиятӣ, иҷтимоъе, ки инсон барои идомаи насл офаридааст, хулоса кардан мумкин нест. Дар натиҷа, ниҳоди оила дар ҳолати буҳрони музмин қарор гирифта, сирф хусусияти иҷтимоӣ касб мекунад, ки он маҳсули на ишқ, балки ҷомеа мебошад ва аз ин рӯ, онро Н.А. Бердяев рад мекунад.

Аз ин ақидаҳои В.С. Соловёв ва Н.А Бердяев таълимоти В.В. Розанов, ки хусусиятҳои «таназзули оила», «тақдири шахс»-ро дар заминаи муносибатҳои оилавӣ муфассал таҳлил намуда, асари дуҷилдаи «Масъалаи оила дар Русия»-ро ба ин мавзуъ бахшидааст, комилан фарқ мекунад. Дар асари мазкур мақолаҳо ва мактубҳои дар солҳои гуногун таълифнамудаи ин файласуф гирд оварда шудаанд[64]. Ба оила мазмуни муқаддас дода, В.В. Розанов муносибатҳои оилавиро аз мавқеи тасвири бадеӣ, ки бисёр муҳаққиқонро барои истифода аз он мавқеъ сарзаниш мекард, наомӯхтааст, балки ҳаёти оилавиро ба фаҳмиши амиқи фалсафӣ тобеъ кардааст. Ӯ кӯшиш мекунад, ки табиати хоси метафизикии оиларо, ки дар он мафҳуми ирфонии потенсиал ё иқтидор маҳфуз дошта мешавад, ошкор намояд.

Дар фалсафаи нависандаи бузурги рус Л. Н. Толстой зан қобилияти худдорӣ карданро соҳиб буда, ҳақ надорад, ки ба ҳавасҳои шаҳвонӣ дода шавад. Аз ин рӯ, ӯ яке аз қаҳрамонони худ Анна Каренинаро чунон бераҳмона ҷазо медиҳад, ки ин зан аз шарми ба ишқбозии мамнуъ машғул

[64] Розанов, В.В. Семейный вопрос в Россий [Текст] / В.В. Розанов. – М.: Республика, 2004. – 829 с.

шудан азоб кашида, дигар хоҳиши зистан дар ин олами ҳавасҳои маргбор надорад ва худро ба зери қатора меафканад[65]. Намунаи олии зан дар тавсифи Л. Толстой ин зан-духтар, зан-ҳамсар, зан-модар аст, ки бо ҳисси масъулият нисбат ба вазифаи худ, хоксорӣ ва бо эҳсоси рисолати муқаддаси модарӣ фаро гирифта шудаанд. Дар баробари ин, ба зан лозим нест, ки Инҷилро бихонад, дар бораи маънои кайҳон суҳбат кунад, зеро ин ӯро танҳо аз сарнавишт ва рисолати аслиаш дур мекунад, зани идеалӣ бошад, модарест, ки ҳарчи бештар фарзанд таваллуд кардааст.

С.Н. Булгаков ҷиҳати маънавӣ-фардӣ ва оилавӣ-авлодии муносибатҳои байни ҷинсҳо, издивоҷ, ишқ, таваллуди фарзанд ва абадияти фардиро баробар қабул мекунад. Ин адиби бузург оиларо дар доираи никоҳ таҳлил карда, оид ба табиати заношӯӣ ба хулосае меояд, ки издивоҷ бо сабаби гуноҳи азалии инсон маҷбурӣ аст. Ин ақида дар ҷараёни муқоисаи мавҷудияти инсон ва фариштагон аз ҷониби С.Н. Булгаков ба вуҷуд меояд: фариштагон бидуни ниёз ба издивоҷ «зиёд» мешаванд. Аз ин рӯ, ба саволи одам чӣ тавр бе никоҳ зиндагӣ карда метавонад, С.Н. Булгаков ҷавоб медиҳад: «Чӣ гуна фариштагон бидуни издивоҷ вуҷуд доранд?». С.Н. Булгаков инчунин таваҷҷуҳро ба он ҷалб мекунад, ки Одам пас аз тафаккур дар бораи дуҷинсагии универсалии олами ҳайвонот, аз яккаву танҳо будани худ огоҳ мешавад ва «офариниши зан анҷомёбии офариниши инсон буд».

Асарҳои П. Флоренский «Ба фарзандонам. Ёдбуди гузашта»[66] ва «Тадқиқоти генеалогӣ»-ро таҳлил карда, метавон оид ба масъалаи оила омезиши равшани ин мафҳумҳро бо авлод пайдо намуд. Ин файласуф оиларо як воҳиди сохтории чунин низомҳо ба монанди авлод, миллат, давлат медонад. Дар баробари ин, П. Флоренский оиларо «биҳишти ҷазиравӣ» номида, ба маҳрамият, фардият ва пӯшидагии ин ниҳод ишора

---

[65] Толстой, Л.Н. Дневники [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://readr ru/lev-tolstoy-dnevniki litml (санаи муроҷиат: дата обращения: 18.10.2021)

[66] Флоренский, П.А. Детям моим. Воспоминания прошлых дней [Текст] / П.А. Флоренский. – М.: Московский рабочий, 1992. – 560 с.

мекунад. Ба иборaи дигар, арзиши фаҳмиши оила аз ҷониби П.А. Флоренский ҳамчун як ҷузъи ҷудонашавандаи муҳими авлод, ки асоси давлат аст, инчунин таълимоти ӯ дар бораи оила аз эътирофи характери маҳрамонаи муносибатҳои оилавӣ иборат буда, мутафаккир таҳти ҳаёти маҳрамона худи оиларо дар назар дорад, ки аз олами беруна қисман ҷудо аст ва бевосита дар ҳаёти давлат иштирок мекунад. Дар ин ҷо як духӯрагӣ ё тазоди муайянеро дар ақидаи файласуф қайд кардан лозим аст, ки он аз муҳокима дар мавриди истиқлолият ва дахолат накардан ба ҳаёти дохилии оила, аз як тараф ва дар он нақши муайян доштани давлат, аз тарафи дигар, иборат мебошад[67].

Афкори фалсафии русро дар ибтидои асри XX ба моҳият ва мақсади ниҳоди оила метавон ба таври гуногун, яъне аз инкори оила ва никоҳ ҳамчун шакли зиндагии инсон то эълони ягона роҳи ҳақиқии ҳастӣ эътироф кардани он, баҳо дод. Дар ин афкор на фақат муносибат ба оила, балки нодуруст фаҳмидани моҳияти муносибатҳои оилавӣ ва асли он низ тағйир ёфтааст. Муносибати гуногун доштани файласуфон ба масъалаи оила ва мушкилоти оила аз тафовути назари онҳо дар масъалаи гендер, оила, вазифаҳои оила ва мақсади он ба миён омадааст.

Дар маҷмуъ, андешаи файласуфони рус дар бораи табиати оила дар зери таъсири калисо ташаккул ёфта буд. Ин таъсир дар ягонагии диалектикӣ дидани масоили ҷинс, никоҳ, оила ва нигоҳ доштани «покӣ ва бакорат» дар муносибати зану мард ифода ёфтааст. Аз ҷумла, ин дар эътирофи мавзуи ҷинсҳо ва омилҳои ҷисмонӣ ҳамчун мавзуи муҳимтарин дар тафаккури муосир, дар асоснок кардани аҳамияти бунёдии ишқи шаҳвонӣ барои рушди маънавию ахлоқии инсон зоҳир мегардад. Дар ин росто, ҳамчунин бояд зикр кард, ки ба фалсафаи динӣ дарки оила ҳамчун арзиши бунёдии фарҳангӣ хос буд. Таваҷҷуҳи амиқи фалсафа ба масоили

---

[67] Флоренский, П.А. Детям моим. Воспоминания прошлых дней [Текст] / П.А. Флоренский. – М.: Московский рабочий, 1992. –С.25-26.

муносибатҳои никоҳӣ-оилавӣ аз муҳим будани масъалаи сарнавишти оила дар Русия, мубрамияти он шаҳодат медиҳад.

Бори дигар ба таърифи мафҳуми оила руҷуъ намуда, зикр месозем, ки муҳаққиқи рус Соловёв Н.Я. оиларо «гурӯҳи хурди иҷтимоӣ ва шакли муҳимтарини ташкили маишати шахсӣ таъриф додааст, ки дар асоси иттифоқи ҳамсарӣ ва робитаҳои хешутаборӣ ба вуҷуд омада, асоси онро муносибатҳои байниҳамии ҳамсарон, волидон, кӯдакон ва хонавода бо хоҷагидории умумӣ дарбар мегирад»” [68] . Дар китоби «Вожаномаи тафсирии мафҳумҳои психологӣ ва педагогӣ» бошад, оварда шудааст, ки илова ба никоҳ муносибатҳои хунӣ низ ба муҳтавои мафҳуми оила ворид мешаванд. Таҳиягарони китоби мазкур чунин менигоранд, ки «Оила гурӯҳи хурди иҷтимоӣ аст, ки дар асоси никоҳи қонунӣ ва хешии хунӣ ба вуҷуд меояд ва аъзоёни он байни худ бо умумияти маишӣ ва масулиятшиносии байниҳамдигарии ахлоқӣ ва моддӣ алоқамандранд”[69]. Ба ҳамин маънӣ, дар китоби муҳаққиқони ватанӣ «Кори иҷтимоӣ бо оила» низ оварда шудааст, ки «Оила - ташкилоти махсусест, ки аз як тараф ҳамчун гурӯҳи хурди иҷтимоӣ баромад намуда, аз тарафи дигар, институти ҷамъиятӣ мебошад»[70].

Аз ин ду таърифи боло бармеояд, ки оила ҳам дар асоси никоҳ ва ҳам муносибатҳои хунӣ пайдо мешавад, ки ин қобили пазириш аст. Вобаста ба ин, бояд таъкид намуд, ки бар хилофи таърифҳои болозикр дар тафаккури урфии ҷомеаи муосир, арзишҳои оилаи суннатиро ҳам ба дараҷаи ифрот ва ҳам ба дараҷаи тафрит мерасонанд. Дар дараҷаи ифрот бо таъсирпазирӣ аз фарҳанги муосири ғарбӣ муҳиммияти таъсиси оила, ҳайат, сохтор ва муносибатҳои аъзоёни он ва арзиши суннатии оила майл ба косташавӣ дорад. Ба маънии дигар, дар раванди ҷаҳонишавӣ арзишҳое доир ба оила

---

[68] Соловьев, Н.Я. Брак и семья сегодня [Текст] / Н.Я. Соловьев. – Вильнюс: Минтис, 1977. – С.26.
[69] Қодиров, Қ.Б., Давлатов, М.Т., Расулов, С.Х. Вожаномаи тафсирии истилоҳоти психологӣ ва педагогӣ [Матн] / Қ.Б. Қодиров, М.Т. Давлатов, С.Х. Расулов. – Душанбе, 2008. – С.107.
[70] Баҳромбеков, Д.А. Кори иҷтимоӣ бо оила [Матн] / Д.А. Баҳромбеков, Ҷ.Д. Ҷӯраев, Х. Зеваров, Ф. Миров, К. Шоев. – Душанбе: Истеъдод, 2012. – С.23.

ва ҳикмати оиладорӣ пайдо шуда истодаанд, ки комилан мухолиф ба оиладории суннатӣ ҳастанд. Аз ҷумла, таъсиси оила дар доираи як ҷинс, тавлиди фарзанд бидуни таъсиси оила, баробарии тамоми аъзоёни оила дар идораи умури оиладорӣ, озодии мутлақи аъзои оила ва итоат накардани фарзандон ба волидайн ва монанди инҳо масоиле ҳастанд, ки ҳудудҳои оилаи суннатиро убур карда, аз ҷонибе баъзе мардумон хуш пазируфта мешаванд.

Дар дараҷаи тафрит бошад, хусусияти консервативӣ касб кардани оилаи суннатӣ ва ба таассуб табдил ёфтани муносибатҳо дар нисбати ниҳоди мазкур ба вуҷуд меоянд. Нишонаи ин навъи муносибат никоҳи хешутаборӣ аст, ки дар ҷомеаи муосири тоҷик низ ҷой дорад. Албатта, муносибатҳои эндогомӣ дар таърихи ҷомеаи инсонӣ вуҷуд дошт, ки вобаста ба сатҳи тафаккур, дараҷаи пешрафти маданият ва давру замон зина ба зина амалкарди худро коҳиш додааст. Аммо қисме аз мардумони мо ҳанӯз аз ин амал даст накашида, баръакс онро ҷонибдорӣ менамоянд. Новобаста аз хулосаҳои илми тиб ва муайян намудани оқибатҳои нохуши никоҳи хешутаборӣ аз он худдорӣ намекунанд, ки нишонаи хусусияти консервативӣ ва таассубӣ касб кардани муносибатҳо дар мавриди таъсиси оила мебошад. Ба андешаи мо, зарур аст, ки шуури насли муосирро бо дарки ратсионалӣ ва хирадии масъала, ки аз таассубу хурофот орӣ аст ва ба воқеияти замон нигаронида шуда мебошад, тарбият намоем.

Маврид ба зикр аст, ки оила ташкилоти махсус, заминаи бунёдии ҷомеаи инсонӣ ва фазои мувофиқи инкишофи шахсияти инсон ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, дар раванди таъсиси ин ниҳод, месазад, ки аз ҷиддият кор гирифт ва онро тавре таъсис дод, ки вазифаҳои худро иҷро карда тавонад. Яъне, оила бояд гурӯҳеро ба ҳам биорад, ки онҳо неруи созандаи худро тақвият бахшида, дар ташаккули ҷомеа саҳм гузошта тавонанд.

Оид ба масъалаи мазкур муҳаққиқи тоҷик Амирхон Ш.Т. дар таҳқиқоти худ оид ба фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ барҳақ қайд менамояд, ки “инсоният дар раванди таҳаввулоти ҳаёти хеш, арзишҳоеро офаридаву коркард кардааст, ки дар ташаккули бонизоми ҷомеа ва камолоти маънавии насли башар нақши босазо гузоштаанд. Аз зумраи ин гуна дарстовардҳои арзишнок «оила» мебошад. Оила, на танҳо фарогирандаву ифодакунандаи як гурӯҳи мушаххаси ҷамъиятӣ, балки ҳамчун институти иҷтимоие ба ҳисоб меравад, ки дар он хишти нахустини бунёди сифатии шахс, ташкили ҷомеа, тарбияи инсон ва ба камолот расонидани он ҳамчун шахсияти созанда гузошта мешавад. Ҳамин аст, ки бештари муҳаққиқон «оила»-ро гурӯҳи хурди иҷтимоӣ, ниҳоди нахустин ва муҳимтарини иҷтимоӣ, инчунин, заминаи бунёдии ҷомеа муаррифӣ кардаанд. Қисмати дигари донишмандон бар онанд, ки «оила» ин системаи робитаҳои зану мард мебошад, ки фарзандон низ баъдан ба он ворид мегарданд”[71].

Дар маҷмуъ, нақши фалсафа дар ҷомеа ҳамеша бузург буда, фалсафаи иҷтимоӣ, махсусан дар ибтидои асри XX, ба ташаккули шуури ҷамъиятӣ ва фазои фарҳангии ин давраи таърихӣ таъсири бузург расонд. Намояндагони ин фалсафа кӯшиш карданд, ки симои идеалии оиларо, ки ҳамчун намуна амал мекунад, пешниҳод кунанд, ки дар асл аз муносибатҳои никоҳӣ-оилавӣ дар Русия дар ибтидои асри XX дур буд. Аммо дар пешгӯии модели «оилаи идеалӣ» кӯшиш карда шуд, ки мушкилоти муҳимтарини муносибатҳои никоҳӣ-оилавӣ дар ибтидои асри XX бо мақсади нигоҳ доштани ниҳоди чандинасраи оила ва пешгирӣ аз вайроншавӣ ва аз байн рафтани он ҳамчун арзиши фарҳангӣ ҳал карда шавад. Бо вуҷуди ин, тавре ки таҷрибаи таърихӣ собит кардааст, мавҷудият ва ҳифзи шакли анъанавии оила дар замони дигаргунсозиҳои иҷтимоӣ бидуни тағйироти он имконнопазир аст. Хизмати назарияҳои фалсафӣ, ки масъалаи оиларо

[71] Амирхон, Ш.Т. Фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ [Матн] / Ш.Т. Амирхон. – Душанбе, 2022. – С.174.

ҳамаҷониба таҳқиқ кардаанд, дар он аст, ки онҳо оиларо ядрои нигоҳдории арзишҳои тамаддун донистаанд. Маҳз тавассути чунин мавқеъгирӣ дар афкори фалсафии рус соҳаи фарҳангии ҳаёти ҷомеаи ибтидои асри XX ташаккул ёфт ва дар он татбиқи арзишҳои иҷтимоӣ ва оилавӣ сурат гирифт.

Дар раванди инкишофи маънавию ахлоқии инсон дар баробари баҳра бурдан аз дастовардҳои фарҳанги умумибашарӣ, инчунин аз арзишҳои фарҳанги миллӣ васеъ истифода карда мешавад. Аз ин рӯ, давлат ҳамеша барои бо ин арзишҳои беназири миллӣ ошно сохтани кулли аъзои ҷомеа саъю талош мекунад. Барои мондагор будани арзишҳову анъанаҳои маънавӣ ва таъмини воридсозии онҳо дар ташаккули фарҳанги миллӣ дар ҷомеаи мо нақши ниҳоди оила бузург боқӣ мемонад. Пеш аз ҳама он дар ҳаёти оилавӣ, дар муносибати байниҳамдигарии аъзои он мушоҳида мегардад. Оила, ки ҷузъи ҷудонашаванадаи ҷомеа ва ниҳоди ҷомеа мебошад, вуҷуд доштани он бе маънавиёт имконнопазир аст: "ҳолати нави оиларо сарвати маънавӣ ва ба якдигар муносибати самимӣ доштани аъзоёни он, ки ба манфиати умум нигаронда шудааст, муайян мекунад.[72]"

Пойдории ҳар ҷомеа ба раванди танзими ахлоқии аҳли он вобаста аст. Анъанаҳои маънавӣ ва арзишҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла фарҳанги оиладорӣ ҳамчун падидаҳои мусбат ва устувори ҷомеа ҳамеша бар зидди падидаҳои манфӣ ва номатлуб нигаронда шуда буданд. Дар ин росто бояд зикр намуд, ки яке аз вазифаҳои асосии оила таъмин намудани ҷомеа бо насли солим мебошад. Аз ин рӯ, рушди ҳаёти маънавӣ, иқтисодӣ ва умуман иҷтимоӣ ба кадрҳо вобаста буда, онҳо бевосита дар оилаҳо тарбия меёбанд: "Дар оила муносибатҳои ғоявӣ (идеологӣ), ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва динӣ сурат мегирад. Ташаккули захираҳои меҳнатӣ, интихоби касб, муҳоҷирати аҳолӣ таҳти таъсири оила қарор мегирад. Маҳз дар оила одатҳои гуногун, асосҳои

[72] Дадабоева, Н.Н., Дадабоев, Н. Ташаккули муносибатҳои оилавӣ ва анъанаҳои оилаи тоҷик [Матн]: дастури таълимӣ / Н.Н. Дадабоев, Н. Дадабоев. – Хуҷанд, 2014. – 164 с.

ахлоқии муносибат бо калонсолон, меҳру шафқат ва ё бетарафӣ ташаккул меёбанд".[73]

Имрӯз дар баробари таҳдид ва хатарҳои глобализатсионӣ, ки ба фаъолияти ниҳодҳои ҷомеа таъсир мерасонанд, мақоми онҳоро заиф мекунанд, оила фазое мебошад, ки шахс оромӣ ва амнияти худро дар он мебинад. Дар даврони муосир инчунин инкишофи муносибатҳои бозорӣ низ то андозае ҳолати оиларо тағйир додааст. Ҳамзамон, таълим ва тарбия дар оилаҳо то андозае заиф гардидааст, ки он ҳам бевосита ба маънавиёт алоқаманд аст. Бо вуҷуди ҳамаи ин, хушбахтона, оила боз ҳам вазифаи худро иҷро мекунад: "Чӣ қадар рақобат, мубориза, сахтиву мушкилӣ зиёд бошад, ҳамон қадар инсон сӯйи ҳифз, оромӣ, арзиши ахлоқии оила равон мегардад. Чӣ қадар аз ҷамъият дур раванд, ҳамон қадар доираи хешовандону наздикон ба худ мекашанд. Бинобар ин, аксари мардҳо ва занҳо оиларо беҳтар ва фарзандонро неъмати бебаҳо меҳисобанд.[74]"

Қобили зикр аст, ки дар фарҳанги тоҷикон оила мақоми махсусро соҳиб аст. Ташкил намудани оила ва издивоҷ намудани ду навҷавон низ дар таърихи фарҳанги тоҷикон чун ҳодисаи фараҳбахш ба шумор меравад. Мувофиқи таълимоти динӣ, аз ҷумла динҳои тавҳидӣ издивоҷ восита ва шарти муҳимми рушди ҷомеаи инсонӣ ба шумор меравад, ки он бо пайдоиши насли нав алоқамандӣ дорад. Аз ин рӯ, дар дохили маросими арӯсӣ аз хостгорӣ шуруъ намуда, то охирин марҳалаи тую сур, фарҳанги хоси мардуми мо инъикос гардидаанд.

Хулоса, таърифҳои зиёди оила, ки дар ин фасли диссертатсия мавриди таҳлил қарор гирифтанд, нишон медиҳанд, ки дар мушаххассозии мафҳуми оила асосан ба чунин унсурҳо ва хусусиятҳои ин ниҳод таваҷҷуҳи махсус карда мешавад: 1) оила пеш аз ҳама маҷмуи одамон аст - гурӯҳи одамон; гурӯҳи хурди иҷтимоии ҷамъият; ташкилоти махсус, ки гурӯҳи хурди

[73] Дадабоева, Н.Н., Дадабоев, Н. Ташаккули муносибатҳои оилавӣ ва анъанаҳои оилаи тоҷик [Матн]: дастури таълимӣ / Н.Н. Дадабоев, Н. Дадабоев. – Хуҷанд, 2014. – С.25.
[74] Ҳамон ҷо. – С.50.

иҷтимоӣ мебошад; ҷамъияти одамон; иттифоқи зану шавҳарӣ ва алоқаи хешовандӣ ва ғ.; 2) дар оила алоқаҳои хешутаборӣ вуҷуд дорад – миёни зану шавҳар, волидону фарзандон, бародарону хоҳарон ва дигар хешовандон; миёни зан, шавҳар ва кӯдакон; алоқаи хешутаборӣ дар умум ва ғ.; 3) оила ба робитаҳои иқтисодӣ алоқаманд аст - хоҷагии умумӣ; хоҷагидории умумӣ ва ғ.; 4) никоҳ асос ва оғози оила аст; 5) оила озодона ташкил мешавад - ҳамзистии муназзами зан, шавҳар ва кӯдакон; иттифоқи озод, ихтиёрӣ ва баробарҳуқуқи одамон ва ғ.; 6) оила бо ҷомеа ва давлат алоқаманд аст - оила аввалин таҳкурсӣ ва неруи давлат аст; муҳимтарин ячейкаи ҷамъияту давлат мебошад; институти ҷамъиятӣ аст; таҳти муҳофизати давлат қарор дорад ва ғ.; 7) оила масъулияти тарбияи аъзои худро дошта, арзишҳоро аз насл ба насл интиқол медиҳад ва амсоли он.

Дар асоси ин унсурҳои асосӣ, ки дар боло зикр кардем, мафҳуми оиларо ба таври каме муфассалтар мо метавонем чунин таъриф диҳем: оила гурӯҳи одамон ва ниҳоди иҷтимоӣ аст, ки дар асоси никоҳ ва алоқаҳои хешутаборӣ, ба таври озоду ихтиёрӣ ташкил шуда, баробарҳуқуқии аъзои худро нигоҳ медорад, хоҷагидории умумиро ба роҳ мемонад, муҳимтарин ҷузъи ҷамъияту давлат мебошад ва таҳти ҳимояти онҳо қарор дошта, аъзои худро тарбия мекунад ва арзишҳоро аз як насл ба насли дигар интиқол медиҳад. Дар чунин шакл пешниҳод намудани таърифи ниҳоди оила, албатта, то ҳол ҳам комил нест, вале он имкон медиҳад, ки на танҳо мафҳум, моҳият ва нақши он дар гузашта ва дар ҷомеаи муосир каме муфассалтар фаро гирифта шаванд, балки барои муайян намудани таъсири оила ба рушди ҷомеа низ каме равшанӣ андохта шавад.

Аз ин рӯ, бо чунин фаҳмиши моҳияти оила дар фаслҳои оянда масъалаҳои таъсири оила ва арзишҳои оилавиро ба рушди ҷомеа, мақоми онҳоро дар бунёд, ҳифз, такрористеҳсолкунӣ ва рушди арзишҳои иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

## 1.2. Арзишҳои иҷтимоӣ, оилавӣ ва таъсири онҳо ба асосҳои аксиологии рушди ҷомеаи муосир

Раванди рушди ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ бо арзёбии системаи арзишҳо алоқаманд аст. Бо ҳамин сабаб масъалаҳои арзиш ва асосҳои аксиологии рушди ҷомеаи муосир дар пажӯҳишҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар солҳои охир яке аз ҷойҳои аввалро ишғол мекунанд. Сабаби дигар дар он аст, ки арзишҳо инъикоси воқеияти мавҷуда мебошанд ва аз ин рӯ, моҳияти арзишҳои ҷомеаро омӯхта, моҳияти равандҳои дар низоми муайяни иҷтимоӣ, ҷомеа ё гурӯҳ ҷойдоштаро дарк кардан имкон дорад. Арзишҳо ҳамеша намудҳои муайяни муносибатҳои байни одамонро инъикос мекунанд ва одамонро дар ҷомеа муттаҳид месозанд. Аз рӯи системаи тамоюлҳои арзишноки ҷамъият характери инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ, дурнамои тараққиёти ҷамъият ва фарҳангро баҳо додан мумкин аст.

Яке аз ҳадафҳои ин таҳқиқот муайян кардани моҳияти арзишҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла фарҳангӣ бо дастрасӣ ба ифшои мундариҷаи мафҳуми арзишҳои оилавӣ ва таъсири онҳо ба асосҳои аксиологии рушди ҷомеаи муосир мебошад. Аз ин рӯ, дар мадди аввал таърифи мафҳуми арзишро равшан кардан зарур аст. Дар ин росто қобили зикр аст, ки таълимоти фалсафӣ оид ба арзишҳо ва табиати онҳоро аксиология (аз юнонӣ axios - арзиш ва logos - таълим) ё арзишшиносӣ меноманд. Дар фалсафаи даврони қадим ва баъдан, дар афкори фалсафии асримиёнагӣ арзишҳо бо худи ҳастӣ айният дода шуда, ба мафҳуми он сифатҳои арзишӣ дохил карда шудаанд. Аз ин рӯ, арзишҳоро аз ҳастӣ ҷудо надониста, балки онҳоро дар худи ҳастӣ меҷустанд. Аз Суқрот ва Афлотун сар карда, саволҳои асосии назарияи арзишҳо инҳо буданд: «Нек чист?»; «Адолат чист?». Ҳамин ду арзиш меъёрҳои асосии ҳастии ҳақиқӣ буданд.

Давраҳои гуногуни таърихӣ ва низомҳои гуногуни фалсафӣ дар дарки моҳияти арзишҳо осори худро мегузоранд. Дар асрҳои миёна арзишҳо бо

моҳияти илоҳӣ алоқаманд буда, хусусияти динӣ пайдо намуданд. Давраи Эҳё арзишҳои инсонпарвариро ба майдон овард. Дар замони муосир рушди илм ва муносибатҳои нави ҷамъиятиро бештар бо равишҳои гуногун ба сифати арзишҳо донистани ашё ва падидаҳо муайян мекунанд. Дар нимаи дуюми асри XX яке аз мавзуҳои асосии баҳсу мунозираҳо масъалаи таносуби некӣ ва бадӣ ба шумор мерафт.

Муҳаққиқони муосир, ки намояндагони мактабҳо ва равияҳои гуногуни фалсафӣ мебошанд, баҳс мекунанд, ки оё арзиш хусусияти чизест ё натиҷаи арзёбиест, ки онро ниёзҳои фард ва ҷомеа тақозо мекунанд. Дар ҳолати аввал, арзиш ҳамчун чизи объективӣ, ки новобаста аз инсон мавҷуд аст, шарҳ дода мешавад. Дар ҳолати дуюм, мафҳуми арзиш ба маҳсули муҳокимаву арзёбиҳои субъективии хусусияти худсарона дошта табдил дода мешавад. Ҳарду ин нуқтаи назар баъзе вижагиҳои мафҳуми арзишро инъикос мекунанд, аммо таърифи муносиби онро намедиҳанд. Агар ризо бошем, ки арзиш танҳо хоси воқеият, яъне падидаҳои табиат, ҷомеа ё фарҳанг аст, пас ногузир арзиш бояд бо ҳақиқат айният дошта бошад[75].

Оид ба масъалаи мазкур Суқрот, ки аввалин шуда масъалаи асосии аксиологияро мураттаб карда буд, яъне «Чӣ нек аст?»-ро нишон дода, байни арзишҳо тафовути ҷиддӣ гузошта буд. Дониш муҳим аст, аммо шарти ягонаи ноил шудан ба некӣ нест, зеро ашё ва ҳодисаҳои табиат ва ҷомеа дорои хосиятҳое мебошанд, ки дарку маърифати онҳо метавонад дар шакли дониш дар бораи он, ки ин воқеият бояд чӣ гуна бошад, инсон нисбат ба табиат ва одамони дигар чӣ гуна рафтор кунад, сурат гирад. Аз як тараф, дониш дар бораи ашё аз рӯи ҳақиқӣ ё дурӯғин будани он, аз тарафи дигар, аз ҷиҳати арзиши ашё, яъне аҳаммияти он барои инсон тавсиф мешавад.

[75] Выжлецов, Г.П. Аксиология культуры [Текст] / Г.П. Выжлецов. – СПб.: СПб. ун-та, 1996. – 148 с.; Ивин, А.А. Аксиология [Текст] / А.А. Ивин. – М.: Высш. шк., 2006. – 390 с.; Каган, М.С. Философская теория ценности [Текст] / М.С. Каган. – СПб.: Петрополис, 1997. – 205 с.; Розов, Н.С. Ценности в проблемном мире: философские основания и социальные приложения конструктивной аксиологии [Текст] / Н.С. Розов. – Новосибирск: НГУ, 1998. – 292 с. ва диг.

Мо чунин ақида дорем, ки арзиш хусусият нест, балки муносибати байни фикр ва воқеият аст. Инсон дар асоси таҷрибаи фардии худ мавҷудияти робитаи байни чизи барои ӯ муҳим ва эҳтиёҷоту манфиатҳояшро ба хубӣ дарк мекунад.

Файласуфи олмонӣ И.Кант ба ҳамаи назарияҳои минбаъдаи арзишҳо, ки онҳо ё ба ақидаи ӯ руҷуъ мекунад ва ё онро рад мекунанд, асос гузошт. Сарфи назар аз он, ки масъалаи арзишҳо дар таълимоти ахлоқии И.Кант мавқеи марказӣ надошт, ӯ тавонист, ки саволи асосиро ошкор кунад, яъне арзиш чист? Ӯ аввалин шуда мафҳуми «арзиш»-ро ба маънои танг истифода бурд ва дар асари худ «Асосҳои метафизикии ахлоқ. Танқиди ақли амалӣ»[76] зинанизоми арзишҳоро дар асоси ҳадафҳо муайян сохт: арзишҳое, ки ба ҳадафҳои объективӣ асос ёфтаанд, яъне мавҷудияти онҳо «худи худ ҳадаф аст»; [77] арзишҳое, ки ба ҳадафҳои субъективӣ асос ёфтаанд (ашёҳо, чизҳое, ки ақл надоранд).

И.Кант аввалин шуда арзишҳоро ба ибтидоӣ ва дуюмдараҷа тақсим карда, ҳаёти инсонро дар саргаҳи зинанизоми арзишҳо гузошт ва таваҷҷуҳи ҷомеаро ба аҳаммияти марказии арзишҳои маънавию ахлоқӣ ҷалб намуд.

Бояд ёдовар шуд, ки «арзиш» ҳамчун объекту предмети таҳқиқи илмӣ-фалсафӣ ва категорияи мустақил танҳо дар солҳои 60-уми асри XIX вориди илм шуд. Ин раванд одатан бо пайдоиши асари файласуфи олмонӣ Г.Лотзе «Асосҳои фалсафаи амалӣ» [78] алоқаманд карда мешавад, ки дар он мутафаккир байни олами падидаҳо ва ҷаҳони арзишҳои дохилии шахсият фарқ гузошта, ба нахустсабаби аслии арзишҳо – ҳадаф ишора мекунад, ки татбиқи он ҷаҳони арзишҳоро ба вуҷуд меорад. Муҳаққиқи рус П.В. Алексеев бошад, чунин мешуморад, ки хизмати бебаҳси Г.Лотзе дар мубрамсозӣ ва мураттаб сохтани масъалаи таносуби объективият ва

[76] Кант, И. Основы метафизики нравственности [Текст] / И. Кант // Сочинение: в 6 т. – М.: Мысль, 1965. – Т.4. – Ч.1. – С.268-269.
[77] Ҳамон ҷо. – С.269.
[78] Лотце, Г. Основания практической философии [Текст] / Г. Лотце. – СПб., 1882. – 87 с.

субъективият дар арзишҳо ва аз ҳама муҳимаш, дар ворид кардани мафҳуми «арзиш» ба доираи категорияҳои асосии фалсафӣ мебошад[79].

Ташаккули аксиология ҳамчун илми фалсафӣ бо номи В.Винделбанд алоқаманд аст. Ӯ бори нахуст қайд кардааст, ки маҳз Г.Лотзе мафҳуми арзишро ҷудо карда, ба он моҳияти метафизикӣ додааст. Дар фалсафаи муосир назарияи арзишҳо дар шакли нав ба вуҷуд меояд. Идеяи марказии назарияи фалсафии В.Винделбанд ин аст, ки арзишҳои олии умумибашарӣ, нақшаи умумии тамоми вазифаҳои фарҳанг ва асоси ҳар як амалисозии инфиродии арзишро ташкил медиҳанд[80].

Файласуфи олмонӣ Г.Риккерт бар хилофи В.Винделбанд мафҳуми арзишро аз назарияи дониш ва мантиқ, дар заминаи фаҳмиши худ дар бораи падидаи фарҳанг ва ҷудоии он аз табиат таъриф ва таъбир кардааст[81]. Ӯ исбот кардааст, ки арзишҳо воқеиятро ифода намекунанд, аммо моҳияти онҳо дар аҳаммияти онҳост, на дар воқеӣ будан ё набуданашон. Ба гуфтаи Г.Риккерт, арзишҳо дар объектҳои фарҳангӣ, аз қабили дин, калисо, давлат, оила таҷассум мешаванд.

Таълимоти Г.Риккерт, В.Винделбанд ва дигар намояндагони навкантчигиро таҳлил намуда, муҳаққиқи рус Н.А. Бенедиктов дар китоби худ «Муқаддасоти русӣ»[82] менависад, ки камбуди асосии таълимоти назарияи арзишҳои онҳо дар имконнопазирии рафъи фосила байни «ҳаёти амалӣ ва муқаддасоти олӣ» мебошад.

Дар ибтидои асри XX файласуф ва равоншиносӣ олмонӣ Г.Мюнстерберг дар китоби худ «Фалсафаи арзишҳо»[83] олами арзишҳоро таҳлил намуда, қайд кардааст, ки арзишҳо танҳо ба ҷанбаҳои фаротабиӣ ва

[79] Алексеев, П.В. Социальная философия [Текст] / П.В. Алексеев. – М.: ТК «Велби», 2003. – С.122.

[80] Виндельбанд, В. Прелюдии. Философские статьи и речи [Текст] / В. Виндельбанд. – СПб.: Жуковского Д.Е., 1904. – 374 с.

[81] Риккерт, О.Г. Философия жизни [Текст] / О.Г. Риккерт. – М.: Ника-Центр, 1998. – 512 с.

[82] Бенедиктов, Н.А. Русские святыни [Текст] / Н.А. Бенедиктов. – М.: Алгоритм, 2003. – С.28.

[83] Munsterberg, H. The eternal vales. Houghton Mifflin [Text] / H. Munsterberg. – Boston, 1909. – P.215-229.

фарофардӣ  тааллуқ доранд, зеро табиат дар ибтидо аз арзишҳо холӣ ва озод аст.

Дар бораи таҳаввул ва рушди тасаввуротҳо оид ба арзишҳо сухан ронда, нақши афкори фалсафии русро махсус қайд кардан зарур аст, зеро аксари файласуфони рус, аз ҷумла Н. Бердяев ва И. Илин дар бораи буҳрони амиқе, ки фалсафаи Аврупоро дар натиҷаи тағйирёбии низоми арзишҳо фаро гирифта буд, сухан ронда, вобаста ба таҳавулоти фалсафаи аврупоӣ пешниҳодҳои мушаххас манзур кардаанд. Аз ҷумла, файласуфи рус Н.А. Бердяев дар асари худ «Фалсафаи нобаробарӣ» менависад: «Ҳар арзиш танҳо ифодаи фарҳангии илоҳӣ дар воқеияти таърихӣ аст». Ин ақидаи файласуф аз он бармеояд, ки арзишҳо, муқаддасот ва воқеияти маънавӣ барои инсон гаронбаҳотарин чизҳоянд [84] , онҳо аз ҳаёти таҷрибавии заминии одамон, аз некӯаҳволӣ ва ҳатто аз қонеъ кардани ниёзҳои гуногуни таъхирнопазир гаронбаҳотаранд.

И.А. Илин, монанди Н. Бердяев, ба арзиш характери муқаддасӣ дода, онро ҳамчун муқаддасоти олитарини ҳамамуайкунанда ва бо интихоб асосёфта мешуморад, ки инсон онро аз ҳама бештар дӯст медорад, зеро он дар ҳақиқат ба ин муҳаббат сазовор аст.

Маънои амалии тақдирсози арзишҳоро файласуфи рус Г.П. Федотов низ қайд карда, навиштааст, ки арзишҳо маънои онтологӣ доранд, ки имкон медиҳад ҳатто миллате, ки ҷанг ё инқилобро барангехтааст, манфиатҳои худро тавассути мавқеъгирӣ аз пуштибонии қаҳрамонӣ, муқаддасӣ, аскетизм амалӣ сохта, сафед карда шавад. Г.П. Федотов чунин мешуморад, ки ин арзишҳо бо иҷрои вазифаҳои созандаи худ фарҳанги ҷомеаро ташкил медиҳанд.[85]

Файласуфи рус Н. Лосский арзишро дар заминаи тамаддун таҳқиқ намуда, чунин мешуморад, ки рушди тамаддун бе вуҷуди зербинои арзишӣ

---

[84] Бердяев, Н.А. Философия свободы [Текст] / Н.А. Бердяев. – М.: АСТ, 2002. – С.521.
[85] Федотов, Г.П. Судьба и грехи России [Текст] / Г.П. Федотов. – М.: Даръ, 2005. – 496 с.

имконнопазир аст. Ӯ дар асараш «Арзиш ва ҳастӣ» [86] аз хусусияти ҳамамуайянкунандаи арзишҳо сухан меронад. Дар ин ҷо арзиш чизи ҳамаҷониба аст, ки маънои тамоми ҷаҳонро дар маҷмуъ, ҳар як шахс, ҳар як ҳодиса ва ҳар як амалро муайян мекунад. Инҷо файласуф ба робитаи диалектикии арзишҳо ва рушди тамоми ҷаҳон ишора мекунад.

Файласуф ва ҷомеашиноси русу амрикоии асри XX. П.А. Сорокин назарияи сотсиологияро дигаргун сохта, арзишро ҳамчун мафҳуми асосии назарияи сотсиологӣ қарор дод ва бо ҳамин дар назарияи сотсиология инқилоб барпо кард. Аз ин рӯ, яке аз категорияҳои асосии системаи назариявии П. Сорокин «арзиш» аст[87]. Он ҳамчун шарти зарурии маърифат амал карда, ба шарти мавҷудияти фарҳанг табдил меёбад. Умуман, арзиш талаботи инсонро ба як самти муайян равона мекунад, ки дар он таносуби истеҳсолии се ҳадафи маърифат ба таври стихиявӣ инкишоф ёфта, ин ё он шакли ҳаётбахши он ташаккул меёбад.

Дар навбати худ, шарти мавҷудият ва таъсири иҷтимоии арзиш, ин мутобиқати он ба воқеият мебошад. Арзиш метавонад танҳо бо вуҷуд доштани чунин мутобиқат муддати тулонӣ дар фарҳанг ҳукмронӣ кунад. Аз ин рӯ, он бояд ба анъанаи афзалиятноки дониш мувофиқ бошад, қонунияти худро тавассути он қабул ва пайваста «тасдиқ» намояд. Ба чунин диалектикаи дониш ва арзиш, ки ҳамдигарро қонунӣ мегардонанд, равандҳои ҷаҳонии ташаккул, рушд ва тағйирёбии суперсистемаҳои фарҳангӣ асос ёфтаанд.

Дар таълимоти худ П. Сорокин тавонист нишон диҳад, ки арзишҳо қувваи асосии ҳавасмандкунанда ва пешбарандаи ҷомеа мебошанд. Ӯ дар асараш «Динамикаи иҷтимоӣ ва эволютсионизм» менависад: «Ҳар як фарҳанги бузург на танҳо маҷмуи падидаҳои гуногунест, ки бо ҳам вуҷуд доранд, вале ба ҳеҷ ваҷҳ бо ҳам алоқаманд нестанд, балки ягонагӣ ё

[86] Лосский, Н.О. Ценность и бытие [Текст] / Н.О. Лосский. – М.: АСТ, 2000. – 864 с.
[87] Сорокин, П.А. Социокультурная динамика и эволюционизм [Текст] / П.А. Сорокин // Американская социологическая мысль. – М., 1996. – С.372-392.

фардият, ҳамаи ин қисмҳои таркибианд, ки бо як принсипи асосӣ фаро гирифта шуда, як арзиши асосиро ифода мекунанд. Хусусиятҳои бартаридоштаи санъати тасвирӣ ва илмҳои чунин фарҳанги ягона, фалсафа ва дин, ахлоқу ҳуқуқ, шаклҳои асосии ташкили иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ, аксари одобу расму оин, тарзи зиндагӣ ва тафаккури он (менталитет) - ҳамаи онҳо ба таври худ принсипи асосии он, арзиши асосии онро ифода мекунанд. Ин арзишест, ки асос ва пояи ҳар як фарҳанг аст»[88].

Дар бораи нақши ҷаҳонбинии арзишмеҳвар сухан ронда, П. Сорокин таъкид мекунад, ки буҳрони арзишҳои маънавӣ дар охири асри XX ногузир ба фалокати иҷтимоӣ бурда мерасонад.

Дар адабиёти фалсафӣ ва ҷомеашиносии шуравӣ мушкилоти арзишҳо аз ибтидои солҳои шастуми қарни гузашта мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. В.П. Тугаринов яке аз аввалин муҳаққиқони шуравист, ки назарияи худро дар бораи арзишҳо баён кардааст. Ба андешаи ин олим, арзишҳо ин ҳадафҳо ё идеалҳое мебошанд, ки дар асли худ ангезаи ҳавасмандгардонии амалро доранд. Ба маънои умумӣ бошад, «...арзишҳо он падидаҳо (ё ҷанбаҳо, хосиятҳои падидаҳо)-и табиат ва ҷомеа мебошанд, ки фоидаоваранд, онҳо барои одамони ҷомеаи таърихан муайяншуда ҳамчун воқеият, ҳадаф ё идеал заруранд»[89]. Аз ин таърифи муҳаққиқ ба хулосае омдан имкон дорад, ки арзиш метавонад на танҳо он чизе бошад, ки вуҷуд дорад, балки он чизе бошад, ки ҳам акнун бояд амалӣ карда шавад. Арзишҳои маънавӣ ва ахлоқиро В.П. Тугаринов ба зинаҳои олии нардбони арзишҳо бароварда, ба онҳо дар раванди таърихӣ аҳаммияти махсуси функсионалиро нисбат медиҳад.

[88] Сорокин, П.А. Социокультурная динамика и эволюционизм [Текст] / П.А. Сорокин // Американская социологическая мысль. – М., 1996. – С.372-392.
[89] Тугаринов, В.П. Теория ценностей в марксизме [Текст] / В.П. Тугаринов. – Л.: Изд-во ЛГУ, 1968. – С.28.

Аз зумраи аввалин файласуфони собиқ шуравӣ, ки ба масъалаҳои аксиологӣ рӯ овардаанд, И.А. Василенкоро [90] метавон зикр кард, ки арзишро ҳамчун аҳамияти предмету ҳодисаҳои олами воқеӣ барои инсон, қобилияти онҳо барои қонеъ гардондани талаботи моддию маънавии инсон дарк намудааст ва И. С. Нарскийро [91] номбар кард, ки танҳо идеалҳоро ҳамчун арзишҳо эътироф менамуд ва неъматҳои моддиро танҳо ҳамчун воситаи расидан ба арзишҳои ҳақиқӣ - хушбахтии инсон, озодӣ, некӣ ва адолат медонист.

Ҳамзамон бо ин таҳқиқотҳо равише таҳия шудааст, ки бевосита асосҳои ибтидоии ин таҳқиқотҳоро муттаҳид мекунад. Дар он арзиш ҳамчун аҳаммият ва ҳамзамон идеал муайян карда мешавад. Ин консепсияро дар асарҳои худ файласуфи рус О.Г. Дробнитский инкишоф додааст [92]. Ӯ арзишро ҳамчун мафҳуме муайян мекунад, ки он аввалан, аҳаммияти мусбат ё манфии объектро (арзишҳои объективиро) ва сониян, ҷанбаи меъёрӣ, дастурӣ-баҳодиҳандагии падидаҳои шуури ҷамъиятӣ (арзишҳои субъективӣ ё арзишҳои шуур)-ро муайян мекунад [93] . Ба арзишҳои объективӣ О.Г. Дробнитский неку бади табииро, ки дар сарватҳои табиӣ ва офатҳои табиӣ мавҷуд аст, арзиши истеъмолии маҳсулоти меҳнат (умуман фоиданок), некӣ ва бадии иҷтимоиро, ки дар падидаҳои иҷтимоӣ мавҷуд мебошанд, аҳамияти прогрессивӣ ё реаксионии воқеаҳои таърихӣ, мероси фарҳангии замони гузаштаро, ки ҳамчун объекти сарвати муосирон баромад мекунад, таъсири муфид ё арзиши назариявии ҳақиқати илмӣ, некиву бадии ахлоқиро, ки дар кирдори одамон таҷассум ёфтааст, хусусиятхои эстетикии объектҳои табиӣ ва ҷамъиятӣ ва асарҳои санъат, объектҳои ибодати динӣ ва ғайраро нисбат медиҳад.

---

[90] Панарин, А.С., Василенко, И.А. Философия истории [Текст] / А.С. Панарин, И.А. Василенко. – М.: Гардарики, 1999. – 431 с.
[91] Нарский, И.С. Кант [Текст] / И.С. Нарский. – М.: Мысль, 1976. – 207 с.
[92] Дробницкий, О.Г. Проблемы нравственности [Текст] / О.Г. Дробницкий. – М.: Наука, 1977. – 333 с.
[93] Ҳамон ҷо. – С.152.

О.Г. Дробнитский ба маҷмӯи арзишҳои субъективӣ муносибату баҳодиҳии иҷтимоӣ, амр ва мамнуъиятҳо, ҳадафҳо ва лоиҳаҳои дар шакли ақидаҳои меъёрӣ (дар бораи неку бад, адолат, зебоӣ ва зиштӣ, дар бораи маънии таърих ва мақсади инсон, идеалҳо, меъёр ва принсипҳои амал) ифодаёфтаро шомил медонад.

Муҳаққиқи дигари рус А.М. Коршунов мафҳуми «арзиш»-ро аз нуқтаи назари аҳаммияти он (эҷодӣ ё харобкорӣ) шарҳ медиҳад. А.М. Коршунов ба он диққат додааст, ки на ҳар як чизи аҳаммиятнок арзиш аст. Арзиш, чунон ки ӯ қайд мекунад, аҳаммият ё вазифаи мусбати ҳодисаҳои муайян дар системаи фаъолияти ҷамъиятию таърихии инсон мебошад[94]. Баъзе падидаҳоеро, ки дар рушди иҷтимоӣ ё дар ҳаёти инсон нақши манфӣ доранд, ҳамчун арзишҳои манфӣ маънидод кардан мумкин аст. Аммо ҳамаи он чизе, ки омили рушди иҷтимоӣ мешавад, арзиш аст. Барои фард ҳамаи он чӣ, ки ба манфиати ӯ хизмат мекунад, ба инкишофи ҷисмонӣ ва маънавии ӯ ёрӣ мерасонад, арзишманд аст.

Файласуфи рус А.А. Ивин бошад, арзишҳоро бо типологияи ҷомеа мепайвандад ва ба ин васила ба арзишҳо хусусияти идеологӣ медиҳад. Ба маънои умумӣ, ӯ арзишро ҳамчун ҳама гуна мавзуи дилхоҳ шарҳ медиҳад[95]. Аммо муҳаққиқ қайд мекунад, ки дар ҷараёни омӯзиши категорияи «арзиш» мафҳумҳои дигари мукаммал, аз қабили «ҳақиқат», «ҳадаф», «баҳогузорӣ»-ро низ ба назар гирифтан лозим аст. Дар баробари ин, А. А. Ивин равшан нишон медиҳад, ки ҳақиқат ва арзиш муносибати байни идеяҳо ва ашёҳо мебошанд, аммо дар истифодаи умумӣ ин категорияҳо ҳамчун хосият пайдо мешаванд.

Дар бораи тамаддуни муосир сухан ронда, арзишҳоро аз рӯи намуди ҷомеа тақсим кардан ба мақсад мувофиқ аст, яъне арзишҳои ҷомеаи пӯшида ва арзишҳои ҷомеаи кушода – «инҳо арзишҳои умумибашарӣ

---

[94] Коршунов, А.М., Мантанов, В.В. Диалектика социального познания [Текст] / А.М. Коршунов, В.В. Мантанов. – М.: Политиздат, 1988. – 382 с.
[95] Ивин, А.А. Аксиология [Текст] / А.А. Ивин. – М.: Высш. шк., 2006. – С.8.

мебошанд, ки ҳар давру замонро тавсиф мекунанд». Аммо, ин муҳаққиқ давлатҳои пасошуравиро ба «ҷомеаҳои мобайнӣ» шомил мекунад, ки дар онҳо арзишҳо характери ҷомеаи индивидуалистӣ (ҷомеаи кушода) ва коллективистӣ (ҷомеаи пӯшида)-ро доранд. Ба арзишҳои асосии ҷомеаи кушода ҷомеаи шаҳрвандӣ, демократия, озодӣ, ҳуқуқи инсонро мансуб медонад. Арзишҳои ҷомеаи пӯшида ҳама чизест, ки ба «номус ва шаъну эътибори коллективӣ» дохил мешаванд, яъне афзалияти ҳадафҳои умумӣ нисбат ба ҳадафҳои инфиродӣ, сарфи назар намудани манфиатҳои шахс, монизми динӣ ё идеологӣ ва ғайра. Дар маҷмуъ, хусусияти хоси назарияи фалсафаи иҷтимоӣ дар бораи арзишҳо баррасӣ ва таҳлили арзишҳо аз нуқтаи назари вазифаҳои иҷтимоӣ ва сиёсии онҳо мебошад.

Муҳаққиқи дигари рус Н.С. Розов масъалаҳои арзишро ҳаётан муҳим шуморида, ба арзишҳо характери ҳуқуқӣ медиҳад. Ӯ мафҳуми «арзиш»-ро бо фаҳмиши шахсии худ тавсиф мекунад: арзиш асоси меъёрии ниҳоии амали шуур ва рафтори одамон мебошад[96]. Ба ибораи дигар, ин арзишҳои умумибашарӣ мебошанд, ки беэътиноӣ ба онҳо метавонад шахсият ё мавҷудияти «ӯ»-ро вайрон кунад.

Ба ақидаи мо арзишҳои куллӣ ба арзишҳои кардиналӣ (интиқодӣ) ва субкардиналӣ тақсим кардан зарур аст. Арзишҳои кардиналӣ (интиқодӣ) он арзишҳое мебошанд, ки нақзи онҳо ҳуқуқи шахсони алоҳида ва ҷомеаҳоро барои мувофиқи майли худ зистан, фикр кардан ва амал кардан мустақиман поймол мекунад. Файласуф арзишҳои кардиналӣ гуфта, арзишҳои муҳимми марбут ба ҳаёт, саломатӣ, тамомияти ҷисмонӣ ва умуман дахлнопазирии шахс, инчунин ҳуқуқҳои асосии шаҳрвандӣ, аз ҷумла озодии сухан, фикр, виҷдон, ҳаракат ва интихоби ҷои истиқомат, ҳуқуқи идома додани наслро дар назар дорад.

Арзишҳои субкардиналӣ бошад, ба арзишҳои кардиналӣ тобеъ мебошанд. Ба арзишҳои субкардиналӣ ҳуқуқ ва принсипҳои маъруфи сиёсӣ

---

[96] Розов, Н.С. Ценности в проблемном мире: философские основания и социальные приложения конструктивной аксиологии [Текст] / Н.С. Розов. – Новосибирск: НГУ, 1998. – С.27.

- озодии матбуот, иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ, мустақилияти ҳокимияти судӣ, арзишҳои экологӣ дохил мешаванд. Қайд кардан лозим аст, ки ниҳоди оила, яъне арзишҳои умумии муҳими иҷтимоӣ ва имконияти соҳиби оила шудан ва ба дунё овардани наслро арзиши кардиналӣ, яъне аслӣ, бунёдӣ меномад.

Муаллифи назарияи персоналистии арзишҳо В.К. Шохин ба аҳаммияти сирф инфиродии арзишҳо барои шахсият таваҷҷуҳ намуда, ба онҳо хусусияти шахсӣ медиҳад. Ӯ қайд мекунад, ки барои таърифи объективии мафҳуми «арзиш» онро аз мафҳумҳои дигар, аз қабили «неъмат» ва «афзалият» фарқ кардан лозим аст.[97] Дар мубоҳисаҳои илмии муосир оид ба проблемаҳои аксиология ин мафҳумҳо аксар вақт ба якдигар омехта карда мешаванд. Муаллифи назарияи персоналистии арзишҳо инкор намекунад, ки ҳама неъматҳо арзиш доранд ва ҳама арзишҳо як навъ неъмат мебошанд. Бо вуҷуди ин, арзишҳо, аз рӯи фаҳмиши ӯ, аз неъматҳо ва афзалиятҳое, ки табиати объективӣ доранд, бо андозагирии сирф субъективии худ фарқ мекунанд.

В.К. Шохин ба назарияи арзишҳои И. Кант ишора мекунад, ки шахсияти инсонро арзиши мутлақ медонист. Дар баробари ин, муаллифи назарияи персоналистӣ равшан мекунад, ки категорияи «арзиш» барои тавсифи лаҳзаҳои беназири мавҷудияти инсон, ки боиси ташаккули шахсият мегарданд, бештар мувофиқ аст. Ин хусусияти шахсиятии арзишҳост, яъне он чизе, ки барои яке арзиш аст, метавонад барои дигаре муҳим набошад. Ҳамин тариқ, арзишҳо барои чизҳое мебошанд, ки дар сатҳи объективӣ вуҷуд дошта, танҳо барои онҳое аҳаммиятноканд, ки онҳоро доранд.

Ба андешаи мо, барои дарки объективии моҳияти арзишҳои иҷтимоӣ бояд таносуби байни мафҳумҳои «арзишҳо» ва «фарҳанг» муайян карда шавад. Ин масъала, яъне алоқаи амиқи арзишҳо ва фарҳанг, дар таҳқиқоти

---

[97] Шохин, В.К. Философия ценностей и ранняя аксиологическая мысль [Текст] / В.К. Шохин. – М.: Универе др. народов, 2006. – С.76-79.

А.Г. Здравомислов нишон дода шудааст. Ӯ саъю кӯшиши маънавӣ, идеалҳо, принсипҳо, меъёрҳои ахлоқро на ба доираи манфиатҳо, балки бештар ба майдони арзишҳо рабт медиҳад. Дар ин ҷо ангезаҳо ва сабабҳои фаъолияти инсон боз ҳам инкишоф меёбанд: эҳтиёҷот ба манфиатҳо табдил ёфта, инҳо дар навбати худ ба арзишҳо «мубаддал» мешаванд. А.Г. Здравомислов инчунин таъкид менамояд, ки мазмуни арзишҳоро ҳамеша дастовардҳои фарҳанг муайян мекунанд ва барои ӯ ҷаҳони арзишҳо, пеш аз ҳама, ҷаҳони фарҳанг, соҳаи фаъолияти маънавии инсон, шуури ахлоқии ӯ мебошад. Аммо, муҳаққиқ қайд мекунад, ки арзишҳо набояд ҳамчун идома ё инъикоси манфиатҳо баррасӣ шаванд. Ӯ таъсири мутақобилаи байни онҳоро ҳамчун «маҳсули махсуси фаъолияти маънавии инсон»[98] муайян мекунад, ки дар рафти он дигаргуншавии хосиятҳои иҷтимоии ашё ба амал меояд.

Дар асоси таҳлилҳои худ А.Г. Здравомислов ба чунин хулоса меояд, ки арзишҳо дар раванди таърихӣ дар натиҷаи тақсимоти меҳнат дар соҳаи истеҳсолоти маънавӣ аз манфиатҳо ҷудо шудаанд. Бо вуҷуди ин, объекти ин манфиатҳои ҷудогона мундариҷаи маънавӣ мебошад, ки аз тамаркузи эҳсосот ва фикрҳо иборат аст. Арзишҳо дар навбати худ низомеро ташкил медиҳанд, ки ядрои ботинии фарҳанг, звенои муттаҳидкунандаи ҳамаи соҳаҳои истеҳсолоти маънавӣ мебошад.

Файласуфи дигари рус М.С. Каган, ки яке аз назариячиёни муосир мебошад, арзишро бо арзёбӣ дар робитаи ногусастанӣ мебинад. Ба назари ӯ, «ин муносибат бо шакли махсуси робитаи байни объект ва субъект ташаккул меёбад ва аз ин рӯ, на ба объективияти холиси типи теологӣ тааллуқ дорад, ки моро ба сӯи Мутлақ мебарад ва на ба субъективияти «луч»-и назари психологӣ, ки нисбияти мутлақи арзёбиҳои арзишро тавлид мекунад»[99]. Ин файласуф духӯрагии арзишҳоро қайд мекунад: аз як тараф,

[98] Здравомыслов, А.Г. Потребности. Интересы. Ценности [Текст] / А.Г. Здравомыслов. – М.: Политиздат, 1986. – С.165.
[99] Каган, М.С. Философская теория ценности [Текст] / М.С. Каган. – СПб.: Петрополис, 1997. – 205 с.

арзишҳо ҳамчун далел вуҷуд надоранд, балки аз ҷониби шахс тавлид мешаванд, аз тарафи дигар, «онҳо эътирофи маълумотҳои ҳиссиёти мо дар бораи воқеиятро талаб карда, ба худсарии шахс муқобилият мекунанд».[100]

Муносибати арзишнок аз тарафи субъект, ба қавли М.С. Каган, бо ду роҳ амалӣ мешавад: ба ҳайси арзиш шинохтани объекти баҳододашаванда ва дарку тафсири он. Пас, тамоми падидаҳо, ашёҳо (объектҳоро), ки барои фард (субъект) дар раванди ҳастии субъективии ӯ аҳаммият доранд, арзиш донистан мумкин аст. Ба ибораи дигар, арзишҳо ҳама чизест, ки ба фазои фарҳанг «аз олами табиат» ворид мегарданд, аз ҷониби худи фарҳанг дар шакли «табиати дуюм» офарида мешаванд. Муносибати арзишмеҳваронаи инсон ба вокеияти атроф ва ба худ дар раванди таърихӣ, дар рафти иҷтимоишавии шахсият ташаккул меёбад.

Ба қавли яке аз файласуфон-фарҳангшиносони собиқ шуравӣ П.С. Гуревич, арзиш ченаки инсонии фарҳангро ифода мекунад, муносибатро ба шаклҳои ҳастии инсон, мавҷудияти инсон таҷассум месозад. Чунин ба назар мерасад, ки ақл, эҳсос ва иродаи инсонро гуногунии маънавӣ ҷалб месозад. Бо ҳамин сабаб, арзиш на танҳо ҳастии «бошуурона», балки мавҷудияти ҳаётан муҳим ва аз ҷиҳати мавҷудият эҳсосшаванда аст. Он ҷиҳати инсонии шуури ҷамъиятиро тавсиф мекунад, зеро аз шахсият, аз олами ботинии ӯ мегузарад. Агар идеал як рахнае барои дарки ҷанбаҳои муайяни ҳастӣ, ҳаёти фардӣ ва иҷтимоӣ бошад, пас арзиш бештар муносибати шахсии ранга ба олам аст, ки на танҳо дар заминаи донишу иттилоот, балки дар заминаи тафаккури худи инсон ва таҷрибаи ҳаётӣ ба миён меояд[101].

Бояд тазаккур дод, ки муҳаққиқи рус Г.П. Вижлетсов низ ба муносибати амиқи байни арзишҳо ва фарҳанг ишора мекунад. Ӯ дар асари худ «Аксиологияи фарҳанг» фарҳангро «ҳамчун соҳаи амалишавии

[100] Каган, М.С. Философская теория ценности [Текст] / М.С. Каган. – СПб.: Петрополис, 1997. – С.117.
[101] Гуревич, П.С. Культурология [Текст] / П.С. Гуревич. – М.: Проект, 2003. – 336 с.

арзишҳо» муайян кардааст.[102] А.С. Запесотский бошад, арзишҳоро дар фазои фарҳангӣ таҳқиқ мекунад, ки дар он арзишҳо дар атрофи идеали муайян мутамарказ шудаанд.[103] Ин, ба ақидаи мо, табиати арзишҳост. Аз ин рӯ, арзишҳо тавассути ифодаи муносибати объект ба субъект муайян карда мешаванд.

Фарҳангро ҳамчун низоми мураккаб тавсиф намуда, ба мазмуни он диққати махсус додан зарур аст. Дар асоси фарҳанг «барномаҳои амиқи ҳаёти ҷамъиятиро ҷудо мекунанд, ки шаклҳои фарҳангиро фаро гирифта, як низоми томро ташкил мекунанд»[104]. Муҳаққиқи рус Т.В. Бернюкевич консепсияи мазкури В.С. Степинро таҳлил намуда, қайд мекунад, ки «низоми тасаввуротҳои онтологии интихобкардаи В.С. Степин симои ягонаи ҷаҳонро ташкил медиҳад ва шакли ба амал баровардани онҳо универсалияҳо (мафҳумҳои куллӣ)-и фарҳанг мебошанд»[105].

Ба назари мо вазифаҳои асосии универсалияҳои фарҳанг ин интишор ва ҷамъоварии таҷрибаи ҷамъиятӣ мебошанд, ки онҳо таҷдиди ҳаёти ҷамъиятиро таъмин менамоянд. Ҳамин тавр, дар асоси ин тафсир, метавон категорияи «арзиш»-ро ба универсалияҳои фарҳангӣ мансуб донист, зеро арзишҳо хоси ҳар як фарҳанг, тамаддун, ҷомеа мебошанд, сарфи назар аз он, ки фаҳмиш, тафсир ва арзишҳои иерархияи фарҳангҳои гуногун метавонанд аз ҳамдигар фарқ кунанд. Дар ин замина ба ҳар як анъана ва фарҳанги фалсафӣ маҷмуи муайяни унсурҳои таркибӣ хос аст, ки он категорияҳои асосӣ то мафҳумҳои дуюмдараҷаро дар бар мегирад.

Аз ҷониби дигар, ба ақидаи мо, масъалаи муҳтавои мафҳумҳои «арзишҳои иҷтимоӣ» ва «арзишҳои фарҳангӣ» бояд дар доираи мафҳумҳои «фарҳанг» ва «тамаддун» баррасӣ шавад. Дар ин росто, В.Н. Порус дар

---

[102] Выжлецов, Г.П. Аксиология культуры [Текст] / Г.П. Выжлецов. – СПб.: СПб. ун-та, 1996. – С.146.
[103] Запесоцкий, А.С. Молодежь в современном мире - проблемы индивидуализации и социально-культурной интеграции [Текст] / А.С. Запесоцкий. – СПб.: ИГУП, 1996. – 350 с.
[104] Бернюкевич, Т.В. О некоторых дискуссионных вопросах концептуализации и типологического сравнения культурных универсалий в современной отечественной философии [Текст] / Т.В. Бернюкевич // Ученые записки ЗабГГПУ. – 2009. – №4. – С.6-13.
[105] Ҳамон ҷо. – С.7.

бораи фарҳанг сухан ронда, ба робитаи дуалистии он бо тамаддун ишора мекунад, ки дар онҷо «тамаддун асоси фарҳанг аст, ба ҳамон андоза, ки фарҳанг моҳияти тамаддун аст»[106]. Тамаддун, ба гуфтаи В.Н. Порус, дар ҳақиқат таҷассуми зиндаи амалии фарҳанг аст. Идеалҳо ва арзишҳои дар фарҳанг ташаккулёфта дар принсипҳои тамаддун таҷассум меёбанд. Ин принсипҳо дар зери «фишори ҷустуҷӯҳои нави маънавии доимии фарҳанг мебошанд».[107] Дар баробари ин, фарҳанг ҳамчун маҷмуи имкониятҳои маънавии ҷомеаи инсонӣ дар ин ё он марҳалаи рушди таърихии худ амал мекунад ва тамаддун маҷмуи шартҳои зарурии амалисозии ин имкониятҳо мебошад.

Муҳаққиқи рус Д.А. Леонтев раванди амалишавии арзишҳоро дар шароити рушди тамаддун таҳқиқ намуда, ба фаҳмиши мафҳуми арзишҳои иҷтимоӣ меояд. Пеш аз ҳама муҳаққиқ қайд мекунад, ки шахс на танҳо дар муҳити иҷтимоӣ-фарҳангӣ қарор дорад, балки худро аз он бунёд мекунад. «Фарҳанг ва ҷамъият на танҳо шароити берунӣ, балки маводи инкишофи фард мебошанд, ки аз азхудкунӣ, ба моликияти худ, ба унсурҳои ташкили дохилии шахс табдил додани онҳо иборат аст»[108]. Дар ҷомеа идеалҳои иҷтимоӣ аз ҷониби фард азхуд карда мешаванд ва ҳамчун «моделҳои он чизе, ки бояд бошад», дарк карда мешаванд, ӯро ба фаъолиятҳое водор мекунанд, ки дар раванди онҳо таҷассуми моддии ин моделҳо сурат мегирад. Ҳамин тариқ, татбиқшавии арзишҳое ба амал меояд, ки Д.А. Леонтьев онҳоро арзишҳои иҷтимоӣ меномад.

Аҳаммияти таълимоти муҳаққиқи мазкур, яъне Д.А. Леонтев, на он қадар дар таърифи арзишҳои иҷтимоӣ, балки дар тавсифи механизми касби мақоми арзишҳои «иҷтимоӣ» зуҳур мекунад. Муҳаққиқ дар ин самт қайд мекунад, ки на ҳама арзишҳои иҷтимоӣ, ки аз ҷониби фард дарк

---

[106] Порус, В.Н. Рациональность. Наука. Культура [Текст] / В.Н. Порус. – М.: Гриф и К, 2002. – С.340.

[107] Ҳамон ҷо. – С.340.

[108] Леонтьев, А.Д. От социальных ценностей к личностным: социогенез и феноменология ценностной регуляции деятельности [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://maryl982.narod.ru/leontiev.html (дата обращения: 30.10.2022).

карда ва ҳатто эътироф шудаанд, аслан азхуд карда, иҷтимоӣ мешаванд. Огоҳӣ ва муносибати мусбат ба арзишҳо кофӣ нест. Шарти зарурии ин дигаргунсозӣ «ҳамроҳии амалии субъект ба фаъолияти иҷтимоие мебошад, ки он ба татбиқи арзишҳои дахлдори иҷтимоӣ нигаронида шудааст»[109].

Илова бар ин, Д.А. Леонтев қайд мекунад, ки шахс дар бисёр шаклҳои фаъолият на ҳамчун «воҳиди алоҳида», балки ҳамчун намояндаи ин ё он гурӯҳи иҷтимоӣ - оила, коллективи меҳнатӣ, гурӯҳи корпоративӣ ва ғайра баромад мекунад. Дар раванди зиндагии ин гурӯҳҳо татбиқи арзишҳо ва меъёрҳои иҷтимоӣ сурат мегирад, ки на танҳо хусусияти як гурӯҳро (арзишҳои оилавӣ, арзишҳои коллективӣ, арзишҳои қабилавӣ ва ғайра) пайдо мекунанд, балки ба арзишҳои минбаъдаи таҷрибаи гурӯҳӣ (анъанаҳои оилавӣ, дастовардҳои коллективӣ, урфу одатҳои қабилавӣ ва ғайра) асос ёфтаанд. Д.А. Леонтев боварӣ дорад, ки дар марҳилаҳои ибтидоии инкишофи фардии шахсият ба ҳайси «гурӯҳи хурди ягонаи истинодӣ»[110] оила боқӣ мемонад, ки дар доираи он арзишҳои иҷтимоӣ ба арзишҳои оилавӣ табдил меёбанд.

Муҳаққиқи соҳа В.А. Кувакин робитаи арзишҳои фарҳанг ва тамаддунро таҳқиқ намуда, пеш аз ҳама арзишҳои иҷтимоиро дар назар дорад, ки дар мабдаи худ хусусияти априории муносибатҳои байни ҷамъият ва арзишҳоро фаро гирифтаанд. Ҷомеа, ба ақидаи муҳаққиқ, арзиши бунёдӣ аст, зеро фард дар ҷомеа ба дунё меояд, «дар он нутқ, тарбия, меъёру принсипҳои асосии рафтор - ҳама чизеро, ки фарҳангро ташкил медиҳанд, аз худ мекунад»[111]. Шахс ҳамчун узви ҷомеа маҳсули он аст. Аммо муҳаққиқ қайд мекунад, ки ҷомеаро бе фард ва ҳам фардро бе ҷомеа тасаввур кардан имконнопазир аст. Ин арзишҳои иҷтимоӣ, ба қавли

---

[109] Леонтьев, А.Д. От социальных ценностей к личностным: социогенез и феноменология ценностной регуляции деятельности [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://maryl982.narod.ru/leontiev.html (дата обращения: 30.10.2022).

[110] Ҳамон ҷо.

[111] Кувакин, В.А. Социальные ценности. Общество [Текст] / В.А. Кувакин // Материалы международной летней гуманистической школы. М, 6-15 июля 2009 [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL:http://hum.offlink.ru/education/kurses/values/valuesl2/ (дата обращения: 14.12.2022)

В. Кувакин, дутарафагии муносибатҳоро таҷассум менамоянд. Моҳияти арзишҳои иҷтимоӣ кафолати шарикии бехатар ва самарабахш байни шахс ва ҷомеа мебошад. Дар ин замина, вазифаи асосии арзишҳои иҷтимоӣ дар «тақсими одилонаи ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо» ва татбиқи шароити мусоидтарин барои мавҷудияти онҳост. Ҳамин тавр, В. Кувакин арзишҳои иҷтимоиро ҳамчун воситаи ифодаи маънои ҳадафҳои фарҳанг дар ҷомеа мефаҳмад.

Д.Сорос дар натиҷаи таҳлили арзишҳои ҷамъиятҳои либералии тамаддуни муосир, ба дарки арзишҳои иҷтимоӣ ҳамчун арзишҳое меояд, ки татбиқи онҳо боиси оқибатҳои иҷтимоӣ мегардад, зеро онҳо танҳо аз ҷониби аъзоёни ҷомеа ва бевосита дар ҷомеа татбиқ мешаванд. Оқибатҳо метавонанд ҳам созанда ва ҳам харобиовар бошанд. Аммо дар ин ҷо Д.Сорос мушкилоти марбут ба андозагирии ин оқибатҳоро қайд мекунад, зеро арзишҳои иҷтимоӣ субъективӣ мебошанд. Ҳамин тариқ, воқеияти мавҷуда воқеияти фарҳангӣ, ҷаҳони меъёрҳо ва арзишҳои ҷамъшуда, ягонагии арзишҳои фарҳангӣ мебошад, ки онҳо зинанизоми худро доранд. Мазмуни фарҳанг универсалияҳои фарҳангӣ мебошад. Ядрои онҳо арзишҳое мебошанд, ки асоси ҷаҳонбинии инсонро ташкил медиҳанд. Арзишҳое, ки бори идеалҳои тавассути меъёрҳои иҷтимоӣ, қонунҳои иҷтимоӣ ва рафтор дар ҷомеа амалишавандаро ба дӯш доранд, арзишҳои иҷтимоӣ номида мешаванд. Арзишҳои иҷтимоӣ маҳсуле мебошанд, ки шахс дар натиҷаи фаъолияти моддӣ ва маънавии худ дар ҷомеаи мушаххас ба вуҷуд меорад. Дар раванди зиндагии инсон ва азхудкунии таҷрибаи зиндагӣ низоми арзишҳои иҷтимоӣ метавонад тағйир ёбад. Дар баробари ин, рушди иҷтимоӣ танҳо дар сурате имконпазир аст, ки шахсони алоҳида раванди интиқоли иттилоот ва арзишҳои иҷтимоиро аз насл ба насл амалӣ кунанд.

Аз ҷониби дигар, арзишҳои иҷтимоӣ иерархӣ мебошанд ва метавонанд аз рӯи асосҳои гуногун (аҳамият, фоиданокӣ, аҳамият, мавзуъ ва ғ.) тасниф

карда шаванд. Арзишҳои иҷтимоиро метавон ҳамчун шакл ва роҳи амалисозии маънои фарҳанг, ҳамчун он арзишҳое фаҳмид, ки барои ҳаёт ва фаъолияти муваффақонаи инсон дар ҷомеа заруранд.

Субъекти арзишҳои иҷтимоӣ аз рӯи табиати худ ҳам шахс ва ҳам оила, ҷомеа, давлат, миллат ва ғайра буда метавонад. Аз ин рӯ, оила метавонад на танҳо ҳамчун барандаи арзишҳои иҷтимоӣ баромад кунад, балки вазифаи интиқоли онҳоро дар ҷомеа низ иҷро намояд. Бо ҳамин сабаб, арзишҳои оилавӣ низ вуҷуд доранд, ки чунин арзишҳои иҷтимоие мебошанд, ки ба оила дохил карда мешаванд ва дар муҳити оила ҳаёти нав ва мазмуни нав пайдо мекунанд. Дар ин ҷо арзишҳои иҷтимоӣ танҳо дар дохили як оила вуҷуд дошта, дохилшавии шахсро ба фазои оила муайян мекунанд. Шиддати ҷалби шахс ба низоми арзишҳои оилавӣ метавонад гуногун бошад: аз мансубияти расмӣ то қабули пурраи арзишҳо ва меъёрҳои оилавӣ. Дар доираи оила арзишҳои иҷтимоӣ хусусият ва аҳаммияти арзишҳои оилавӣ пайдо мекунанд. Ҳамзамон, арзишҳои оилавӣ аз ҷиҳати генетикӣ аз арзишҳои иҷтимоӣ бармеоянд. Ба арзишҳои оилавӣ таваллуд ва тарбияи фарзандон, эътибори волидайн, ташкили ҳаёти оилавӣ, интиқоли таҷриба, дониш, анъанаҳо, фазои ахлоқии оила, тартибот, муоширaт, истироҳати оилавӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Ба ҳамин тариқ, ба сифати арзиш дар маҷмуъ он падидаҳое хизмат мекунанд, ки барои шахс, гуруҳ ё ҷомеаи алоҳида ё худ, тамоми инсоният фоидаовар буда, на танҳо аллакай вуҷуд доранд, балки баъдан дастрас карда мешаванд ё ба ҳайси ҳадафу идеал баромад менамоянд. Арзишҳои иҷтимоӣ бошад, омиле мебошанд, ки барои ҷомеа ва аъзои он ҳатман ба ягон натиҷаи иҷтимоӣ меоваранд. Дар таҳти мафҳуми арзишҳои оилавӣ чунин арзишҳои иҷтимоӣ фаҳмида мешаванд, ки ба оила ворид шуда, дар он ҳаёт ва мазмуни нав пайдо мекунанд. Маҳз чунин арзишҳо, яъне арзишҳои иҷтимоӣ ва оилавӣ, дар қатори дигар арзишҳои мавҷуда ва ташаккулёбанда, ба асосҳои аксиологии рушди ҷомеаи муосир таъсир

мерасонанд. Аз ин рӯ, муайян сохтани мавқеи ниҳоди оила дар бунёд, ҳифз, такрористеҳсолкунӣ ва рушди арзишҳои иҷтимоӣ низ хеле муҳим буда, дар фасли оянда масъалаи мазкурро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

## 1.3. Мавқеи ниҳоди оила дар бунёд, ҳифз, такрористеҳсолкунӣ ва рушди арзишҳои иҷтимоӣ

Чунонки дар фаслҳои гузашта таъкид гардид, оила яке аз шаклҳои қадимтарини умумиятҳои иҷтимоии одамон мебошад. Арзиши оила аз он иборат аст, ки қонеъ гардондани талаботи маънавии шахс, «истеҳсол ва такрористеҳсолкунии» ҳаёт, тарбияи фарзандон, инчунин ба онҳо интиқол додани малакаҳои меҳнатӣ, анъана ва меъёрҳо дар алоқамандӣ бо ин ниҳод ва, пеш аз ҳама, дар муҳити он сурат мегиранд.

Барои муайян кардани мавқеи оила дар раванди бунёд, такрористеҳсолкунӣ ва ҳифзи арзишҳои иҷтимоии шахсият ва ҷомеа фаҳмиши дақиқи категорияи «оила» ва вазифаҳои он зарур аст. Аз мавқеи умумӣ, чунонки дар фаслҳои гузашта борҳо таъкид гардид, оила ҳамчун иттиҳодияи одамон дар асоси издивоҷ ё хешутаборӣ муайян карда мешавад, ки бо ҳаёти умумӣ ва масъулияти тарафайн алоқаманд аст. Аммо барои расидан ба ҳадафе, ки мо дар ин фасли диссертатсия гузоштаем, муфассалтарин тавсифи оиларо ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ С.В. Дармодехин баён кардааст: «Оила ҳамчун ҷамъияти одамоне, ки бо муносибатҳои никоҳ, падару модарӣ, хешутаборӣ, хоҷагии муштарак алоқаманд аст, ҳамчун воҳиди асосии ҷамъият вазифаҳои муҳимтарини иҷтимоиро иҷро мекунад, дар ҳаёти инсон, ҳифзи инсон, ташаккули шахсияти инсон, қонеъ гардондани талаботи маънавӣ, таъмин намудани иҷтимоишавии ибтидоии инсон нақши махсус мебозад. Оила ниҳоди беназири иҷтимоӣ, миёнарав байни шахс ва давлат, интиқолдиҳандаи арзишҳои бунёдӣ аз насл ба насл

мебошад”[112]. Оила барои таъсир расондан ба равандҳои тараққиёти ҷамъиятӣ, такрористеҳсолкунии қувваҳои истеҳсолкунанда, ташаккули муносибатҳои шаҳрвандӣ имкониятҳои бузург дорад. Оила арзиши ваҳдатбахшандагӣ дошта, ба ихтилофу зиддиятҳои иҷтимоӣ муқобил мебарояд»[113].

Муҳаққиқи тоҷик Абилова Г.С. ниҳоди оиларо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ карда, қайд менамояд, ки аз оила шахс, умумиятҳои гуногуни иҷтимоӣ ва ҷомеа ба дараҷаҳои гуногун манфиатдор мебошанд. Тавре муҳаққиқ қайд мекунад, шахсият дар раванди муоширати доимӣ бо дигарон ташаккул меёбад[114]. Мутаносибан, фарҳанги ҷомеаи муайян аз ҷониби инсон на ҳамчун чизи берунӣ ё аз берун таҳмилшуда, балки ҳамчун намунаҳои рафтори мувофиқ, ки дар муошират ба вуҷуд меоянд ва дар баробари муошират одамон бо шароити зиндагӣ пайваста мустаҳкам мешаванд, қабул карда мешавад[115].

Дар амал ҳар як стандарти фарҳангӣ, ба қавли муҳаққиқи рус А. Азарова, ба зарурати таърихан муайяншудае асос ёфтааст, ки робита бо он аллакай аз байн рафтааст ва ба шарофати он чун стереотипҳо донишҳои иҷтимоӣ боқӣ мемонанд ва зиндагӣ тавассути он аз насл ба насл интиқол меёбад. Аз ин рӯ, ҳангоми омӯхтани проблемаи арзишҳо бояд механизмҳои бунёд, нигоҳдорӣ ва таҷдиди арзишҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа муайян карда шаванд.

П.А. Флоренский вазифаи муҳимтарини оиларо қайд мекунад, ки он дар азхудкунии арзишҳои сиёсии шахс ифода меёбад. Дар осори ин муҳаққиқ дохилшавии органикии оила ба консепсияи насл ва ҳаёти оила

---

112 Назархудоева, Л.Т. Современная семья в Таджикистане: Состояние и проблемы функционирования и развития (социально-философкий анализ) [Текст]: дисс... канд. филос. наук / Назархудоева Лола Тошбековна. – Душанбе, 2016. – 153 с.

113 Дармодехин, С.В. Семейная политика Российской Федерации: от оценки состояния к формированию стратегии [Текст] / С.В. Дармодехин // Семья в России. – 1996. – №2. – С.5-16.

114 Абилова, Г.С. Духовно – нравственные основы семьи (на примере Республики Таджикистан) [Текст]: автореф. дисс... канд. филос. наук / Абилова Гуландом Сардоровна. – Душанбе, 2011. – 27 с.

115 Азарова, А.Е. Влияние культуры на формирование и измерение моральных гендерных стереотипов [Текст] / А.Е. Азарова // Российские женщины и европейская культура-мат V конф., поев.теор. и ист жене движ. – СПб., 2001. – С.213.

дар ҷараёни пайвастаи таърихи ниёгон пайгирӣ ва баррасӣ мешавад. Оила мисли ҳама чизҳои рӯи замин бояд бар муҳаббат бунёд шавад, ки дар навбати худ боиси шинохти ваҳдату айнияти ду мавҷудот мешавад. Ин «ваҳдат» ишқро ба моҳияти нави маънавӣ табдил медиҳад, ба фарзандон оғози ҳаёти нав мебахшад[116]. Шарти зарурии мавҷудияти бомуваффақияти оила муттасилии хешутаборӣ, маънавӣ, фарҳангӣ ва дар айни замон хидмат ба анъанаҳои аҷдодӣ мебошад.

Вобаста ба масъалаи дар боло зикршуда бояд таъкид намуд, ки имконнопазирии мавҷудияти алоҳида ва мустақилонаи ғайриичтимоии оила дар шакли инзивоӣ (изолятсияшуда) ва берун аз ҷомеа имконнопазир аст, зеро рушди бомуваффақияти оила танҳо дар сурати мавҷудияти интиқоли фарҳангӣ имконпазир мегардад. Интиқоли муназзами фарҳангӣ, аз ҷумла интиқоли низоми арзишҳо ва принсипҳои ҳаёт, ҳамеша дар асоси идеологияи давлат қарор дорад. Оила бошад, яке аз муҳимтарин ҷузъҳои таркибии давлат буда, фарҳанг ва анъанаҳо як намуди муайяни онро ба вуҷуд меоранд. Дар навбати худ, дар оила ҳамчун институти иҷтимоӣ ташаккули ҳам шуури фардӣ ва ҳам ҷомеа сурат мегирад. Ҳамин тавр, ба фикри инҷониб, муносибатҳои диалектикии оила ва идеологияро пай бурда, ба оила вазифаи такрористеҳсолкунии «давлатдории» халқҳоро нисбат додан амри зарурист.

Нақши оиларо дар ҷараёни бунёд ва нигоҳдории арзишҳои иҷтимоӣ муайян намуда, ба масъалаи тарбияи наслҳои нав ва ба онҳо интиқол додани таҷрибаи маънавии ҷамъшуда дар муҳити он диққат додан зарур аст. Дар ин самт бояд зикр намуд, ки файласуфи рус И.А. Илин мақсади махсуси оиларо ҳамчун интиқолкунандаи арзишҳои иҷтимоӣ эътироф намудааст. Дар асарҳои ӯ оила ҳамчун иттиҳоди аввалин, табиӣ ва дар айни замон муқаддасе ба шумор меравад, ки инсон ба он бо амри зарурат

---

[116] П.А. Флоренский: Pro et contra [Текст]. – СПб.: Русского Христианского гуманитарного института, 2001. – С.406-407.

ворид мешавад[117]. И.А. Илин ба вазифаҳои асосии оила тарбияи шахсияти одам, инчунин тавассути маънавиёт ва меҳру муҳаббат шинос кардани ӯро бо олами иҷтимоӣ ворид намуда, ба ин масъалаҳо аҳаммияти махсус медиҳад. Тавассути амалисозии ин вазифа фард пайваста ба шаклҳои минбаъдаи ягонагии маънавии инсонӣ – Ватан ва давлат шинос мешавад.

Тавре ки маълум аст, оғози оила бо издивоҷ алоқаманд аст. Аммо қайд кардан зарур аст, ки инсон нахуст зиндагии худро дар оилае, ки волидайн бунёд кардаанд, оғоз мекунад ва маҷбур аст, ки онро бо тамоми меъёру анъана ва арзишҳояш қабул кунад. Никоҳро бо оила муқоиса намуда, ба таври возеҳ мушоҳида кардан имкон дорад, ки никоҳ дар моҳияти худ аз интихоб ва қарор ба миён меояд, вале инсон оила (падару модар)-ро интихоб намекунад. Аз ин рӯ, ба интихоби оилае, ки дар он таваллуд шудааст, инсон ягон таъсир расонида наметавонад.

Инчунин, мусаллам аст, ки тарбияи маънавию ахлоқии шахс дар оила оғоз меёбад. Сифатҳои ояндаи инсон, ақида ва самтгириҳои ӯ низ дар оила аз овони кӯдакӣ ташаккул меёбанд. Дар ин асос қайд кардан зарур аст, ки оила манбаи асосии фарҳанги башарист, зеро ҳар як инсон дар оила, дар ин лонаи худ бо тамоми имкониятҳо, эҳсосот ва хоҳишҳои худ ташаккул ёфта, ҳар яки мо дар давоми умри худ намояндаи оилаи волидайни худ, ё чун рамзи зиндаи руҳияи оилавии он боқӣ мемонем.

Бояд қайд кард, ки вақте сухан дар бораи тарбияи фарзандон меравад, ба ҳаёт ҳамчун чизи ниҳоят ҷиддӣ, масъулиятнок ва олӣ муносибат кардан лозим аст. Дунёи кӯдак дар оила ё дар кӯдакистон на танҳо сохта мешавад, балки вайрон шудан низ метавонад. Дар ин ҷо на танҳо роҳҳои наҷот, балки роҳҳои хароб гаштани шахсият ҳам вуҷуд доранд. Дар иртибот ба ин И.А. Илин қайд мекунад: «Ва агар мо фикр кунем, ки «насли оянда» дар ҳама замон аз нав таваллуд мешавад ва тарбия карда мешавад ва ҳама корнамоиҳо ва ҷиноятҳои ояндаи он, неруҳои маънавӣ ва фасодшавии

[117] Ильин, И.А. Собрание сочинений [Текст]: в 10 т. / И.А. Ильин. – М.: Русская книга, 1993. – Т.1. – 400 с.

эҳтимолии руҳонии он ҳам имрӯз ва ҳам ҳама вақт дар атрофи мо ва дар зери ёрию беамалии мо ташаккул меёбанд ва пухта мешаванд, он гоҳ мо метавонем дарк кунем, ки чӣ масъулият ба дӯши мост...»[118]. Дар ин замина метавон дар бораи оила ҳамчун «озмоишгоҳи»-и умумиҷаҳонии сарнавишти инсон сухан ронем, ки он дар татбиқи сарнавишти олӣ – «офариниши шахсият» ба анъана ва меъёрҳои фарҳангии худ такя мекунад[119].

Дар таълимоти худ дар бораи оила И.А. Илин ба масъалаи таваллуд ва тарбияи фарзандон низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардааст. Дар таълимоти ӯ муносибати боэҳтиромонаи муҳаққиқро ба санъати тарбияи фарзанд ҳамчун яке аз муҳимтарин ҷузъҳои таркибии ҳастии инсон мушоҳида кардан мумкин аст. Аммо, чунон ки И.А. Илин таъкид мекунад, ба ин раванд аҳаммияти на он қадар ҷиддӣ дода мешавад, зеро на ҳама дарк мекунанд, ки чӣ гуна нақши оила дар тарбия ва камолоти шахсият бузург аст.

Лозим ба ёдоварист, ки дунёи одамони гирду атрофи мо аз нобарориҳои шахсӣ, падидаҳои дарднок ва сарнавишти фоҷиавӣ пур аст. Табиати ин нокомиро дар кушода натавонистани волидайн ба кӯдак «роҳи муҳаббат», эҷодкорӣ, озодии ботинӣ, эътиқод, виҷдон, худшиносии шахсиро мебинанд. Мувофиқи ақидаҳои И.А. Илин, маҳз волидайн ба кӯдак меҳру муҳаббатро талқин карда, омӯзонда метавонанд ё ӯро аз ин манбаи фазилатҳои ахлоқию маънавӣ ва хушбахтии ҳақиқӣ маҳрум мекунанд. Дар баъзе оилаҳо мушоҳида мешавад, ки волидайн танҳо ба хотири «мавҷудияти нафсонии фарзандон» ҳамчун волидайн хитоб карда мешаванд, вале зарарҳои маънавие, ки ба чунин фарзандон дар муҳити чунин оилаҳо мерасад, чунон бузург аст, ки баъди ба балоғат расидан ва оилаи волидайнро тарк карда, вориди ҳаёти мустақилона шудан, баъзе аз

---

[118] Ильин, И.А. Собрание сочинений [Текст]: в 10 т. / И.А. Ильин. – М.: Русская книга, 1993. – Т.1. – С.143.
[119] Ҳамон ҷо. – С.144.

онҳо издивоҷ кардан ва оиладор шудан намехоҳанд. Ва танҳо волидайни «нодир» масъулияти ба фарзандонашон интиқол додани таҷрибаи маънавӣ, эҳсоси ишқу муҳаббат ва имонро ба пуррагӣ дарк мекунанд.

Ин раванд маҳз дар ҳамон давраҳое рух медиҳад, ки мабдаи руҳонӣ дар ҷонҳо ба ларзиш оғоз мекунад, заиф мешавад ва гӯё аз байн меравад; инҳо давраҳои паҳн гаштан ва ривоҷ ёфтани бединӣ, тамоюл ба моддиёт ва моддагароӣ, даврони бешармию беномусӣ, мансабпарастӣ ва бадбинию хусумат мебошанд. Ба ақидаи А.Е. Глушкова, дар чунин davru замонҳо «табиати муқаддаси оила дигар дар дили инсон эътироф ва иззату эҳтиром намеёбад; онро гиромӣ намедоранд, муҳофизат намекунанд, онро барпо намекунанд. Баъдан дар муносибати байни падару модар ва фарзандон як навъ «рахна» пайдо мешавад, ки шояд аз насл ба насл зиёд шавад[120]. Падару модар аз «фаҳмидан»-и фарзандони худ даст мекашанд ва фарзандон аз «бегонагии мутлақ», ки дар оила реша гирифтааст, шикоят мекунанд, аммо вақте ба балоғат мерасанд, шикоятҳои кӯдакии худро фаромӯш карда, оилаҳои худро бунёд мекунанд, ки дар онҳо нофаҳмӣ ва бегонагии байни волидайну фарзандон бо қувваи нав ва бештар зоҳир мешавад.

Дигаргуниҳои давомдори арзишии ҷамъият, аз нигоҳи А.Е. Глушкова, боиси он гаштаанд, ки беморӣ ва қашшоқии маънавии инсон рӯз то рӯз инкишоф ёфта истодааст. Оила, на аз тезонидани суръати таърихӣ аз ҳам пошида мешавад, баръакс, вайроншавии оила дар натиҷаи буҳрони руҳонии шахс ба амал меояд. Ин буҳрон оила ва ягонагии маънавии онро вайрон мекунад. Он ба маҳрум шудан аз чизи асосӣ, ягона чизе, ки ҳамеша оиларо муттаҳид мекунад, онро ба як навъ ваҳдати қавӣ ва арзанда табдил медиҳад, яъне ба маҳрумӣ аз эҳсоси мансубияти руҳонӣ ба ҳамдигар мусоидат мекунад.

---

120 Глушкова, А.Е. Роль современной российской семьи в формировании и сохранении социальных ценностей [Текст]: дисс... канд. филос. наук / Глушкова Анна Евгеньевна. – Чита, 2011. – С.58.

Дар ин мавзуъ А.Е. Глушкова инчунин таъкид менамояд, ки мо ба нуқтаи назари дигар пойбанд ҳастем, зеро арзишҳои маънавӣ зери таъсири даврони муваққатӣ қарор доранд ва тезонидани суръати зиндагӣ ва замон дар маҷмуъ, ҳарчанд бавосита бошад ҳам, ба раванди ташаккули арзишҳои маънавии шахсият таъсир мерасонад. Ба фикри муҳаққиқ, инҷо на дар бораи як сабаби буҳрони маънавӣ, балки дар бораи маҷмуи шартҳое, ки ба маънавиёти инсон таъсир мерасонданд, сухан рондан дурусттар аст[121].

Ниҳоди оиларо таҳлил намуда, фарқи асосии он аз «оила»-и ҳайвонот — мавҷудияти фаъолияти маънавиро қайд кардан шарт ва зарур аст, ки муқтазои ҷаҳони руҳонии шахс мебошад. Ва агар оила ба ин мувофиқат накунад, он гоҳ ба фаношавӣ ва парокандагӣ маҳкум мегардад. Таърихи инкишофи ҷомеаи инсонӣ воқеаҳоеро ёд дорад, ки бо харобшавӣ ва аз байн рафтани тамоми тамаддунҳо алоқаманд аст.

Ин равандҳо аз буҳронҳои руҳӣ ва динӣ ба вуҷуд омада, пеш аз ҳама дар парокандашавии оила зоҳир мешаванд. Гуфтан ҷоиз аст, ки оила ҳуҷайраи ибтидоии маънавиёт аст, ҳам ба он маъно, ки одам руҳияи шахс буданро аввал дар оила меомӯзад (ё мутаассифона,  намеомӯзад) ва ҳам ба он маъно, ки инсон неруҳои маънавӣ ва ақоиди дар оила андӯхтаашро дар ҷараёни зиндагӣ ба ҳаёти ҷамъиятию давлатӣ мегузаронад.

Нақши ниҳоди оила дар ҷараёни интиқоли таҷрибаи фарҳангӣ ва тамоюлҳои арзишӣ ба наслҳои минбаъда назаррас мебошад. Аз ин рӯ, дар муҳаббат ва ба воситаи муҳаббат шахсият ҳаёти наву беҳтар ва озодтари инсонро ба вуҷуд меорад, ки он бояд формулаи мавҷударо иваз кунад. Ин раванд барои оилаи муосири тоҷик бештар мувофиқ аст, зеро аксар вақт аз сабаби муносибатҳои худпарастии шахс, ки ба амалӣ кардани манфиатҳои шахсӣ нигаронида шудаанд, ҳаёти оилавӣ вайрон мешавад.

[121] Глушкова, А.Е. Роль современной российской семьи в формировании и сохранении социальных ценностей [Текст]: дисс... канд. филос. наук / Глушкова Анна Евгеньевна. – Чита, 2011. – С.60.

Қайд кардан зарур аст, ки ниҳоди оила муваззаф аст, ки ба кӯдак чизи барои ҳаёт аз ҳама муҳим ва зарууртаринро диҳад, зеро инсон дар издивоҷ ва оила қабл аз ҳама дӯст доштан, қурбонӣ кардан, тоқат кардан ва фидо кардани манфиатҳои шахсии худро барои амалӣ гардонидани манфиатҳои оилавӣ, фаромӯш кардани худ ва хизмат кардан ба наздикон ва азизонашро меомӯзад. Аз ин рӯ, оила, гӯё мактаби табиии муҳаббат, мактаби фидокории эҷодӣ, ҳиссиёти иҷтимоӣ ва тарзи тафаккури алтруистӣ мегардад. Дар ҳаёти солими оилавӣ руҳи инсон аз хурдӣ ба ҳамсоя бо эҳтиром ва меҳрубонӣ муносибат карданро меомӯзад.

Сазовори таъкид аст, ки худи ғояи «ватан» ва «меҳан» низ аз пояҳои оила ҳамчун як ваҳдати ҷисмӣ ва маънавӣ ба вуҷуд омадаанд. Вобаста ба ин масъала файласуфи рус А.Илин барҳақ қайд мекунад, ки оила асосан барои кӯдак аввалин макони муқаддас дар рӯи замин аст: оила барои кӯдак дар аввал ҷои истиқомат, манбаи гармӣ ва ғизо, баъдан макони муҳаббати бошуурона ва дарки маънавӣ мебошад. Оила барои кӯдак аввалин «мо» мешавад, ки он аз муҳаббат ва ҳамзистии ихтиёрӣ бармеояд ва дар он як кас тарафдори ҳама ва ҳама тарафдори як кас аст. Оила барои кӯдак «фазои ҳамраъйии табиӣ» мегардад, ки дар он меҳру муҳаббати тарафайн вазифаро ба шодмонӣ табдил дода, «дарвозаҳои муқаддаси виҷдон»-ро ҳамеша боз медорад.[122] Дар ин ҷо оила ба маконе табдил меёбад, ки дар он ҳама чиз дар асоси боварии байниҳамдигарӣ ва фаъолияти якҷояи муташаккил сохта мешавад.

Дар баробари ин, аз назари А.Илин, кӯдак дар оила дарки дурусти нуфуз ва ҳокимиятро меомӯзад ва дар баробари қудрати табиии падару модар, ӯ нахуст бо андешаи мартаба рӯ ба рӯ мешавад ва дарк кардани мартабаи олии шахси дигар ва бандагӣ нокарда итоат карданро, бо пасттарин мартабаи хоси худ, бе ҳасад, ё нафрат, ё кина розӣ шудану тоқат карданро аз худ мекунад. Кӯдак инчунин аз тобеияти иерархӣ баровардани

[122] Ильин, И.А. Собрание сочинений [Текст]: в 10 т. / И.А. Ильин. – М.: Русская книга, 1993. – Т.1. – С.158.

тамоми қувваи эҷодӣ ва ташкилотчигиро омӯхта, дар айни замон бо муҳаббат ва эҳтиром худро аз «зулми» эҳтимолии онҳо аз ҷиҳати маънавӣ озод мекунад. Ёдовар шудан ба маврид аст, ки танҳо эътирофи озодонаи мақоми олии каси дигар метавонад инсонро омӯзонад, ки ба «дараҷаи поёнии худ бе хорӣ» тоб оварад, ки ин барои зиндагии фард дар ҷомеа зарур аст.

Маълум аст, ки аҳаммияти ҳокимияти якҷояи падару модар дар ҳаёти оилавӣ ва тарбияи фарзанд назаррас аст. Аз ин рӯ, аз диди А.Илин, инсон, дар оила дар кадом шакле муносибат ва зиндагӣ кунад, чунин дарки нуфуз ва қудрат, муносибат ба тобеиятро, ӯ дар худ ва ҳамроҳи худ ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ мегузаронад.

Ҳамзамон, А.Илин чунин меҳисобад, ки агар ҳисси муҳаббат ва эҳтиром дар оила ба мақсади минбаъд ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ гузаронида шудани онҳо парвариш карда шаванд, ин аҳаммияти бузурге касб мекунад. Ба ақидаи ин файласуфи рус «...принсипи мутлақияти патриархалӣ чизи ба мақсад мувофиқ ва шифобахшро дарбар мегирад ва, ниҳоят, кӯдак дарк мекунад, ки ҳокимияти шахсии аз ҷиҳати маънавӣ калонсолон аслан барои фишор додан ё ғулом кардани зертобеи худ, беэътиноӣ ба озодии ботинӣ ва шикастани иродаи ӯ нест, баръакс, он бояд шахси тобеъро дар руҳияи озодии ботинӣ тарбия кунад[123].

Ҳамин тавр, аз нуқтаи назари А.Илин, оила аввалин мактаби табиии озодист: дар он кӯдак бояд аввалин бор, вале на охирин бор дар умраш, роҳи дурусти озодии ботиниро ёбад, донад, ки аз меҳру муҳаббат ва эҳтиром нисбат ба падару модар ҳама амру мамнуъкардаи онҳоро бо ҷиддияти зоҳириашон қабул намуда, худро барои риояи онҳо вазифадор созад, ихтиёран ба онҳо итоат намояд ва ба афкору эътиқоди шахсии худ имкон бидиҳад, ки озоду оромона дар умқи нафс пухта расанд. Ба

[123] Ильин, И.А. Собрание сочинений [Текст]: в 10 т. / И.А. Ильин. – М.: Русская книга, 1993. – Т.1. – С.155.

шарофати ин оила, гӯё «мактаби ибтидоии тарбияи шуури озоду солим» мегардад.

Дар баробари ҳамаи ин, оила мактаби ҳисси солими моликияти хусусӣ мебошад. Он як иттиҳоди иҷтимоӣ дар зиндагӣ, дар муҳаббат, дар меҳнат, дар даромад ва моликият аст, ки аз ҷониби табиат дода шудааст. Оила ҳар қадар мустаҳкаму муттаҳидтар бошад, даъвои он ба чизҳое, ки падару модарон ва аҷдодон эҷод кардаанд ва ба даст овардаанд, ҳамон қадар асосноктар мешавад. Ин даъво ба меҳнати моддии иқтисодии волидайн аст, ки ҳамеша бо маҳрумият, азобу машаққат, бо шиддати ақлу ирода ва хаёл вобаста аст. Иловатан, ин даъвоест, дар бораи моликияти меросӣ, моликияти хусусии аз тарафи оила ба даст овардашуда, ки манбаи ҳақиқии на фақат оила, балки манбаи қаноатмандии халқ мебошад. Аз ин рӯ, оилаи солим ҳамеша ягонагии органикӣ - бо хун, бо руҳ ва моликият буд ва хоҳад монд ва ин моликияти умумӣ нишонаи зиндаи ҳунар ва ваҳдати маънавӣ мебошад, зеро ин моликият дар шакле, ки вуҷуд дорад, маҳз аз ҳамин ҳунару ягонагии маънавӣ ва қадамҳо дар роҳи меҳнат, инчунин интизом ва фидокорӣ ба вуҷуд омадааст.

Пӯшида нест, ки оила метавонад дар тинати фард як қатор сифатҳои арзишии дорои характери иҷтимоиро парвариш кунад. Инсон бо ташаббуси худ роҳи ҳаёташро интихоб карда, дар айни замон ба принсипи иҷтимоии ёрии байниҳамдигарӣ баҳои баланд медиҳад ва онро риоя мекунад. Зеро оила бояд ҳаёти худро маҳз бо ташаббуси шахсӣ ташкил кунад, ки «он ягонагии мустақили эҷодӣ буда, дар доираи худ таҷассуми ҳақиқии ёрии байниҳамдигарӣ ва ба ном «иҷтимоӣ» мебошад»[124]. Инсон тадриҷан одами «хусусӣ» будан, фардияти мустақил будан, қадр кардан ва пос доштани макони меҳру муҳаббати оилавӣ ва ҳамфикрии оилавиро

[124] Назархудоева, Л.Т. Современная семья в Таджикистане: Состояние и проблемы функционирования и развития (социально-философкий анализ) [Текст]: дисс... канд. филос. наук / Назархудоева Лола Тошбековна. – Душанбе, 2016. – 153 с.

меомӯзад ва мустақилият ва вафодорӣ - ин ду зуҳуроти асосии характери маънавӣ доштаро соҳиб мешавад.

Ҳамин тавр, яке аз муҳимтарин вазифаҳои иҷтимоӣ ва маънавии оила ин тавлид ва тарбияи наслҳо бо роҳи фаҳмиш, муҳаббат, сабру тоқат, ёрии байниҳамдигарӣ бо мақсади интиқол додани таҷрибаи иҷтимоию фарҳангӣ ва арзишӣ мебошад.

Аз ҷониби дигар, вазифаи муҳимтарини оила ҳифзи арзишҳои оилавӣ ва такрористеҳсолкунии онҳо барои наслҳои оянда мебошад. Инҷо, қабл аз ҳама, арзиши худи оила дар назар дошта мешавад, ки тасаввуроти ҷомеаро оид ба оила дар бар гирифта, барои интихоби мақсаду ҳадафҳои худи оила ва ҳаёти оилавӣ, роҳу усулҳои ташкили ҳаёт дар доираи он ва роҳандозии робитаҳои мутақобилаи оилавӣ хизмат мекунанд.

Дар доираи оила ҳифз ва такрористеҳсолкунии арзишҳои зерини умумибашарӣ муҳим шумурда мешавад: таъмини ҳаёти шоиста, солимии аъзои оила, эҳтироми озодӣ ва шаъну шарафи ҳар як узви оила ва арзишҳои дигари умумибашарӣ ва ҷамъиятӣ. Вобаста ба ин мавзуъ, муҳаққиқи рус О.В. Шаваева барҳақ қайд намудааст: «Дар шакли идеалӣ арзишҳои оилавӣ бояд тибқи арзишҳои умумибашарӣ ва ҷамъиятие ташаккул ёбанд, ки оила дар он ҷомеа вуҷуд дорад. Ташаккули арзишҳо ва самтгириҳои арзишӣ дар оила яке аз вазифаҳои калидии ҷомеа мебошад. Арзишҳо ва самтгириҳои арзишии оила ин заминаест, ки дар асоси он ҳаёти оилавӣ ва тарбияи фарзандон бунёд мегардад. Аз ҷониби дигар, арзишҳое, ки оила онҳоро қабул кардааст, он арзишҳои воқеиеро инъикос мекунанд, ки дар муҳити иҷтимоӣ мавҷуд буда, фардро фаро мегиранд[125]».

Дар асоси ин О.В. Шаваева ҳифз ва такрористеҳсолкунии чунин арзишҳоро дар оила муҳим шумурдааст: 1) арзишҳое, ки ба никоҳ алоқаманданд; 2) арзишҳое, ки ба падару модарӣ алоқаманданд 3) арзишҳое, ки ба хешутаборӣ алоқаманданд. Аммо, ба ақидаи мо, алоқамандии мутақобилаи оила ва муҳити иҷтимоӣ ва ҷомеаро дар кул ба

[125] Шаваева, О.В. Семейные ценности как объект социально-философского анализа [Текст] / О.В. Шаваева // Научный журнал КубГАУ. – 2014. – №96 (02). – С.6.

эътибор гирифта, бояд ба ин таснифот ду навъи дигари арзишҳо изофа карда шаванд. Аввалан, арзишҳое, ки ба муносибати оила ба муҳит, ҷомеа алоқаманданд, яъне шаклу тарзи робитаи оиларо бо оилаҳои дигар, гуруҳҳои дигари иҷтимоӣ, давлат ва ҷомеа таъмин мекунанд. Ин арзишҳоро худи оила ташаккул медиҳад, ҳифз менамояд ва такрористеҳсолкунии онҳоро таъмин месозад. Сонияи, арзишҳое, ки, баръакс, ба муносиати ҷомеа, давлат бо оила алоқаманданд. Ин гуна арзишҳоро бояд ҷомеа ба вуҷуд оварад ва давлат зимни татбиқи сиёсати иҷтимоии худ онҳоро ташакккул дода, пайваста бо дарназардошти тағйирот ва таҳаввулот дар ҷомеа таҷдид намояд.

Муҳаққиқи дигари рус А.Б. Федулова новобаста аз тағйирот ва дигаргуниҳое, ки дар даврони муосир дар оила сурат гирифтанд, вазифаи онро дар ҳифз ва такроркунии арзишҳои оилавӣ ва арзишҳои иҷтимоӣ то ҳол ҳам баланд медонад. Ӯ зикр мекунад, ки оила дар иҷрои вазифаҳои худ дар ҷомеаи муосир дар рақобат бо ниҳодҳои дигари иҷтимоӣ қарор дошта, таҳти таъсири равандҳои мураккаби ҷамъиятӣ дар тамоми сатҳҳо – аз тағйири моҳияти иҷтимоии инсон то таҳаввули вазифаҳои иҷтимоии давлат қарор дошта, сохтори дохилии худро ба ин дигаргунсозиҳо мутобиқ месозад. Аммо "… оила бо сабаби архаикӣ будани ҳукмронии принсипҳои падару модарӣ дар он, таъсири иҷтимоисозандаи худро ба фарзандон идома медиҳад, ки он дар шакли модели шахсиятӣ, муоширати бевосита байни одамони бо ҳам аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва психологӣ наздик сурат гирифта, талаботи маҳрамонаи аъзоёни худ ва ҳамдигарфаҳмию кӯмаки байниҳамдигарии онҳоро қонеъ месозад[126]». Дар робита ба ин, сазовори таъкид мешуморем, ки оила бо таҳаввули инсон ва ҷомеаи инсонӣ таҳаввул мекунад, вазифаҳои худро дигаргун месозад ва ғайра. Аммо, дар ҳама гуна ҳолатҳо, вазифаи муҳимтарин оила - таҳия ва рушди арзишҳои оилавӣ ва бо ин роҳ таъсир расонидан бар арзишҳои иҷтимоӣ, бо тағйири шакл, вале мазмунан ҳамон, ба андешаи мо, ҳамеша боқӣ мемонад.

---

[126] Федулова, А.Б. Семья и семейные ценности: философско-аксиологическии анализ [Текст]: автореф. дисс... канд. филос. наук / Федулова Анна Борисовна. – Архангельск, 2003. – С.19.

Дар баробари ин, аксари муҳаққиқон дар бораи нақши глобалии оила дар раванди ҳифз ва таҷдиди арзишҳои иҷтимоӣ дар заминаи рушди фарҳанг ва тамаддун сухан рондаанд. Масалан, дар асари муҳаққиқи тоҷик Сайидзода З.Ш. бо номи "Густариши ахлоқи миллӣ – посух ба пайомадҳои манфии ҷаҳонишавӣ" консепсияи арзиши ҳаёти оилавиро мушоҳида кардан мумкин аст. Аз дидгоҳи В.В. Розанов бошад, оила ифодакунандаи саъю кӯшиш ва идеалҳои халқе мебошад, ки инсон ба он тааллуқ дорад. Ин ниҳоди арзишманду арзишсоз интиқолдиҳандаи робитаҳои наслҳо, гаҳвораи инсонпарварист ва танҳо оила қодир аст, ки фазилатҳои олӣ - муҳаббат, имон, қобилияти фидокориро дубора тавлид кунад[127].

Оила аввалин таҳкурсӣ ва неруи давлат буда, асоси давлат аз оила оғоз меёбад. Аз ин рӯ, агар оила поку устувор бошад, давлат низ қавӣ мегардад. Аз чунин нуқтаи назар арзишҳои иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, на аз давлат ба оила, балки аз оила ба давлат мегузаранд. Ба ин маъно, оила сарчашмаи аввалиндараҷаи давлатдорӣ ва идомаи арзишҳои иҷтимоӣ дар он мебошад. Аммо, агар оила ба ягон бемории иҷтимоӣ «мубтало шавад», давлат ба «сирояти» эпидемӣ маҳкум мешавад. Бинобар ин, давлат вазифадор аст, ки дар ташкилу танзими ҳаёти ниҳоди оила иштирок намуда, сабабҳои эҳтимолии бемориҳои ниҳоди оилавиро таҳқиқ кунад.

Вобаста ба масъалаи мазкур, ба ақидаи мо, ба равандҳои тараққиёти ҷамъият ва тамаддун дар доира ва пасманзараи ҳаёти оилавӣ амиқ назар кардан хеле муҳим аст, зеро аҳаммияти оила дар ташаккул ва инкишофи ҷузъи арзишҳои шахсият хеле назаррас аст. Аз нигоҳи фалсафаи иҷтимоӣ низ оила ниҳоди иҷтимоӣ ва сохтори ибтидоие мебошад, ки ба ҷомеа таъсири мустақим дорад. Аз ин рӯ, масъалаи арзишҳои иҷтимоӣ ва нақши онҳо дар заминаи муносибатҳои оилавӣ низ дар асарҳои файласуфон ва муҳаққиқони муосир хеле зиёд таҳқиқ шудааст. Аз ҷумла, ба таълимоти

[127] Саидзода, З. Густариши ахлоқи миллӣ - посух ба паёмодҳои ҷаҳонишавӣ [Матн] / З. Саидзода. – Душанбе, 2014. – С.101-102.

Н.С.Розов тафсири арзишии оила ва ба раванди инкишофи тамаддун дохил кардани он хос аст[128].

Қобили зикр аст, ки, одатан, дар типологияи арзишҳо оиларо ба арзишҳои умумибашарӣ дохил намуда, ба он характери ҳаётбахшандагӣ медиҳанд. Сабаб дар он аст, ки оила қобилияти нигоҳ доштани ҳаёт ва идомаи онро дорад, зеро нақши субъектро на танҳо ҷомеаҳои муосир, балки «ҷамоаи диахронӣ», ки аз ду ва зиёда аз он унсур, яъне наслҳо, оила, авлод, қабила, иборат аст, низ метавонанд иҷро кунад. Аён аст, ки ҳифзи чунин идомаёбӣ барои таҷдиди арзишҳо ва эҳтиёҷоти ахлоқӣ ҳангоми тағйири наслҳо хеле зарур аст.

Оид ба масъалаи таҳқиқшаванда дар байни муҳаққиқони муосир онҳоеро зикр кардан мумкин аст, ки оиларо на танҳо ҳамчун баранда ва миёнарав дар интиқоли арзишҳои иҷтимоӣ, балки ҳамчун ниҳоде, ки шахсиятро ба фарҳанги маънавии ҷомеа муаррифӣ мекунад, ҳисоб мекунанд. Аҳамияти чунин ақидаҳо ва таҳқиқот оид ба онҳо барои ҷомеаи муосири тоҷик дар робита бо тағйирёбии низоми анъанавии арзишҳо ва тағйирёбии арзишҳои маънавӣ дар иерархияи арзишҳои ҷомеаи тоҷикистонӣ хеле муҳим аст.

Дар робита бо ин метавон зикр намуд, ки В.А. Капранов ҷамъиятро ҳамчун ташаккули моддию маънавӣ, ки дар он таъсири мутақобилаи мураккаби омилҳои моддӣ ва маънавӣ мавҷуд аст, баррасӣ намуда, нақши махсуси оиларо қайд мекунад, ки дар дарки худшиносӣ ва маънавиёти ҳам шахсият ва ҳам ҷомеаҳои инсонӣ, халқҳо, миллатҳо ифода ёфтааст[129]. Ҳаёти маънавии шахсият, чунон ки муҳаққиқ қайд мекунад, дар зери таъсири омилҳои табиӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ оғоз меёбад. Азбаски ин омилҳо хусусияти мушаххаси таърихӣ доранд, ҳар як фарҳанг руҳи худро соҳиб

[128] Розов, Н.С. Ценности в проблемном мире: философские основания и социальные приложения конструктивной аксиологии [Текст] / Н.С. Розов. – Новосибирск: НГУ, 1998. – 292 с.

[129] Капранов, В.А. Нравственные основы русского духа [Текст] / В.А. Капранов // Россия: прошлое, настоящее, будущее: материалы всерос. научн. пакт. конф. – СПб.: БГТУ, 1996. – С.26-28.

буда, бо асолати худ фарқ мекунад ва маҳз оила чунин арзишҳои маънавиро, ки фазои фарҳангии онро ташкил медиҳанд, ба шахс интиқол медиҳад.

Маънавиёт, аз диди В.А. Капранов, дар расму оин, урфу одат, фолклор, осори бадей, ҳаракатҳои оммавӣ, фаъолияти истеҳсолӣ, тарзи зиндагӣ ва дигар падидаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ объективӣ мешавад. Ҳама одамон барандагони маънавиёт мебошанд. Бо ҳамин сабаб, инсон рушди қобилиятҳои эҷодӣ (яке аз шаклҳои амалӣ намудани маънавиёт)-ро дар оила ба даст меорад ва то кадом андоза инкишоф ёфтани онҳо бевосита ба оила вобаста аст.

Муҳаққиқи рус А.С. Шуринов масъалаҳои тарбияи маънавию ахлоқии насли наврасро дар замони ҳозира бо тағйироти вазифаҳои ниҳоди оила алоқаманд мекунад[130]. Ба андешаи ин муҳаққиқ, комилан табиист, ки маънавиёти одами навзодашуда аз оила сарчашма мегирад ва дар он ташаккул меёбад: дар меҳру муҳаббати модару падар, беғаразии онҳо (нисбат ба фарзанд), дар неру, алоқаи равонӣ-эмотсионалӣ ва иттилоотии ҳамаи аъзоёни оила, ки дар он имкони ҳамдардӣ, дастгирӣ, фаҳмиш ва сипас таълим бо роҳнамоии волидайн амалӣ карда мешавад. Аз ҳамин сабаб ниҳоди оила тавлидкунандаи маънавиёт дар ҷомеа мебошад.

Проблемаҳои муосири оиларо таҳқиқ карда, А.С. Шуринов дар асоси пош хӯрдани оилаҳо, мушкилоти кӯдакони овора, мушкилоти муносибати бадахлоқона нисбат ба кӯдакон дар ҷомеа ва ғайра ба чунин хулоса омадааст, ки ҳалли онҳо бе дарки амиқу дақиқи мафҳуми оила ва нақши танзимкунандаи он дар равандҳои иҷтимоӣ ғайриимкон аст.

Ҳангоми таҳлили вазифаи тарбияи маънавии оила муҳаққиқи тоҷик Г.С. Абилова қайд мекунад, ки дар ҳар як оилаи мушаххас муҳаббат, муносибатҳои маънавӣ ва наздикӣ, ҳам аз ҷиҳати «қувва ва ҳам аз ҷиҳати

[130] Шуринов, А.С. Духовно-нравственные основы традиционного семейного уклада и общества: материалы всероссийской научной конференции «Сорокинские чтения. Будущие России: стратегии развития» 14-15 декабря, 2005 [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://hb.socio.rnsu.ru (дата обращения: 14.11.2022).

шаклҳои зуҳур ва амиқӣ таъсири байниҳамдигарӣ»[131] фарқ карда мешаванд. Аммо, дар баробари ин, умқи ҷаҳонбинии маънавӣ ва муносибат бо одамони дигар, маҳорати ҳамдигарро дӯст доштани зану шавҳар ва муҳаббат ба волидайнро бештар сохтори оилавии насли гузашта ва ҳунари ташаккули ҳисси мазмуни маънавӣ ва ахлоқии он дар кӯдакон муайян мекунад. Дар ин ҷо муҳаққиқ ба маводҳои таърихие мурочиат кардааст, ки маънавиёти барҷастаи оилавӣ ва авлодии қабилаҳои славяниро нишон медиҳанд.

Муносибатҳои дохилиоилавӣ, байни зану шавҳар, падару модар ва фарзандон, муносибатҳои зичи маънавӣ дар асоси тарзи анъанавии зиндагӣ яъне дар муҳаббат, меҳнати якҷоя, ҳамфикрӣ ва дилсузӣ нисбат ба якдигар барпо шудаанд. Қайд кардан зарур аст, ки самараи меҳнат ва дигар фаъолияти хоҷагидории оила ва авлод аз насл ба насл мегузарад, аммо хусусиятҳои фарқкунандаи оилаи муосир аз оилаи анъанавӣ дар он аст, ки вазифаҳои асосӣ дар он на муносибатҳои иқтисодӣ, балки муносибатҳои маънавӣ мебошанд.

Ҳамин тариқ, вазифаи асосии оила на фарзанддорӣ, балки эҷод ва интиқоли арзишҳои маънавӣ, ки аз тарбияи ахлоқию меҳнатӣ, ташаккул додани ҳисси муҳаббат ва эҳтиром ба ватан, зодгоҳ ва ғайра буда, бо ҳамин сабаб оила дар тарбияи ҷамъиятии насли наврас нақши бузург мебозад.

Инчунин, бояд ба эътибор гирифт, ки ниҳоди оила натиҷаи таъсири мутақобилаи таърихии ҷомеа ва фарҳанг аст ва, ба ақидаи муҳаққиқи рус Ю.А. Гаспарян,[132] мисли ҳар як зуҳуроти иҷтимоӣ принсипи дугонаро дарбар мегирад. Он, аз як тараф, дар зери таъсири «худ бавуҷудомада», аз тарафи дигар, расмиёти «муқарраршуда» ҳамчун аксуламали майли табиии одамон инкишоф меёбад.

---

[131] Абилова, Г.С. Духовно – нравственные основы семьи (на примере Республики Таджикистан) [Текст]: автореф. дисс... канд. филос. наук / Абилова Гуландом Сардоровна. – Душанбе, 2011. – 27 с.
[132] Гаспарян, Ю.А. Семья на пороге XXI века [Текст]: социологические проблемы / Ю.А. Гаспарян. – СПб.: Петрополис, 1999. – 320 с.

Зимни таҳлили назари муҳаққиқи рус А.Н. Елизаров бошад, мо робитаи возеҳи байни «оилаҳои номунтазам» ва рафтори девиантии кӯдаконро пайдо мекунем: «Аҳаммияти пасти арзишҳои маънавӣ барои волидон аз оилаҳои камбизоат нотавон будани онҳоро дар кори ба фарзандони худ расонидани арзишҳои маънавии мувофиқ, ки метавонанд рафтори кӯдаконро ба самти аз ҷониби ҷомеа қабулшуда равона кунанд, муайян менамояд»[133]. Ба андешаи А.Н. Елизаров, барои фарзандони чунин оилаҳо, чун қоида, арзишҳои иҷтимоӣ ва маънавӣ ҳатто нисбат ба волидонашон камтар аҳаммият доранд. Ҳамзамон, он арзишҳое, ки волидайн то ҳол қадр мекунанд, рад карда мешаванд. Муаллиф дар таҳқиқоти худ инчунин нақши муҳимтарини оиларо дар интиқол ва ҳифзи арзишҳои маънавии фарзандон таъкид кардааст.

Дар байни вазифаҳои асосии оила (таълимӣ, тарбиявӣ, иқтисодӣ, фароғатӣ, коммуникативӣ, танзимкунанда ва ғ.) дар айни замон он вазифаҳое, ки талаботи инсонро ба амнияти маънавӣ қонеъ мекунанд, ҷои муҳимро ишғол мекунанд[134]. Ин нисбат ба оила талаботҳои баланд мегузорад ва метавонад манбаи буҳрон дар муносибатҳои аъзои оила гардад. Ҳамзамон, оила ҳамчун як соҳаи назорати ибтидоии иҷтимоӣ амал мекунад, яъне вазифаи он танзими ахлоқии рафтори аъзоёни оила дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт, инчунин танзими масъулият ва уҳдадориҳо дар муносибатҳои байни зану шавҳар, падару модарон ва фарзандон, намояндагони наслҳои калонсол, миёна ва хурдсол мебошад. Ба ин вазифаи мақоми иҷтимоии оила таъмини аъзои он бо мақоми муайяни иҷтимоӣ, такрористеҳсолкунии сохтори иҷтимоӣ алоқаманд аст.

Илова бар ин, оила вазифаи муоширати маънавӣ, равона кардани рушди шахсии аъзоёни худро ба ҳамдигарро ғанӣ гардонидан аз ҷиҳати

---

[133] Елизаров, А.Н. Роль духовных ценностных ориентаций в процессе интеграции семьи [Текст] / А.Н. Елизаров // Вестник Московского университета. – 1997. – №3. – С.59-67.

[134] Саидзода, Д.М. Таъсири ҷараёнҳои муосири ифротгарой-динӣ ба бехатарии маънавии ҷомеаи Тоҷикистон [Матн] / Д.М. Саидзода. – Душанбе, 2022. – С.54.

маънавӣ, инчунин вазифаи эмотсионалӣ, таъмини ҳифзи равонӣ ва дастгирии эмотсионалии аъзоёни худро иҷро мекунад.

Чунонки маълум мегардад, арзишҳои иҷтимоӣ яке аз асосҳои ҳаёти иҷтимоӣ мебошанд. Онҳо дар раванди инкишофи фарҳангии ҷомеа, иҷтимоишавӣ алоқа бо дигар намудҳои фарҳанг аз насл ба насл мегузаранд. Низоми муайяни арзишҳое, ки аз ҷониби баъзе одамон эътироф карда мешаванд, метавонанд аз ҷониби намояндагони ҷомеаҳо, фарҳангҳо ё давлатҳои дигар рад карда шаванд. Низоми мавҷудаи арзишҳо шаклҳои рафтор, афзалиятҳо, интихоби шакли мавҷудиятро танзим мекунад, аммо, тавре ки аллакай зикр гардид, арзишҳои иҷтимоӣ дар дохили оила танҳо хусусияти арзишҳои оилавӣ пайдо мекунанд. Аз ин рӯ, нақши ниҳоди оилавӣ дар раванди ҳифз ва таҷдиди арзишҳои иҷтимоӣ хеле муҳим аст.

Оила ниҳоди беназирест, ки на танҳо дар ҷомеа нигоҳ доштани анъанаҳо, балки қобилияти ба шароити тағйирёбандаи таърихӣ, ба тарзи зиндагӣ ва сохти иҷтимоӣ фаъолона мутобиқ шуданро таъмин менамояд. Он дар байни ниҳодҳои иҷтимоӣ мавқеи муҳимро ишғол намуда, як навъ ихтирооти эволютсионии башарият мебошад, ки мавҷудияти худро бо густариши насли башар ба таври созгор мепайвандад.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлилҳои боло метавон хулоса намуд, ки оила асоси ташаккули арзишҳои оилавӣ буда, ҷамъияти одамонест, ки онҳоро муносибатҳои издивоҷ, хешутаборӣ бо ҳам мепайвандад, он бо маҷмуи муайяни арзишҳои оилавӣ тавсиф мешавад, ки ба сатҳи рушди фарҳангӣ мувофиқат мекунанд ва аз насл ба насл интиқол меёбанд. Бо тағйир ёфтани шароити иҷтимоию фарҳангӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва дигар шароити ҷомеа дар оила барои зиндагии бороҳати оила арзишҳои нави иҷтимоӣ ба вуҷуд овардан мумкин аст. Ҳама арзишҳои иҷтимоӣ, ки дар доираи муносибатҳои оилавӣ ва никоҳ ба амал меоянд, хусусияти инфиродӣ пайдо карда, доираи ҳаёти маҳрамонаи оилавиро ташкил медиҳанд. Дар оила

ҳифз ва такрористеҳсолкунии арзишҳое, ки ба никоҳ алоқамандаанд, арзишҳое, ки ба падару модарӣ алоқамандаанд, арзишҳое, ки ба хешутаборӣ алоқамандаанд, инчунин арзишҳое, ки ба муносибати оила ба муҳит, ҷомеа алоқамандаанд ва баръакс, арзишҳое, ки ба муносибати ҷомеа, давлат бо оила алоқмандаанд муҳим мебошад. Татбиқи ин арзишҳои оилавӣ ба манфиати оилаи муайяне мебошад, ки ин арзишҳоро амалӣ месозад, дар ҳоле ки татбиқи арзишҳои иҷтимоӣ ба манфиати тамоми он ҷомеа мебошад, ки дар он оила зиндагӣ мекунад. Қабул, азхудкунӣ, ҳифз ва таҷдиди арзишҳои иҷтимоӣ аз ҷониби шахс тавассути шахсияти оилавии ӯ сурат мегирад. Оила ҳам ба соҳаҳои иҷтимоӣ ва ҳам дар соҳаи хусусии шахс дохил шуда, ҳам ҳаёти иҷтимоӣ ва ҳам ҳаёти биологиро такрор мекунад.

Аз ин нуқтаи назар метавон дар бораи мақоми махсуси онтологии он, яъне мақоми иҷтимоию биологӣ сухан ронд, ки дар он оила асоси инкишофи фардии инсон аст, зеро равандҳои иҷтимоишавӣ ва фарҳангсозӣ дар ҳар гуна ҷомеа, аз ҷумла дар Тоҷикистони муосир аз оила сарчашма мегиранд. Аз ин рӯ, таҳқиқи тағйирёбии вазифаҳои ташаккул ва нигоҳдории арзишҳои иҷтимоӣ дар оилаи муосири тоҷикистонӣ имрӯз ба масъалаи мубрам табдил ёфтааст, ки моҳияти онро мо дар фаслҳои ояндаи диссертатсия баррасӣ мекунем.

# БОБИ 2. ТАҒЙИРЁБИИ ВАЗИФАҲОИ ТАШАККУЛ ВА НИГОҲДОРИИ АРЗИШҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР ОИЛАИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОНӢ

## 2.1. Ниҳоди оилаи тоҷикистонӣ дар даврони муосир ва дар шароити ҷомеаи ҷаҳонии тағйирёбанда

Ҷомеаи муосири тоҷик аз солҳои 90-уми қарни гузашта дар раванди дигаргунсозии фаъолона мебошад. Тобеи ин раванд ниҳодҳои иҷтимоие мебошанд, ки ба онҳо ҳам тамоюлҳои дарозмуддат ва ҳам муваққатии рушди фарҳангӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, ки дар натиҷаи буҳрон ё дуршавӣ аз идеологияи дар гузашта муқарраршуда ба вуҷуд омадаанд, таъсир мерасонанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди аз байн рафтани давлати шуравӣ ва бартараф кардани оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ аз пайи дигаргунсозии иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ қарор дорад. Аммо, яке аз хусусиятҳои вазъияте, ки дар кишвари мо дар солҳои 90-ум ба вуҷуд омада буд, вайроншавии сохторҳои арзишӣ мебошад, ки ба ақидаи муҳаққиқи тоҷик Маҳмадизода Н.Д. онро «ғайриақлонишавии рафтор дар тамоми сатҳҳои ҳаёти ҷамъиятӣ» ҳамроҳӣ мекунад ва ин, дар навбати худ, ба пайдо шудани шаклҳои нави рафтори иҷтимоӣ ё дигаргунсозиҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунад[135]. Ин ва дигар равандҳо ба ташаккули афзалиятҳои мушаххаси шахсият, аз ҷумла интихоби шакли муносибатҳои никоҳӣ ва оилавӣ таъсир расониданд.

Баъд аз ҳодисаҳои зикршуда дар соҳаи ҳаёти оилавӣ дар ҷомеаи тоҷикистонӣ тағйироти ҷиддӣ ба амал омад, ки ба вазифаҳои ин ниҳод таъсир расонида, ба худи мавҷудияти шакли анъанавии оила таҳдид мекард. Байни дигаргуниҳои иҷтимоӣ, ки ба ҳамаи равандҳо ва ҳодисаҳое,

---

[135] Маҳмадизода, Н.Д. Зоҳиршавии ифротгароии динӣ - сиёсӣ дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷик ва роҳҳои пешгирии он [Матн]: монография / Н.Д. Маҳмадизода. – Душанбе, 2022. – С.9-10.

ки бо ин ё он тарз бо фаъолияти оила алоқаманданд, дар ҷомеаи муосири тоҷик яке аз асоситарин дигаргуниҳо ин тағйирёбии табиати муносибатҳои гендерӣ дар ҳама сатҳҳо ва соҳаҳои ҳаёти шахс мебошад.

Вобаста ба масъалаи мазкур дар бораи характери таъсири мутақобилаи ҷинсҳо дар ҷомеаи муосир андеша ронда, муҳаққиқи рус Ю.Б. Рюриков ба хулосае меояд, ки худшиносии одам торафт амиқтар мешавад, ба он соҳаҳои нав ба нав дохил мешаванд ва муносибатҳои ҷинсҳо «чунин қитъаи нав гардиданд, ки бе азхуд намудани он одамон ба пеш рафта наметавонанд»[136]. Дар натиҷа, соҳаҳои нави илм - сексология, сотсиологияи оилавӣ, этнографияи гендерӣ ба вуҷуд омаданд.

Дар баробари ин, яке аз дигаргунсозиҳои дигари олами иҷтимоии ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ бо афзоиши нақши занон дар равандҳои сиёсию иҷтимоӣ алоқаманд аст. Сарчашмаи аввалиндараҷаи чунин дигаргуниҳо баробарии зану мард аст, ки яке аз дастовардҳои асосии садаи гузашта ва ибтидои садаи нав буд.[137]

Аз ин нуқтаи назар давлат барои тағйир додани ҷойгоҳи зан дар ҷомеаи мо чораҳои назаррас андешида истодааст, ки дар ҳамаи соҳаҳои муносибатҳои байни марду зан - иқтисодию оилавӣ, иҷтимоӣ ва ҷинсӣ ифодаи худро ёфта истодааст. Зан аз «мавҷудияти хонагӣ» ба ҷамъиятӣ табдил меёбад. Нақшҳои ҳаётии зан ба куллӣ тағйир ёфта, ӯ дар баробари мард «муҳаррик»-и ҷомеа мегардад. Фаҳмиши нави вазъи ҷомеа ба вуҷуд меояд, ки ба он биархат (аз калимаҳои лотинии “bi” – ду ва юнонӣ “arche” — авлавият, ибтидо, қудрат; авлавияти ҳарду ҷинс) хос аст.

Ин тағйироти куллӣ дар мавқеи зан, ибтидои гардишҳои бузург дар тамоми фарҳанг ва тамаддуни «мардона» аст. Ҳадаф аз ин таҳаввулот

---

[136] Философия любви [Текст] / под ред. Д.П. Горского. – М.: Политической литературы, 1990. – С.268.

[137] Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи модар, 07.03.2022 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://www.president.tj/node/27866 (санаи муроҷиат ба сайт 28.03.2022)

пурзӯр кардани нақши занон дар равандҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа мебошад.

Аз ҷониби дигар, моҳияти як гурӯҳ дигаргунсозиҳои ҷамъиятӣ дар Тоҷикистони муосир, бо сиёсати давлатии баланд бардоштани нақши зан дар ҷомеа алоқаманд аст. Ин раванд ба фарҳанги оиладорӣ ва давлатдорӣ дар кишвари мо таъсири мусбат мерасонад. Маҳз сиёсати давлатии баланд бардоштани нақши зан, оила дар ҷомеаи тоҷикистонӣ боиси тағйир ёфтани муносибат ба ин гурӯҳи ҷомеа гашта, омили муҳимми дигаргуниҳои иҷтимоӣ гардид. Ҳангоми таҳлили ин раванд ба хулосае омадан мумкин аст, татбиқнамоии ин раванд имкон фароҳам овард, ки ба ҳуқуқу имкониятҳои зан аз дидгоҳи нав назар карда шуда, ба зан имкон дода шавад, ки дар баробари мард дар интихоби шакли муносибатҳои никоҳӣ-оилавӣ, муайян кардани вақти муносиб барои таваллуди кӯдакон ва ғайра иштирок намояд.

Масъалаи баробарии гендерӣ масъалаи муҳимми баҳогузории ҳаёти оилавӣ мебошад. Аммо ин назария дараҷаи озодии муносибатҳоро ба назар намегирад, ки аксаран боиси ҳамаиҷозатӣ ва ифротгароӣ мегардад ва озодӣ ба ҷои натиҷаи мусбат додан, боиси вайроншавии оила мегардад.

Мушкилоти муҳимтарини тамаддуни муосир дар маҷмуъ, аз ҷумла, дар ҷомеаи тоҷикистонӣ, бо паҳн шудани арзишҳои фарҳанги оммавӣ ва парастиши истеъмолгароӣ алоқаманд аст. Фарҳанги оммавӣ соҳаи мушаххасест, ки одами «оммавӣ»-ро ба вуҷуд меоварад.

Масъалаи озодии номаҳдуду бесарҳад, парастиши истеъмолгароӣ ва арзишҳои роҳату лаззат, ки дар таҳқиқоти Г.Я. Стрелсова баррасӣ шудаанд, нишон медиҳад, ки, ба ақидаи муаллифи очерки ахлоқию психологии «Тақдири ишқ имрӯз»[138], дар он аст, ки озодӣ дар муносибатҳо ба як қувваи харобиовар табдил ёфтааст: «Дар асри нигилистӣ ва ҳатто кинапарастии мо, Оғои бузург – Алоқаи ҷинсӣ ба тахти ҳокимият

[138] Философия любви [Текст] / под ред. Д.П. Горского. – М.: Политической литературы, 1990. – С.331-332.

нишастааст ва ба он назарияҳои «инқилоби ҷинсӣ» ва «муҳаббати озод», инчунин «индустрияи пурқуввати ҷинсӣ» хизмат мекунанд. Инсонияти мутараққии муосир, ки дар ҳама соҳаҳо барои худ роҳати афсонавӣ фароҳам овардааст... аз чунин воқеияти душвору печидае мисли ишқ ва оила ақиб мемонад... Ҳар қадар роҳат бештар бошад, хоҳиши зиндагии худро мушкил кардан камтар мешавад»[139]. Муаллифи асар нобудшавии низоми анъанавии арзишҳоро бо фарҳанги истеъмолгарой мепайвандад, ки ба ҷомеаи тоҷикистонӣ низ дар раванди ислоҳоти демократӣ дар ибтидои солҳои 90-уми қарни гузашта омадааст.

Дар шуури ҷомеаи мо идеяи "роҳати мутлақ" ҳамчун арзиши олӣ мустаҳкам ҷой гирифтааст. Ба ҷомеаи муосир парастиши истеъмол хос аст, ки он дар набудани майлу хоҳиши дурусти барпо намудани оила ифода меёбад. Сабаби асосии нигоҳ доштани оилаи муосир дар хоҳиши эҳтиёт кардани моликияти оилавӣ мебошад. Кӯдакон, ҳамсаронро ба қадри арзишҳои моддӣ бо ҳам намепайванданд. Дар баробари ин, оила бояд, пеш аз ҳама, таваллуд ва тарбияи фарзандонро дар пеши худ мақсад гузорад, то ки таҷрибаи меҳнатиро ба онҳо гузаронад.

Дар баробари ин, аксари муҳаққиқон кӯшиш мекунанд, ки равандҳоеро, ки дар оилаи муосир ба амал меоянд, бо хоҳиши афзалиятноки ҷамъият барои некӯаҳволии моддӣ алоқаманд созанд. Зиддияти асосӣ дар амалӣ гаштани ин саъю кӯшиш дар барбод додани хусусият, наздикии оила, асолати он мебошад. Албатта, баъзе падидаҳои харобиовар дар оила дар асрҳои қаблӣ низ, аз ҷумла дар ҷомеаи тоҷикистонӣ, мушоҳида мешуданд, аммо бӯҳрони оила танҳо дар даҳсолаҳои охир хусусияти ҷаҳонӣ пайдо кард.

Дар ҷомеаи муосир мафҳумҳои «фоиданок», «мусоид», «ҳаловатбахш»-ро на дар таъбири қаблӣ (ҳамчун набудани ранҷу азоб), балки ҳамчун арзиши экстенсивии мусбат арзёбӣ кардан дуруст аст.

[139] Философия любви [Текст] / под ред. Д.П. Горского. – М.: Политической литературы, 1990. – С.331.

Таъминоти моддӣ бо серии инсоният алоқаманд аст, ки дар робита ба ин худро бо машрубот, маводи мухаддир, экзотизми физиологӣ, таблиғи густурдаи эротика ва мусобиқаи бемаҳдуд барои «лаззати ҳадди аксар» ҳавасманд кунанд[140]. Ҳарчанде одамон аз ҷиҳати ҷисмонӣ инфиродӣ мебошанд, вале, бо вуҷуди ин, дар руҳи онҳо гуногунрангии ҳақиқӣ ва бепоён вуҷуд дорад. Ҳамин тариқ, идеяи марказии таҳқиқоти ба ин масъала бахшидашуда дар мулоҳизаҳо дар бораи ҳокимияти харобиовари озодӣ дар муносибатҳои никоҳӣ-оилавӣ ифода ёфтааст. Дар ин ҷо дар бораи озодии бемаҳдуд сухан меронанд, ки қувваи харобиовар ба даст оварда, ба ҷои натиҷаи мусбат ба вайроншавии оила мусоидат мекунад.

Масъалаи мазкурро ҳамаҷониба таҳқиқ намуда, муҳаққиқи рус А.Е. Глушкова хусусиятҳои зерини хоси муносибатҳои байни мард ва занро дар ҷомеаи муосири пасошуравӣ ҷудо кардааст, ки оилаи тоҷикистонӣ низ хос аст:

- фисқу фуҷури тадриҷан ба фаҳшу фоҳишагӣ мубаддалшаванда;
- бартарияти инстинктҳои ҷинсӣ бар принсипи маънавӣ;
- таассубкорӣ дар парастиши муносибатҳои ҷинсӣ (ки ба ақидаи Г.Я. Стрелсова, нисбат ба принсипи маънавию ахлоқӣ бояд дуюмдараҷа бошад);
- набудани ҳамоҳангии руҳонӣ, наздикии руҳонӣ, ки дар оила амалӣ карда мешавад;
- намоиши маҳрамияти муносибатҳо.

Идеяҳои А.Е. Глушкова дар бораи ҳокимияти зараровари озодӣ дар муносибатҳои оилавӣ чунин мафҳумҳоро ба мисли «парастиши истеъмолӣ», «вайроншавии оила», «бетакрор будани мавҷудият», «маҳрамии амиқи оила» мепайванданд[141].

---

[140] Философия любви [Текст] / под ред. Д.П. Горского. – М.: Политической литературы, 1990. – С.331-332.

[141] Глушкова, А.Е. Роль современной российской семьи в формировании и сохранении социальных ценностей [Текст]: дисс... канд. филос. наук / Глушкова Анна Евгеньевна. – Чита, 2011. – С.70.

Ин равандҳоро бо он шарҳ додан мумкин аст, ки амалияи «фаъолияти шаҳвонӣ» аз ҷониби ҷомеашиносон, равоншиносон, табибони кишварҳои Ғарб аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шуда буд, ки пахш кардани шаҳвонияти инсонро манбаи невротизатсияи аҳолӣ, вайроншавии шаҳвонӣ, танфурӯшӣ ва ғайра медонистанд. Ин хосиятҳоро дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ низ мушоҳида кардан имкон дорад. Вобаста ба ин, бояд таъкид намуд, ки яке аз назариячиёни «инқилоби ҷинсӣ», табиб ва равоншинос В. Райх тарафдори аз зулми «тамаддуни репрессивӣ»[142] озод кардани хоҳишҳои шаҳвонӣ буд. Ӯ ба андешаи З.Фрейд, ки репрессия, яъне фишори шаҳвониятро барои рушди фарҳанг зарур медонист, розӣ шуда, ҳамзамон ба оқибатҳои манфии он барои инсон, ки аз зулми иқтисодӣ шадидтар шудааст, таваҷҷуҳ мекунад.

Дар иртибот ба зулми иқтисодӣ таърихи инсониятро ба ду давра тақсим мекунанд: якум, матриархат (модаршоҳӣ), ки ба он набудани зулми иқтисодӣ, ахлоқӣ ва ҷинсӣ, озодии «ҳаёти ҷинсӣ дар муҳаббат», алоқаи ҷинсии пеш аз издивоҷ ва мавҷуд набудани фасоди ҷинсӣ хос аст; дуюм, гузаштан ба патриархат (падаршоҳӣ), издивоҷи иҷборӣ бидуни муҳаббат, оилаи моногамии (якҳамсарии) патриархалӣ, аскетизми пеш аз издивоҷ, пахш кардани майли шаҳвонӣ, ки дар он зулми иқтисодӣ мушоҳида мешавад. Бояд тазаккур дод, ки дар ҷомеаи тоҷикистонӣ ин аломатҳои патриархат то ҳол ҳам, аз нигоҳи мо, дар аксарияти ҳолатҳо фаъоланд, ки таҷдиди муносибатро аз ҷониби аъзои ҷомеа тақозо мекунанд.

Дар баробари ин, В. Рейх барқароршавии ҷомеаи ғарбиро дар рад кардани патриархат, оилаи якҳамсарӣ, ахлоқи аскетӣ, репрессияи ҷинсӣ ва аз ин рӯ, дар озод кардани занҳо, ғаризаҳои ҷинсӣ мебинад. Ин ақидаҳо ба замини ҳосилхези фарҳанги оммавии Ғарб «афтида» хеле машҳур гардиданд. Онҳо дар асари сотсиологи машҳури неофрейдчӣ Г.Маркузе, ки соли 1955 китоби «Эрос ва тамаддун. Тадқиқоти фалсафӣ дар бораи

[142] Reich, W. The Orgone energy accumulator. Rangeley, Maine: Orgone Institute Press, 1951. – P.142-157.

Фрейд»[143] ифода ва таҷассум карда шуданд. Ақидаҳои З. Фрейдро дар бораи моҳияти репрессивии фарҳанг қабул намуда ва инкишоф дода, В. Рейх дар «нахустфишор»-и майлу хоҳиши шаҳвонӣ ва «фишори иловагии» характери иқтисодӣ («принсипи ҳосилнокии меҳнат»)-ро сабаби на танҳо бемориҳо, балки таназзули маънавӣ ва ахлоқии шахс ва аз ҳама муҳиммаш, фаъолии вайро низ мебинад, ки ба меҳнати маҷбурӣ, бегонашуда табдил дода шудааст. Ин боиси суст шудани сатҳи зеҳни интиқодӣ, тахайюлот, қобилияти эҷодӣ, коҳиши ҳиссиёт, нуқсони эмотсионалӣ, муносибати соддашудаи истеъмолӣ ба ҷаҳон ва одамони дигар мегардад. Г.Маркузе образи қадимии Прометейро аз нав дида баромада, ӯро рамзи «тамаддуни фишорӣ», меҳнати ғуломона ва азобу уқубати инсонӣ медонад.

Назарияи худро идома дода, Г.Маркузе барои эҳёи инсон ва ҷомеа «Саркашии бузург»-ро аз тамоми шаклҳои зулм аз зулму фишори ҷинсӣ ва оилаи якҳамсарӣ-патриархалӣ сар карда аппарати зулми давлатиро эълон мекунад. Аз ин рӯ, инқилоби иҷтимоӣ бе «инқилоби ҷинсӣ», тарбияи «ҳассосияти нав» ва «одамони нав»-и дорои ҷаҳонбинии тараққикардаи эстетикӣ имконнопазир аст.

Г.Маркузе дар бораи «тамаддуни либидоии ғайрирепрессивӣ» изҳори андеша мекунад, ки дар он Эроси эҷодкор, «принсипи лаззат», озодӣ ва тахайюл, ишқ ва зебоӣ ҳукмфармост. Бартараф кардани бегонапарастӣ меҳнатро аз ғуломӣ ба «бозии эҷодӣ», манбаи лаззат ва шодмонӣ табдил медиҳад. Дар натиҷаи рафъи бегонагии шаҳвонӣ «муносибати озоди эротикӣ ба олам», «худсублиматсияи шаҳвоният» дар фаъолияти эҷодӣ ба вуҷуд меояд, то либидо (libido) аз таҳдиди фарҳанг ба суръатбахши рушди он табдил ёбад. Ниҳоят, рафъи ранҷу азоб - ҳолати асосии одам дар тамаддуни репрессивӣ - оқибати инсондӯстонаи мавҷудияти мутаносиби одам дар шароити «фарҳанги либидоӣ» мебошад. Г.Маркузе образҳои қадимии Орфей ва Нарсиссро рамзи ин фарҳанг эълон мекунад. Ӯ образи

[143] Marcuse, H. Eros and civilization [Text] / H. Marcuse. – Boston: Beacon press, 1974. – P.171.

Прометей, устураро дар бораи онҳо ба таври худ шарҳ медиҳад. «Эроси Орфейӣ... бераҳмӣ ва маргро мағлуб мекунад ва озодӣ меорад. Забонаш суруд асту кораш бозӣ. Ӯ хидмати ишқу зебой мекунад, бо худ ва ҷаҳон ҳамоҳанг аст. Нарсисс низ принсипи лаззатро риоя мекунад; лаззати худмулоҳизаро ҳис карда, бо ҳамин озодӣ аз «принсипи воқеият»-ро ифода мекунад[144]. Тарбияи ҳассосияти зебо, биниши эстетикии ҷаҳон; ифодаи эҷодӣ, озодӣ аз азобу уқубат, мутобиқ шудан бо табиат — ҳамин аст моҳияти тарзи мавҷудияти орфейӣ-нарсиссӣ, ба қавли Г. Маркузе.

Бояд тазаккур дод, ки натиҷаи паҳн кардани мафҳуми «инқилоби ҷинсӣ» барои муаллифони онҳо ғайричашмдошт буд ва ба тафсири вулгарӣ-гедонистии ғояҳои онҳо табдил ёфт. Аммо дар заминаи фарҳанги истеъмолӣ ва шуури оммавӣ, инчунин «норасоии» маънавию ахлоқии ҷамъият натиҷаи дигарро интизор шудан душвор буд. Фарқи байни алоқаи ҷинсӣ ва ишқ, «озодӣ дар ишқ» ва озодии воқеии инсон амиқтар мешуд. Бо вуҷуди ин, ин консепсия алоқаи иқтисодиёт ва фарҳанги муносибатҳои оилавиро равшан нишон дод, ки намунаҳои онро дар ҷомеаи тоҷикистонӣ низ мушоҳида кардан имкон дорад. Аз ин рӯ, ба ақидаи мо, ба эътибор гирифтани паёмадҳои иҷтимоии «инқилоби ҷинсӣ», ки таҳти таъсири фарҳанги ғарбӣ, махсусан тавассути филмҳои истеҳсоли кишварҳои Ғарб дар ҷомеаи муосири мо низ, ки дар он нишонаҳои аввалини ин падида пайдо шудаанд, яке аз вазифаҳои муҳитарин барои оила ва кулли ҷомеа маҳсуб мешаванд.

Ҳамзамон, дар ҷомеаи тоҷикистонии муосир тамоюлоти парастиши истеъмолгарой баръало мушоҳида шуда истодааст. Меҳнати суботкорона ва бошуурона, ҳамчун воситаи такомули маънавии шахс, ҳамчун манбаи некӯаҳволии моддӣ, роҳи бойшавӣ ва бадастории муваффақиятҳои иҷтимоӣ дигар аз тарафи шуури оддӣ ҳамчун яке аз хислатхои асосӣ дарк карда намешавад. Аз ҷамъият ва ниҳоди асосии он - давлат бегона шудани

[144] Marcuse, H. Eros and civilization [Text] / H. Marcuse. – Boston: Beacon press, 1974. – P.172.

одам меафзояд. Маълум мешавад, ки дигаргуниҳо дар ҳастии иҷтимоӣ ва инфиродӣ то андозаи муайянкунанда аз сабаби вайрон шудани асосҳои маънавӣ-гуманистии фарҳанги миллӣ, таназзули маънавиёт ва ҳамзамон бо ин, бо таназзули худи инсон ба амал меояд.

Тағйироти куллии институтсионалии даҳсолаи охир дар ҷомеаи тоҷикистонӣ, чунонки муҳаққиқи тоҷик Калонов А. Г. қайд менамояд, боиси қисман зудуда шудани ҳувияти на танҳо фардҳои ҷудогона, балки тамоми ҷомеа гардид. Ногаҳон вайрон шудани низоми ҷамъиятию сиёсӣ боиси дигаргуниҳои назаррас дар муттасилии иҷтимоию фарҳангии наслҳо гардид[145]. Чунин ҷузъҳои муҳими механизми муттасилӣ, аз қабили таълим ва тарбия вақтҳои охир дар низоми иҷтимоишавии ҷавонон аз ҷониби ниҳодҳо ва арзишҳои «фарҳанги ҷомеаи оммавӣ» то дараҷаи назаррас танг ва маҳдуд карда шуда, ҳам ҳадаф ва ҳам маънии ҳастии инсон - «шиносоӣ ба ҷаҳони чизҳои бонуфуз ва зебо» мегардад[146].

Дар Тоҷикистони муосир паҳн гаштани унсурҳои фарҳанги оммавӣ низ ба назар мерасад. Вобаста ба ин, бояд зикр намуд, ки воситаҳо шахсро аз олами арзишҳои маънавӣ дур ва сохтори азхудкунии худи онҳоро вайрон (деформатсия) карда, ба мақсад табдил меёбанд. Фарҳанги оммавӣ дар даҳсолаҳои охири асри XX ба як мабдаи пешбаранда дар ташаккули муносибатҳои ҷаҳонбинӣ табдил ёфта, ба худмуайянкунии фарҳангии ҷавонон ва умуман ба иҷтимоишавии инсон таъсири амиқ мерасонад.

Дар баробари падидаҳои номбаршуда, мушкилоти худмуайянкунии шахс дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ аҳаммияти махсус дорад. Раванди худмуайянкунии иҷтимоии шахсро бо оина муқоиса мекунанд, ки шахс ба он нигоҳ карда, мехоҳад, ки худро шиносад ва дарк кунад. Аз даст додани рефлексия ва қобилияти шинохти худ метавонад ба эҳсоси ноамнӣ, ихтилоли руҳию асабӣ, рафтори харобиовар оварда расонад. Буҳрони

---

145 Калонов, А.Г. Роль семьи в формировании жизненных ориентации молодежи [Текст]: дисс... канд. филос. наук / Калонов Аскаршо Гозиевич. – Душанбе, 2000. – С.89-94.

146 Карпухин, О.И., Макаревич, Э.Ф., Луков, В.А. Социальный контроль масс [Текст] / О.И. Карпухин, Э.Ф. Макаревич, В.А. Луков. – М.: Дрофа, 2007. – 429 с.

худмуяйянкунӣ ва худшиносиро, аз ҷумла дар Тоҷикистон, номуташаккилии ҷомеа ва сохторҳои калон, парокандагии фарҳангӣ, ҷаҳонишавии равандҳои иҷтимоӣ, харобшавии анъанаҳо ва постмодернизатсия ҳамроҳӣ мекунад. Барои ҷомеаи мо, ба ин рӯйхат нобуд кардани принсипҳои идеологии кӯҳнаро, ки дар солҳои 1980 ва 1990-ум бидуни иваз кардани онҳо бо дигар принсипҳо рух дода буд, илова кардан мумкин аст[147].

Дар баробари ин, аз сабаби он, ки шуури инсон, ба монанди ҷисми ӯ, ба гомеостаз, яъне барои ноил шудан ба ҳамоҳангии муайян бо ҷаҳони беруна ниёз дорад, зарурати то ҳадди аксар маҳдуд кардани ихтилофи байни муҳити дохилӣ ва беруна барои шахс ҳалкунанда боқӣ мемонад. Дар робита бо ин, зикр кардан зарур аст, ки сарфи назар аз он, ки шаклу мазмун ва усулҳои ичтимоишавии шахсият ҳамчун тараққиёти таърихии башарият пайваста тағйир ёфта, бо мазмуни нав пур мешуданд, муҳаққиқон қайд мекунанд, ки таҷрибаи чандинасраи мавудияти миллатҳо дар шароити барои чаҳони тағйирнопазири ботинии инсон ниҳоят номусоид, дар шуури оммавии онҳо қобилияти махсуси ноил шудан ба гомеостаз, мутобиқшавии махсус ба шароитҳои берунаро кор карда баромад, ки он инчунин хусусияти хоси равандҳои иҷтимоишавӣ дар ҷомеаи муосир, аз ҷумла, дар Тоҷикистон мебошад.

Дар партави чунин талабот инсони муосир бо як қатор мушкилот рӯ ба рӯ мешавад. Ба назари мо, суръати доимо афзояндаи набзи ҳаёт ва робитаҳои гуногуни иҷтимоиро, ки имкони фаҳмиши ҳамаҷонибаи ҷаҳони атрофро душвор мегардонад, низ аз қабили чунин мушкилот ҳисобидан мумкин аст. Дар чунин вазъ ҳар чи бештар мақсадҳои ҳаёти инсон пажмурда шуда, мақсадҳои ҳаёти маънавӣ бо воситаҳои зиндагӣ, мубориза барои неъматҳои моддӣ ва мақоми иҷтимоӣ, меркантилизатсияи мазмуни

[147] Рахимзода, Х. Влияние социальных институт воспитания на нравственную подготовку старшеклассников к семейной жизни [Текст]: дисс... д-ра. пед. наук / Рахимзода Хуррам. – Душанбе, 1999. – С.208.

ҳаёт, тамаркузи гедонистӣ ҷиҳати ба даст овардани лаззат иваз мешаванд. Хушбахтӣ на ҳамчун ҳаёт дар маҷмуъ, балки ҳамчун маҷмуи муайяни порчаҳои хосиятҳо ва сифатҳои он ба назар мерасад. Дар Тоҷикистони муосир, аз диди мо, ин ҳолатҳо рӯз ба рӯз афзуда, ба оила, арзишҳои оилавӣ ва арзишҳои иҷтимоӣ дар маҷмуъ таъсири манфӣ мерасонанд, ки ҳамаи ин тақвияти вазифаи оила ва ниҳодҳои дигари бо таълиму тарбия машғулбударо талаб менамояд.

Ба таври дурусту одилона чунин мешуморанд, ки дараҷаи баландтарини худмуайянкунӣ, махсусан дар ҷомеаҳои анъанавие чун Тоҷикистон, ин худмуайнкунии оилавӣ аст ва танҳо пас аз он худмуайянкунии этникӣ, конфессионалӣ, касабавӣ ва ҷамъиятӣ-сиёсӣ ба вуҷуд меоянд. Маҳз дар оила ба робитаҳои хешовандӣ ва муносибатҳои дохили оила ҳамроҳ шуда, инсон наздикии худро бо намояндагони ҳамон миллат, ҳамон гурӯҳи ҷамъиятию сиёсӣ, ҳамон як дин эҳсос мекунад.

Дар робита бо ин қобили зикр аст, ки оила ҳатто дар оғози таърихи инсоният дар низоми агентҳои иҷтимоӣ яке аз ҷойҳои бартаридоштаро ишғол мекард, гарчанде ки он ҳеҷ гоҳ ҳамчун агенти ягона ва мустақил баромад намекард. Дар муқоиса бо дигар ниҳодҳои ҷомеа, оила имрӯз, сарфи назар аз мушкилоти муайян, ки дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ низ ба назар мерасанд, дар раванди шиносоии кӯдакон бо арзишҳо ва нақшҳои иҷтимоӣ имкониятҳои ҳадди аксар дорад. Самаранокии вазифаи тарбиявии оила дар ин самт асосан бо омилҳои зерин муайян карда мешавад:

- микроиқлими ахлоқию равонӣ дар оила;
- вазъи моддию иҷтимоии оила;
- дараҷаи бартараф намудани ихтилофи манфиату эҳтиёҷоти оила, аз як тараф ва бо фаъолияти истеҳсолии падару модарон, хусусан модарон, аз тарафи дигар;
- нақши падар дар муошират бо фарзандон ва ғайра.

Ба вазифаҳои иҷтимоигардонии оила, ки тағйирёбии онҳо дар оила рушди тамоми ҷомеаро инъикос мекунад ва дорои хусусиятҳои равшани биологӣ ва иҷтимоӣ мебошад, гузаштаи таърихии халқ ва ҳаёти оилаҳои наслҳои пешин низ таъсири қавитаринро мерасонад. Ин хусусияти оила, ба андешаи мо, дар Тоҷикистони муосир ба таври хеле назаррас маълум аст.

Дар ҷомеаи тоҷикистонӣ таҷдиди наслҳои нав на танҳо идомаи табиии оила, балки ивазшаваии иҷтимоии як насл бо насли дигар аст, зеро ҳар як насли баъдӣ тавассути робитаҳои мустақим ва тарзи ҳаёти оилавӣ кори насли пешинаро идома медиҳад. Дар оила волидайн худро дар фарзандони худ аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва ахлоқӣ дубора тавлид мекунанд, яъне фард муҳити оилавиро, ки манбаи асосии иҷтимоишавии ӯ дар марҳилаи ҳаёти кӯдакию наврасии ӯ мебошад, азхуд мекунад. Оила як ниҳоди доимӣ буда, дар бисёр ҷиҳатҳо инерсияи назаррас дорад ва иваз кардани таҷрибаи ҳазорсолаи он душвор аст. Бо сабаби чунин инерсиянокӣ ва мураккабии назарраси механизмҳои иҷтимоии оила, оила бартариҳои муҳимтаринро нисбат ба дигар ниҳодҳои иҷтимоикунанда дорад.

Маҳз дар оила тамоми қувваҳои ҷомеа ба ҳам мепайвандад, арзишҳо ва манфиатҳои иҷтимоӣ мутамарказ мешаванд. Ва ин махсусан дар давраи гузариш аз кӯдакӣ ба наврасӣ, вақте ки даъво ба камолот, тамоюли ба меъёрҳо ва арзишҳои дар ҷаҳони калонсолон қабулшуда, ташвишу изтиробҳои мураккабӣ ва зиддиятнок, ки дар натиҷаи кӯшиши наврас барои айниятдиҳии худ бо ин дунё пайдо шудаанд, равшан нишон дода мешаванд. Ин хусусиятҳои оила, ки, ба ақидаи мо, дар оилаи тоҷикистонӣ то кунун побарҷо ҳастанд, бояд бештар аз пештар бо сабаби тақвияти ҷаҳонишавӣ мавриди истифодаи ҷомеа ва ниҳодҳои он қарор дошта бошанд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки падидаҳои харобиовар дар ҳаёти ҷамъиятии ҳар як ҷомеа, аз ҷумла дар Тоҷикистони муосир, ҳатман бо равандҳои каҷравӣ (аз лотинии deviatio, лафзӣ, «дуравшавӣ аз роҳ»)

алоқаманданд. Истилоҳи имрӯза васеъ истифодашавандаи «рафторҳои девиантӣ» дар ҳамин замина пайдо шудааст. Дар асл, омӯзиши рафтори девиантӣ дар ҷомеаи тоҷикистонӣ ибтидои солҳои 90-уми қарни гузашта оғоз ёфт. Рафтори девиантӣ, ки дар байни равоншиносони муосири иҷтимоӣ ҳамчун ҷузъи эквивалентӣ дар баробари рафтори меъёрии нақшӣ-иҷтимоӣ тавсиф мешавад, дар натиҷаи таъсири мутақобилаи мураккаби равандҳои дар ҷомеа ва шуури инсон ба амаломада ташаккул меёбад.

Қобили зикр аст, ки якҷоя бо тағйири арзишҳо, меъёрҳо ва қоидаҳои иҷтимоӣ, ки дар Тоҷикистон дар мисоли гузариш аз сохти шуравӣ ба бунёди давлатдории миллӣ рух дод, меъёрҳои рафтори девиантӣ низ тағйир меёбанд. Агар равандҳои иҷтимоишавӣ ва назорати иҷтимоӣ бо ҳифз ва мероси рамзи иҷтимоӣ-фарҳангӣ алоқаманд бошанд, пас инҳирофҳо тамоюлҳои тағйирпазирии иҷтимоӣ ва мутобиқшавӣ ба шароити нави рушди ҷомеаро, ки дар натиҷаи зиддиятҳои байни «кӯҳна» ва «нав» ба вуҷуд меоянд, муайян мекунанд.

Рафторе, ки барои рафъи монеаҳои ноумедкунанда нигаронида шудааст, дар ду намуд фарқ мекунад: эҷодӣ ва харобиовар, яъне деструктивӣ. Мо ба намуди рафтори девиантӣ, ки ҳамчун хашмгинӣ, ғайримуқаррарӣ, харобиовар ва ғайра тавсиф мешавад, тамаркуз хоҳем кард. Ба таври умум эътироф шудааст, ки рафтори девиантӣ чунин зуҳуротро, аз қабили ғайримутобиқшавии иҷтимоӣ ва мактабӣ, майзадагӣ, нашъамандӣ, криминалишавии ҷомеа ва махсусан, муҳити ҷавононро дарбар мегирад. Ба зуҳуроти харобиовар рафтори худкушӣ, тамоюлҳои бад шудани саломатии аҳолӣ, кам шудани давомнокии миёнаи умр дохил мешаванд.

Масъалаҳои навъҳои гуногуни рафтори девиантиро дар ҷомеаи тоҷикистонӣ баъзе муҳаққиқон таҳқиқ карда, сабабҳои ташаккули рафтори девиантиро асосан муайян намудаанд. Аммо то кунун ҳам, ба ғайр аз қонунмандиҳо ва тамоюлҳои умумӣ, инчунин омилҳои махсусеро низ

муайян кардан зарур аст, ки ба равандҳои харобиовар дар ҷамъияти муосири тоҷикистонӣ бевосита мусоидат мекунанд. Илова бар ин, ба андешаи мо, робитаи ин равандҳоро бо дигаргуниҳо дар оила ва муносибатҳои оилавӣ таҳқиқ кардан муҳим буда, истифодаи натиҷаҳои он дар амалияи иҷтимоӣ барои рушди ҷомеаи мо ҳамаҷониба мубрам мебошад. Аз ин рӯ, таҳқиқи ин масъалаҳо дар доираи рисолаи алоҳида дар мисоли Тоҷикистон барои илмҳои фалсафӣ, махсусан барои фалсафаи иҷтимоӣ саривақтӣ, мубрам ва дорои аҳаммияти махсуси назариявию амалӣ ҳисобида мешавад.

Падидаҳои харобиоваре, ки дар кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта мушоҳида мешаванд, дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ низ васеъ паҳн шуда истодаанд. Аз ин рӯ, ҳузури онҳоро танҳо бо таҳаввулоти буҳронии иқтисодиву иҷтимоии солҳои охир шарҳ додан хатост. Шубҳае нест, ки буҳронро тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ аз сар мегузаронад, ки бо тағйирот дар самтгириҳои арзишии инсон алоқаманд аст, зеро дар натиҷаи ин мазмуни маънавии ҳаёт бо ҷустуҷӯи сарватҳои моддӣ, дастовардҳо ва лаззатҳо иваз мешавад.

Имрӯз нақши пештараи анъанавии никоҳ ва оила дар сохтори тамоюлҳои ахлоқӣ-маънавии фард низ аз байн рафта, тамоюлҳои наве, ки проблемаҳои солимии ҷисмонӣ, руҳӣ ва маънавии инсонро бомуваффақият бояд ҳал кунанд, ҳанӯз пайдо нашудаанд. Ҳеҷ кадоме аз ниҳодҳои маъруфи давлатӣ ва ҷамъиятӣ он вазифаҳоеро, ки то ибтидои асри XX оила иҷро мекард, иҷро карда наметавонанд. Танҳо оила метавонад устувории инсонро дар ҷаҳони зудтағйирёбанда ва ноустувор кафолат диҳад.

Яке аз хусусиятҳои вазъияте, ки дар солҳои 90-уми асри гузашта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд омада буд, вайроншавии сохторҳои арзишӣ мебошад, ки онро пеш аз ҳама ташаккули комплексҳои асосии мотиватсионии рафтори иҷтимоӣ ҳамроҳӣ мекунад ва таъсири он ҳам дар фазои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ҳам дар сатҳи ҳаёти ҳаррӯза мушоҳида мешавад:

- меркантилизатсия ё тиҷоратишавии робитаҳо ва муносибатҳои шахсӣ, аз ҷумла оилавӣ;

- мубрамшавӣ ё шиддатёбии ҳисси тарс ва ноамнӣ, ки баъзан ба ин вазифаҳои оила мувофиқат намекунад;

- маҷмуи муваффақияти шахсӣ – сармоягузории бурдноки пул ва меҳнат, таваккали муваффақ, дастрасӣ ба хидматрасонии босифат ва ғайра, ба ибораи дигар, муносибати бозигарона ба ҳаёт ва дар баробари он - эҳсоси ноумедӣ;

- канорагирӣ кардан аз воқеиятҳои иҷтимоию сиёсӣ ва ба ҳаёти хусусӣ фурӯ рафтан;

- сохтани тасаввуроти худ дар бораи олам ва ғайра.

Ҳамаи ин бархурди комплексҳо буда, ба думболи он тағйир ёфтани меъёру қоидаҳои ахлоқӣ-маънавӣ сурат мегирад, ки боиси бегонашавии инсон ҳам дар олами табиӣ ва ҳам дар олами иҷтимоӣ мегарданд. Аз байн рафтани ақидаҳо дар бораи меъёрҳои умумибашарии ахлоқӣ ва ҳатто меъёрҳои ҳуқуқӣ боиси он мегардад, ки якдигарфаҳмӣ миёни одамон аз байн меравад ва дар ҷомеаи инсонӣ ҷудоиву парокандагӣ ба вуҷуд меояд. Ин ҷудоӣ дар оила ва муносибатҳои оилавӣ ба таври назаррас инъикос меёбад, ки намунаҳои равшани онро дар мисоли ҷомеаи тоҷикистонии муосир мушоҳида кардан мумкин аст.

Бояд таъкид намуд, ки ҷомеаи тоҷикистонӣ имрӯз дар ҳолати аномия қарор дорад, ки онро Эмил Дюркгейм ҳамчун ҷомеае муайян кардааст, ки дар он «танзими дақиқи рафтори шахсони алоҳида вуҷуд надорад, халои ахлоқӣ вуҷуд дорад. Аномия ҳолатест, ки дар он меъёрҳо ва арзишҳои кӯҳна дигар ба муносибатҳои нав мувофиқат намекунанд, меъёрҳо ва арзишҳои нав бошад, ҳанӯз ба вуҷуд наомадаанд»[148].

Дар натиҷаи ин тағйироти бухронии воқеияти иҷтимоӣ маънои аз даст додани самаранокии меъёрҳо ва қоидаҳои қаблан таҳияшуда, беқурбшавии

[148] Дюркгейм, Э. Социология [Текст]: ее предмет, метод, предназначение / Э. Дюркгейм. – М.: Канон, 2006. – 356 с.

малакаҳои рафтори қаблан истифодашуда ва табдили моделҳои маъмули онро дорад. Дар навбати худ, ҳамаи ин дигаргуниҳо ташаккули шаклҳои гуногуни рафтори девиантиро тезу тунд мегардонанд: майзадагии ҷомеа, афзоиши босуръати нашъамандӣ, афзоиши ҳамаи намудҳои ҷинояткорӣ.

Дар ҷараёни навсозии ҷомеаи тоҷикистонӣ, аз як тараф, ташаккули як табақаи сарватмандон ва хеле сарватмандон (олигархҳо), аз тарафи дигар, маргиналишавии қисми зиёди аҳолӣ ба вуқуъ пайвастааст. Ин гуна дигаргуншавии сохти иҷтимоии ҷомеаи муосири мо дар баъзе ҷанбаҳоаш ба мисли кишварҳои дигар харобиовар аст.

Дар баробари ин, дар даврони таҳаввулот вайроншавии ҷузъҳои асосӣ сурат мегирад, ки боиси аз даст додани худшиносии инсон мегардад. Бо ҳамин сабаб, дар Тоҷикистони муосир равандҳои пуршиддати маргинализатсия, ки натиҷаи бевоситаи тағйироти сохторӣ дар иқтисодиёт, паст шудани сатҳи зиндагии қисмати зиёди аҳолӣ, инчунин низоъҳои иҷтимоӣ мебошанд, назаррас гаштаанд.

Бояд ба эътибор гирифт, ки маргинализатсия ба «синфи соҳибкорони хусусӣ ва буржуазия», ки дар асл субъектҳои дарунсохт мебошанд, камтар таъсир мерасонад. Равандҳои маргинализатсияро инчунин паҳншавии васеи намудҳои гуногуни рафтори девиантӣ ҳамроҳӣ мекунанд. Ин аз бисёр ҷиҳат аз он иборат аст, ки бештари оилаҳо хислатҳои оилаҳои душворро пайдо мекунанд, ки ба онҳо набудани нигоҳубини дурусти кӯдакон дар хона, ноқобилии шахсӣ, камбизоатӣ ва саломатии бад, ирсияти бад, номутобиқии касбии аъзоёни оила хос мебошанд. Ин гуна вазъи оилавӣ, мутаассифона, дар ҷомеаи тоҷикистонии муосир низ ба назар мерасад.

Инчунин, бояд ба назар гирифт, ки симои ҷаҳон барои кӯдак бо симои модар яксон мешавад. Оила, махсусан дар фарҳанги тоҷикӣ, намунаи аввалини ташкили ин ҷаҳони бузург аст. Тавассути оила таҷрибаи аввалини ошноӣ бо фарҳанги инсонӣ, таҷрибаи иҷтимоӣ ва фардикунонии

шахс ба вуҷуд меояд. Маҳз дар оила хислатҳои зарурии инфиродӣ ҳосил мешаванд, ки онҳо симои беназиру нотакрори шахсиятро бо маҷмуи кулли арзишҳои ахлоқию эстетикӣ, муносибатҳо, сифатҳои шахсӣ ба вуҷуд меоранд, тадриҷан дохилшавӣ ба низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ, яъне иҷтимоишавӣ сурат мегирад ва талаботи сотсиогенӣ ташаккул меёбад. Барои расидан ба ин ҳадаф, ба ақидаи мо, истифода аз ниҳоди оила дар даврони муосир барои ҷомеаи тоҷикистонӣ хеле мубрам боқӣ мемонад.

Дар даҳсолаи охир ниҳодҳои иҷтимоии ҷомеа ба фард, фарди танҳо нигаронида шуда, оила нақши миёнаравии худро аз даст дода ва як ҳалқаи «зиёдатӣ» дар муносибатҳои байни фард ва ҷомеа гардида, ба масъалаи шахсии шахсият табдил ёфтааст. Аммо дар ниҳоят, маҳз оила муҳити наздиктаринест, ки дар он муносибат ба ин ё он намуди рафтор ташаккул меёбад. Ба қавли муҳаққиқи тоҷик Давлатов М. «… вобастагии мавҷуд дар миёни дараҷаи тарбияи ахлоқии насли наврас ва ташкили муносибатҳои оилавӣ»[149] яке аз омилҳои муҳимтарини рафтори вайронкоронаи бачагон, наврасон, инчунин шахсият дар тамоми роҳи ҳаёти онҳо мебошад. Маҳз оила «ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ бо тараққиёти иқтисодию иҷтимоии ҷамъият алоқаи ногусастанӣ дорад: он ҳамчун интиқолдиҳандаи арзишҳои ахлоқӣ, идеологӣ ва фарҳангӣ, дар асоси равандҳои демографӣ ва тавассути иҷтимоишавӣ захираҳои меҳнатиро таъмин менамояд»[150].

Дар марҳилаи муосири инкишофи ҷомеаи тоҷикистонӣ масъалаи оила ва тарбияи фарзандон дар мадди аввали диққати ҷомеа қарор дорад. Аз ин ҷост, ки муҳаққиқи тоҷик Саидзода З. қайд мекунад, ки «Кӯдакро аз рӯзҳои аввал бо роҳи дуруст тарбия намудан нисбат ба тарбияи бачаи бадахлоқшуда хеле осон аст»[151]. Ҳамчунин, муҳаққиқи машҳури соҳа

---

[149] Давлатов, М. Талоқ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ – психологӣ ва буҳрони дар ҳаёти оилавӣ [Матн] / М. Давлатов // Маводи конференсияи байналмиллалии илмию амалии “Раванди ташаккулёбии институтсионалии кори иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дастовардҳо, масъалаҳо ва тамоюлҳо”. – Душанбе, 2023. – С.113-119.
[150] Саидзода, З. Густариши ахлоқи миллӣ - посух ба паёмодҳои ҷаҳонишавӣ [Матн] / З. Саидзода. – Душанбе, 2014. – С.116.
[151] Ҳамон ҷо. – С.116.

Сухомлинский қайд менамояд, ки мактаб ва оила дар назди кӯдак ҳамаи он сарчашмаҳоеро, ки онҳо аз ҳиссиёти баланди муҳаббат ба Меҳан, волидайн, зодгоҳ то бузургию миллат, содиқ ба Ватан мебошанд, кушода диҳанд».[152] Яъне, кӯдак дар оила рушд мекунад ва зарур аст, ки дар тадҳиқоти илмӣ ин нозукӣ ба назар гирифта шавад.

Ҷомеа, чунонки маълум аст, ба оила танҳо дар самти мушкилоти иқтисодӣ таваҷҷуҳ намуда, бо ин роҳ нақшҳои дигари оиларо паст мекунад, онро ба нестӣ бурда мерасонад. Ин ба «муттаҳид шудани ҳаёт ва тафаккур»-и фард, ба манфиатҳои инфиродӣ ҳавола кардани манфиатҳои оила ва дигар гурӯҳҳо мусоидат мекунад. Ба андешаи баъзе муҳаққиқон, ин метавонад имкониятҳои манипулятивии рафтори як шахс ва тамоми гурӯҳҳои одамонро осон кунад. Дар пасманзари ин тамоюлҳо шумораи одамоне, ки рафтори делинквентиро доранд, зиёд мешавад, зеро проблемаҳои шахсиятро аз проблемаи номуташаккилии оила ҷудо кардан мумкин нест. Муҳаққиқон дар ин росто қайд мекунанд, ки маҳз барои оилаҳое, ки кӯдакони содиркунандаи рафтори делинквентӣ (ҷиноятӣ) доранд, дар тарбияи чунин кӯдакон бештар бесарусомонӣ вуҷуд дорад, онҳо бо маҷмуи муайяни арзиш ва меъёрҳои рафтор таъмин нестанд, кӯдаконро ба таври кофӣ назорат намекунанд. Дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ чунин зуҳуроти номатлуб дар оилаҳо кам нестанд. Илова бар ин, дар ҷомеаи мо, чун дар дигар ҷомеаҳо, тамоюлҳои зерин хоси оилаи номуташаккил мебошанд:

- кам шудани шумораи оила, чӣ аз сабаби кам шудани таваллуд ва чӣ аз сабаби фавт аз сабаби бад будани саломатӣ, ҷароҳати баланд, худкушӣ ва ғайра;
- паст шудани арзиши иҷтимоӣ ва фарҳангии оила;
- афзоиши шумораи талоқҳо;
- афзоиши шумораи кӯдакони ғайриқонунӣ таваллудшуда;

[152] Педагогика школы [Текст] / Под ред. Г.Н. Щукиной. – М.: Педагогика, 1977. – С.11.

- баланд бардоштани эҳтимолияти нокомии иҷтимоӣ дар оила. Махсусан таъкид мекунем, ки номуташаккилии оилаи муосир, ки дар ду самт - дар тамоми ҷамъият ва дар дохили худи оила ба амал меояд, боиси вайрон шудани қобилиятҳои иҷтимоии он мегардад.

Барои оилаи номуташаккил мавҷудияти низоъҳои дохилии оилавӣ хос аст. Ба истилоҳ «оилаҳои душвор» на танҳо низоъӣ мебошанд, балки чунин хислатҳо аз қабили носозгории иҷтимоии волидон (майпарастӣ, рафтори бадахлоқона, ба фаъолияти касбӣ) низ доранд. Чунин оила муҳимтарин сабаби рафтори делинквентӣ ва девиантии наврасон мебошад. Мавҷудияти чунин зуҳуротро дар ҷомеаи тоҷикистонии муосир ба эътибор гирифта, дар бораи навъҳои маъмултарини рафтори харобиовар дар ҷомеаи имрӯза муфассалтар сухан меронем.

Дар бораи таъсири нӯшокиҳои спиртӣ ба саломатӣ ва ахлоқи аҳолии тамоми олам нигароникунанда аст. Истеъмоли машруботи спиртӣ, ба фикри муҳаққиқи тоҷик Расулов С.Х., бо чунин намудҳои зуҳуроти харобиовар, монанди аномалияҳо ва ҷиноятҳои ҷинсӣ алоқамандӣ дорад: «байни миқдори нӯшокиҳои спиртии истеъмолкардаи аҳолӣ ва шумораи аномалияҳо ва ҷиноятҳои ҷинсӣ миёни аҳолӣ, инчунин бо фавти кӯдакон, куштор дар байни аҳолии калонсол ва худкушӣ алоқаи бевосита мавҷуд аст»[153].

Дар байни оқибатҳои асосии бадмастӣ ва майзадагӣ дар адабиёти илмӣ инҳо нишон дода мешаванд:

- мушкилоти шахсии марбут ба ихтилоли функсионалӣ ва аз даст додани худдорӣ, хашмгинӣ, афзоиши осеби равонӣ, бадшавии саломатии ҷисмонӣ ва рӯҳӣ ва аз даст додани он, маъюбӣ, марги бармаҳал ё худкушӣ;

- мушкилоти муносибатҳои байнишахсӣ, ки дар номутобиқатии муносибатҳои дохили оила, паст шудани вазъи моддӣ ва иҷтимоии оила,

[153] Расулов, С.Х. Психологияи эмотсия ва ҳиссиёт [Матн]: воситаи таълимӣ / С.Х. Расулов. – Душанбе, 2022. – С.31.

бад шудани саломатии кӯдакон, нокомии педагогии волидон, ки боиси ташаккули номутаносибии мактабӣ ва иҷтимоии кӯдакон мегардад;

- проблемахои иҷтимоӣ, аз ҷумла, афзоиши ҷинояткорӣ дар заминаи майзадагӣ, зиёд шудани фавт бо сабаби аз даст додани саломатӣ;

- зиёд шудани ҷароҳатҳо, зарари иқтисодии вобаста ба хароҷоти табобат ва имтиёзҳо, хароҷоти ҳифзи ҳуқуқ.

Аз ин рӯ, майзадагӣ барои теъдоди зиёди дигар инҳирофҳои иҷтимоӣ:
- номутобиқатии иҷтимоӣ, ҷиноят, худкушӣ, ихтилоли равонӣ ва ғ. ҳамчун катализатор амал мекунад.

Таҳқиқоти илмии ибтидои асри XXI моро ба чунин хулоса меоранд, ки проблемаи бадмастӣ ва майзадагӣ барои ҷомеаи муосир дар замонҳои гуногун хеле шадид буд. Муҳаққиқони муосир дар бораи ин гуна рафтори харобиовар ҳамчун таҳдид ба амнияти миллии як гурӯҳ мамлакатҳо ҳарф мезананд.

Оила ба вазъи саломатии кӯдак, барои рушду камоли вай муҳайё кардани шароити зарурӣ ва барои рушду камоли аъзоёни ба камол расидаи оила аз ҳисоби қобилияти ба оила хоси барқарор намудани функсияи оила тавассути сафарбар намудани захираҳо, ҳамкорӣ ва дастгирии психологӣ таъсири калон мерасонад. Вале маҳз ҳамин вазифа, пеш аз ҳама, дар давраҳои душвориҳои иҷтимоию иқтисодии давлат зарар мебинад, ки ин бешубҳа дар рақамҳое, ки динамикаи беморӣ ва фавти аҳолиро тавсиф мекунанд, аз чумла дар мисоли Тоҷикистони муосир, инъикос меёбад.

Дар айни замон дарки фаъолонаи масъалаҳои диалектикаи таъсири мутақобилаи соҳаҳои моддию маънавии ҳаёти ҷамъият ва зарурати ташаккули низоми арзишҳо бо афзалияти арзишҳои маънавӣ эътироф карда мешавад. Аммо дар ҷамъият мафҳуми муайяни аз ҷиҳати илмӣ асосноки ташаккули низоми арзишҳо ва фаҳмиши умумии худи моҳияти арзишҳо вуҷуд надорад, ки ин дар рафти мубоҳисаи илмию оммавӣ ошкор мегардад. Аз ин рӯ, ҳатто агар огаҳӣ аз зарурат ва иродаи элитаи ҳоким

барои андешидани тадбирҳо дар ин самт вуҷуд дошта бошад ҳам, натиҷаи мусбатро интизор шудан мумкин нест. Шарти зарурии ташаккули чунин мафҳум муқаррар намудани ҳадафҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда мебошад, ки бояд на танҳо мафҳуми низоми арзишҳо, балки роҳҳои татбиқи онро низ дар бар гирад. Ин вазифа имрӯз барои фалсафаи иҷтимоӣ дар Тоҷикистон низ мубрамияти хосса пайдо намудааст.

Бояд зикр намуд, ки бесамарии баъдан ошкор гардидаи қарорҳои бо таҳқиқоти номукаммал ва хулосаҳои нодурусти онҳо асоснокшуда, ҷомеаро водор месозад, ки ба қобилияти илм дар ҷавоби дуруст ба саволҳои замони мо, таҳия намудани методологияи муносиби ҳалли амалии масъалаҳои дар назди ҷомеаи даврони муосир истода шубҳа кунад. Вазъият чунин аст, ки фаҳмиши ягонаи категорияи «арзиш» вуҷуд надорад. Бо гузоштани ғоя ва тафсири худ дар ин мафҳум, бидуни асосноккунӣ ва муайян накардани ҷойгоҳи он дар сохтори мавҷудияти фард ва ҷомеа, ин гуфтугӯҳо ба муоширати байни одамоне, ки бо забонҳои гуногун ҳарф мезананд ва аз ин рӯ, наметавонанд якдигарро дарк кунанд, монанд аст.

Набудани фаҳмиши умумии моҳияти категорияи «арзиш», соҳаҳо ва ҳудуди татбиқ ва тафсири он боиси нодуруст фаҳмидани моҳияти табдили онҳо мегардад. Дар натиҷа равандҳои дигаргунсозӣ бештар «кӯр-кӯрона», бо роҳи озмоишу иштибоҳ, бо хароҷоти бузургу бесамари қувваю воситаҳо, зарари бузурги маънавӣ, бо натиҷаҳои ниҳоии ночиз ва пешгӯиҳои беэътимод ба амал меоянд. Аз ин рӯ, зарурати объективии дарки фалсафии равандҳои табдили низоми арзишҳо дар ҷомеаи тағйирёбанда ва дар даврони муосир дар ҷомеаи мо низ бояд чунин бошад: муайян кардани тамоюлҳо ва механизмҳои умумии тағйирёбии воқеият, шуури ҷамъиятӣ ва фардӣ; таҳияи консепсияи мувофиқ ва муқаррароти назариявӣ, ки мувофиқи онҳо на танҳо рафти ин равандҳоро пешгӯӣ кардан, балки инчунин ҷиҳати ташаккули низоми матлуби арзишҳо,

муттаҳид кардани ҷамъият, ба инсон додани дастурҳои маънавӣ-ахлоқӣ ба он равандҳо таъсири мақсаднок расондан имконпазир гардад.

Дар маҷмуъ, дигаргуншавии босуръати ҷомеаи тоҷикистониро тағйир ёфтани сохти иҷтимоӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ, тезу тунд шудани проблемаҳои иҷтимоӣ, зуҳури шаклҳои гуногуни рафтори девиантӣ ҳамроҳӣ мекунанд. Ин падидаҳо ба ташаккули фарҳанги фард таъсири аввалиндараҷа доранд, ки он дар навбати худ афзалиятҳои мушаххаси шахсиятро муайян мекунад.

Хулоса, аз сабаби набудани сохтори ба таври дақиқ муайяншудаи иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ, марзҳои ин воқеияти иҷтимоӣ ва беқурб шудани қолабҳои пештараи ҳаммонандкунӣ ва айниятдиҳӣ, дар чунин вазъ падидаи «худшиносии оммавӣ»-ро ташаккул дод. Ба ин падида як қатор хусусиятҳои мушаххас хос аст, ки дар байни онҳо муҳимтаринаш инҳоянд: мавҷуд набудани маҷмуи ягонаи арзишҳои иҷтимоӣ, ки боиси тағйирёбии амиқ ва тезу тунд шудани зиддиятҳо дар низоми арзишҳои оилавии шахсият гардид; мураккаб шудани низоми иҷтимоии ҷамъият; васеъ намудани сарҳадҳои ҳамкории иҷтимоӣ; гуногунии фарҳангӣ; дигаргунсозии сохторҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ.

Дар шароити зикршуда масъалаи худмуайянкунии шахс дар соҳаи муносибатҳои никоҳӣ-оилавӣ ба миён меояд. Равандҳои худмуайянкунии шахс дар оила дар зери таъсири моделҳои нави рафтори иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ давом мекунанд. Ин моделҳо талаботро ба арзишҳои оддӣ ва умумибашарӣ барои қонеъ кардани ниёзҳои моддӣ ва амалии ҷомеа дар шароити нави иқтисодӣ муайян мекунанд. Аз ин рӯ, дар фасли ояндаи рисола таъсири муносибатҳои нави иқтисодиро ба моҳият ва сохтори муносибатҳои оилавӣ ва арзишҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи тоҷикистони муосир мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

## 2.2. Таъсири муносибатҳои нави иқтисодӣ ба моҳият ва сохтори муносибатҳои оилавӣ ва арзишҳои иҷтимоӣ дар Тоҷикистони муосир

Дар айни замон ниҳоди оила дар ҷомеаи тоҷикистонӣ таъсири тағйироти соҳаҳои гуногуни ҳаёти инсонро аз сар гузаронида истодааст. Тағйирёбии низомҳои давлатӣ, низоми ҷахонбинии арзишӣ, форматсияҳои ҷамъиятию иқтисодӣ - ҳамаи инҳо сабаби такондиҳандаи шакли аслии худро иваз кардани оила мебошанд. Дар ин шароит яке аз проблемаҳои муҳимтарини илми муосир таҳлили таъсири арзишҳои иқтисоди бозорӣ ба моҳият ва мазмуни муносибатҳои никоҳӣ-оилавӣ дар шароити дигаргуншавии ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ мебошад.

Муносибатҳои бозорӣ моҳияти либерализми иқтисодӣ, муносибатҳои «хариду фурӯш»-ро ташкил медиҳанд, ки бо роҳи рақобати солим амалӣ мегарданд ва ҳадафи асосии он гирифтани фоида мебошад. Ин равандҳо ба тамоюлоти арзишии инсон таъсир мерасонанд. Онҳо аз як тараф, бешубҳа, ташаббус, фаъолият, қувваи одамонро бедор мекунанд, имкониятҳои инкишофи қобилиятҳои эҷодии шахсро васеъ мекунанд. Аз тарафи дигар, ба таъсири арзишҳои бозорӣ ба ташаккули арзишҳои шахсӣ низ диққат додан зарур аст, зеро инкишофи либерализми иқтисодӣ ва рақобат метавонад ба чунин натиҷаҳо, монанди ахлоқи духӯра, бегонагии умумӣ, ноумедии руҳӣ, неврозҳо ва ғайра оварда расонад. Метавон гуфт, ки арзишҳои шахсӣ зери таъсири арзишҳои бозорӣ тағйир ёфта, худ хусусияти арзишҳои бозориро пайдо мекунанд. На танҳо ҳаёти моддӣ, балки ҳаёти маънавии ҷамъият ва шахсӣ низ аз рӯи қонунҳои муносибатҳои бозаргонӣ ва мубодилаи иқтисодӣ сохта мешавад. Илова бар ин, оила дар баробари мушкилоти маънавӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар шароити муносибатҳои бозорӣ ихтилоли равонӣ ва ноумедии равониро аз сар мегузаронад.

Дар иртибот бо ин намояндаи афкори фалсафию равоншиносии асри XX Карен Хорни таъсири тағйироти фарҳангиро ба рушди шахсият омӯхта, ба ҳайси яке аз объектҳои таҳқиқоти худ оилаеро қарор додааст,

ки дар шароити иқтисоди бозорӣ вазифаи психотерапевтикиро иҷро намуда, ба шифо ёфтани шахсият аз неврозҳои пайдошуда мусоидат менамояд ва бо ин роҳ садди вайроншавии иҷтимоии оила мегардад. К.Хорни ҳангоми таҳқиқи ниҳоди оила ба вазифаи психоневрологии оила хамчун яке аз муҳимтарин вазифаҳо дар шароити дигаргунсозиҳои ҷомеа ва татбиқи принсипҳои идеологияи либерализми иқтисодӣ диққати махсус медиҳад[154], ки мавриди истифодаи амалӣ қарор додани он барои ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ низ аҳаммияти назаррасе дошта метавонад.

Ба ҳамин тариқ, дар бораи ҷомеаи муосир сухан ронда, раванди инкишофи либерализми иқтисодӣ ва рақобат ва таъсири амиқи онро ба шахсият дар шароити Тоҷикистон таҳлил кардан зарур аст. Муҳаққиқони соҳа душвориҳоеро, ки бо мутобиқшавии иҷтимоӣ алоқаманд аст, бо номутобиқатии меъёрҳои фарҳангӣ, ки боиси ихтилоли равонӣ мегардад, рабт додаанд. Таъкид кардан ба маврид аст, ки яке аз сабабҳои асосии неврозҳо, ин нотавон будани шахс дар ҷомеаи мушаххас бо системаи арзишҳои хос, ки бо системаи арзишҳои фард мухолиф аст, мебошад. Дар баробари ин дар назди фарҳанг, аз ҷумла, чунин принсипҳои либерализми иқтисодиро дар назар доштан ба маврид мебошад: яъне муносибатҳои бозорӣ, рақобат, воситаҳои бой гардонидани шахс аз ҷиҳати моддӣ ва гайра.

Паҳлӯи фарҳангии масъалаи мазкур барои ҷомеаи тоҷикистонӣ аз ҳама мухим арзёбӣ мегардад, зеро ноумедиҳои гуногуни равонӣ зери таъсири фишори фарҳангӣ ё номутобиқатии фарҳангӣ ба вуҷуд меоянд. Аз ҷумла, фарҳанги бозорӣ яке аз омилҳои зуҳур ва рушди неврозҳо дар ҷомеаи муосир аст, ки ба тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон, аз ҷумла ҳаёти оилавӣ дахл дорад. Оқибати ин равандҳо нигарониҳо ва хатарҳои ҳаётиест, ки бо ноустувории иқтисодӣ ва иҷтимоӣ алоқаманданд, ки дар ин замина тарсу ҳаросҳои қаблиро зиёд мекунанд ва боиси неврозҳои калонсолон

[154] Хорни, К. Невротическая личность нашего времени. Самоанализ [Текст] / К. Хорни. – М.: Айрис-гтресс, 2004. – 464 с.

мешаванд. Таъсири ин равандҳо дар ҷомеаи муосри мо низ рӯз ба рӯз афзун шуда истодаанд.

Вобаста ба масъалаи таҳқиқшаванда К. Хорни инчунин зиддиятҳои худи фарҳанг, низои системаҳои арзишҳоро сабаби асосии ноумедии равонӣ ва бегонагии равонӣ медонад. Ӯ чунин савол мегузорад: «Кадом шароит дар фарҳанги мо барои он сабаб мешавад, ки неврозҳо дар атрофи он моҷароҳои мушаххас, ки ман тавсиф намудаам, на дар атрофи дигарон ҷой гирифтаанд?»[155]. вобаста ба ин зикр мешавад, ки дар доираи як фарҳанг арзишҳо бидуни мушкилоти интихоб мувофиқа карда мешаванд. Бархӯрди арзишҳо танҳо вақте ба амал меояд, ки анъанаҳои гуногуни фарҳангӣ, масалан, муносибатҳои сотсиалистӣ ва муносибатҳои бозорӣ, ки барои ҷомеаи тоҷикистонӣ дар ибтидои асри XX хос буд, ба ҳам меоянд. Ин боиси ихтилофот дар дохили шахсият мегардад, ки пеш аз ҳама дар оила зоҳир мешавад, зеро чун қоида, ҳаёти инсон аз оила оғоз меёбад.

Мутобиқшавӣ ба шаклҳои нави фарҳангӣ як қатор мушкилоти равонӣ - неврозҳо, ноумедии руҳӣ ва ғайраро ба вуҷуд меорад, ки барои онҳое, ки аз ҷиҳати иҷтимоӣ пешравӣ мекунанд, хатар эҷод намуда, онҳоро маҷбур месозад, ки муҳити худро ба таври назаррас тағйир диҳанд, зеро дар ин ҳолат системаи арзишҳои табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ ба таври назаррас тағйир меёбад. Падидаҳои харобиоваре, ки дар натиҷаи зиддиятҳои фарҳангӣ ба вуҷуд меоянд, на танҳо дар соҳаи муносибатҳои маънавӣ, балки дар соҳаи солимии равонии шахс низ ба вуҷуд меоянд. Инро, ба ақидаи мо, воқеияти иҷтимоӣ-иқтисодии даврони гузариш дар Тоҷикистони муосир, ки ба солҳои ибтидоии соҳибистиқлолӣ рост омад, амалан собит намуд.

Як андешаи муҳимми фалсафӣ-иҷтимоии замони мо дарки дуҷонибаи табиати инсон аст: майли хушбахтӣ тавассути парвариши ғанисозии фаъоли шахсӣ ва дар айни замон имконнопазирии пурра иҷро кардани ин

---

155 Хорни, К. Невротическая личность нашего времени. Самоанализ [Текст] / К. Хорни. – М.: Айрис-гтресс, 2004. – С.287-293.

хоҳиш, аз сабаби маҳдудияти шахс, рақобати аз ҳад зиёд, мунтазам зиёд ва афзун гаштани меъёрҳои дараҷаи баланди иҷтимоӣ ва ғайра, ки ба ҷомеаи мо низ хоссанд.

Мо ба ин назарем, ки азбаски муносибати фард ба арзишҳои фарҳангӣ мувофиқат мекунад, сабаби изтиробро бояд дар фарҳанг ҷустуҷӯ кард. Дар шароити ҳукмронии муносибатҳои бозорӣ шахс аксар вақт арзишҳои олиро, ки маънои ҳаёти ӯро ташкил медиҳанд, аз даст медиҳад. Ин ба ташаккули вакууми вуҷудӣ (экзистенсиалӣ) оварда мерасонад. Дар ҷомеаи тоҷикистонӣ масъалаи холигии экзистенсиалӣ махсусан тезу тунд шудааст. Гап дар сари он аст, ки автоматикунонии иқтисодиёт, аз як тараф, афзоиши бекорӣ, зиёд шудани вақти холӣ, аз тарафи дигар, боиси аз ҷониби шумораи зиёди одамон эҳсос кардани вакууми экзистенсиалӣ бо тамоми оқибатҳои ба вуҷудомада дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ мегардад.

Ҷомеашиноси амрикоӣ Ҷералд Селенҷ таъсири арзишҳои иқтисодӣ либералиро дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико таҳлил карда, мафҳуми синдроми сарбории моликиятро пешниҳод мекунад, ки барои кишварҳои дорои иқтисоди пешрафта ва бартарияти муносибатҳои бозорӣ хос аст[156]. Вай тавзеҳ медиҳад, ки бештари мардум дар пайи сарватмандӣ дар ҳолати доимии "стресс" қарор доранд, дар зиндагии худ захираи вақт, фазои зист барои истироҳату фароғат андешаронӣ надоранд. "Онҳо нишонаҳои стрессро дар шакли шадидтарини он нишон медиҳанд."[157] Оқибатҳои ин равандҳои харобиовар метавонанд ҳам синдромҳои физиологӣ ва ҳам мушкилоти эмотсионалӣ, аз қабили депрессия, изтироб, бехобӣ, асабоният бошанд. Дар натиҷа, байни моддапарастӣ ва арзишҳои оилавӣ муносибати тезу тунд ба амал меояд, ки дар тамоми ҷомеаҳои муосир, аз ҷумла дар Тоҷикистон, рух додааст.

Синдроми истеъмолӣ, ба андешаи мо, дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ, мушкилоти оилавӣ мебошад. Тамоюли бозор асосҳои

---

[156] Селенг, Д. Ценности либерализма [Текст] / Д. Селенг. – М.: АСТ, 2001. – С.178-181.
[157] Ҳамон ҷо. – С.97.

афзалиятҳои арзишманди шахсро иваз карда, онҳоро норавшан мекунад ва онҳоро хизматгори бойшавӣ месозад. "Бозор ба маънои аслӣ ба оила душманӣ аст", мегӯяд Ҷералд Селенҷ. Бозор бояд васеъ шавад. Он бояд истеъмолкунандагони навро ҷалб кунад ва, мутаассифона, дар ин раванд он мекӯшад, ки муштариёни навро бо ҳар қимат ҷалб кунад. Оё мо кӯшиш мекунем, ки дар мусобиқаи бозор ғолиб шавем, ҳатто аз ҳисоби бозӣ кардани кӯдак ва волидони ӯ? Мо мегӯем, ки ин аз ҳад зиёд аст."[158]

Арзишҳое, ки бозор дар шакли худхоҳӣ, ташнагии доимии лаззат, эҳсоси норизоятӣ ва истеъмоли пайваста ба вуҷуд овардааст, ба арзишҳое, ки аксари волидайн мехоҳанд дар фарзандони худ таҳрик кунанд, комилан мухолифанд. Аз ин рӯ, дар ҷомеаи мо иҷрои вазифаи психотерапевтӣ аз ҷониби оила метавонад бе дастгирии иловагии давлат натиҷаи мусбат надошта бошад. Масалан, ҳангоми таҳлили таъсири харобиовари арзишҳои бозорӣ ба институти оила, В.Н. Лавриненко дар бораи хадамоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ сухан меронад, ки бояд ба он омода бошад, ки одамон эҳтиёҷоти афзояндаи на танҳо иҷтимоӣ дошта бошанд, балки барои ёрии равонӣ, ёрии муоличавӣ, ёрӣ барои дарёфтани маънии ҳаёт, ташаккули арзишҳои олӣ, экзистенсиалӣ ва амсоли он, ки одам аксар вакт бе онҳо зиндагӣ карда наметавонад. Акнун ин вазифаи логотерапевтикиро асосан психотерапевтҳо ва намояндагони калисо иҷро мекунанд. В.Н. Лавриненко вобаста ба ин қайд мекунад, ки барои иҷрои муносиби ин вазифа хадамоти махсус лозим аст, ки фаъолияти онҳо ба беҳбуди ҷаҳони маънавии шахсият нигаронида мешавад.

Дар шароити ҷомеаи мо, ки анъанаҳои кӯҳнапарастии зиёдеро нигоҳ доштааст, муносибатҳои бозорӣ ва низоми арзишҳои марбут ба онҳо набояд барои шахсият аҳамияти аввалиндараҷа дошта бошанд, яъне онҳо бояд ҳамчун арзишҳои олӣ хизмат накунанд. Арзишҳои иқтисоди бозорӣ бояд ба рушди сифатҳои шахсии инсон, аз қабили ташаббускорӣ,

[158] Селенг, Д. Ценности либерализма [Текст] / Д. Селенг. – М.: АСТ, 2001. – С.201.

эҷодкории тафаккур, ҳаракати пешравӣ ва амсоли он мусоидат кунанд, вале ҳаргиз ҳамчун арзишҳои маънавӣ эътироф карда нашаванд.

Қобили зикр аст, ки бозор дорои сохтори муайян, мантиқи дохилии рушди он аст, аммо рушди муносибатҳои бозорӣ дар ҷомеаи тоҷикистонӣ бояд бо иштироки ниҳодҳо ва сохторҳои давлатӣ сурат гирад, ки ин ба рушди арзишҳои мусбати либерализми иқтисодӣ мусоидат мекунад.

Идеологияи либерализми иқтисодӣ на танҳо ба вазифаҳои оила, балки ба моҳияти муносибатҳои оилавӣ ва ақди никоҳ, табиати онҳо низ таъсир мерасонад. Ба ин маънӣ, дар китоби «Санъати ишқ» Эрих Фромм аз «ишқи харобиовар» дар Ғарб сухан меронад, ки ба ақидаи ӯ, бо «бегона шудани одами муосир аз худ, аз одамони дигар ва аз табиат» алоқаманд аст[159]. Инҷо Э. Фромм ба муносибатҳои бозаргонӣ ишора мекунад, ки дар Ғарб барои ҳамаи муносибатҳои дигар, аз ҷумла муносибатҳои оилавӣ намуна мебошанд. Чун дар бозор диққати харидоронро пеш аз ҳама банду басти берунии дурахшони маҳсулот, мувофиқати он ба муд ва дигар хусусиятҳои истеъмолӣ ба худ ҷалб мекунад, бинобар ин, дар раванди ташкили оила, асбобу анҷоми беруна, вазъи иҷтимоӣ ва ғайра дар мадди аввал меистанд. Пас, фарз мекунем, ки дар мард мансаб, қудрат, пул ва дар зан ҷолибият, қобилияти «худ кор кардан», пешбурди хоҷагӣ ва ғ. нақши махсус доранд. Муносибати рӯякӣ ва сабукро ба муҳаббат ва оила, ба гуфтаи Э.Фромм, шумораи зиёди "филмҳои истеъмолӣ" оид ба ишқи хушбахт ва бадбахт, инчунин "сурудҳои асосӣ" дар бораи ишқ, ки истеъмолкунандаи оммавӣ аз онҳо маълумоти возеҳ мегирад, нишон медиҳанд.

Э. Фромм дар бораи як навъ ишқи «мудшуда» сухан меронад, ки дар сарчашмаи он эҳсоси ногаҳонӣ, парокандагии эҳсосотӣ, ҳаваси бениҳоят, ҷилавгирӣ аз масъулият, ҷиддии инсонӣ, хешовандии маънавӣ ва ахлоқӣ ва ҳамдигарфаҳмии шарикон мебошад. Бо вуҷуди он, ки ҳама бо «хоҳиши дилчасп ба ишқ» месӯзанд, амалан дар ҷамъияти истеъмолӣ «қариб ҳама

---

159 Фромм, Э. Искусство любить [Текст] / Э. Фромм. – М.: Азбука-классика, 2008. – 224 с.

чиз аз ишқ ва оила муҳимтар дониста мешавад: муваффақият, обрую пул, қудрат»; тамоми қувва барои расидан ба ин мақсадҳо сарф мешавад ва барои омӯхтани муҳаббат қариб ҳеҷ амале содир карда намешавад. Э. Фромм мушкилоти ҷомеаи истеъмолиро ба миён гузошта, онро сабабгори шикасти ногузири арзишҳои иҷтимоӣ, аз қабили муҳаббат, оила, волидайн медонад.

Э.Фромм дар китоби охирини худ «Доштан ё будан?» хоҳиши одамонро ба «соҳиби ишқ чун соҳиби ҳар гуна чизҳо» фош мекунад, ки ин махсусан хоси «занҳои қонунӣ» мебошад[160]. Ин ба сабаби он рух медиҳад, ки «шартномаи ақди никоҳ ба ҳар кадоми тарафҳо ҳуқуқи истисноии соҳиби бадан, ҳиссиёт ва диққати шарикро медиҳад. Акнун ҳоҷат нест, ки дигар касеро фатҳ кунед... кӯшиш кунед, то ҷаззоб шавад ва ишқ бедор созад, аз ин рӯ ҳарду якдигарро озор медиҳанд ва дар натиҷа зебоии онҳо аз байн меравад... Акнун ба ҷои дӯст доштани ҳамдигар, онҳо бо моликияти муштараки он чизе, ки доранд, қаноат мекунанд: пул, мавқеи иҷтимоӣ, хона, фарзандон. Онҳо нафаҳмидаанд, ки ишқ наметавонад "доройӣ" бошад, ҳар яке аз ҳамсарон дар дигараш сабаб меҷӯянд. Касе кӯшиш мекунад, ки ҳамсарашро иваз кунад ё дӯстдорони сершумор пайдо кунад, ба ҷои он ки "ҳадди аққал як дӯст доштанро ёд гиред". Аммо, қайд мекунад Э. Фромм, ҳамаи ин чунин маъно надорад, ки «никоҳ барои ду одаме, ки якдигарро дӯст медоранд, ҳалли беҳтарин шуда наметавонад. Тамоми мушкилӣ на дар издивоҷ, балки дар табиати соҳибмулкии ҳарду шарик ва дар ниҳояти кор тамоми ҷомеа аст.

Дар ин ҷо мо як ҳолати маъмулии таназзули арзишҳои муносибатҳои оилавиро мебинем, ки мутаассифона, на танҳо барои тамаддуни ғарбӣ, балки барои ҷомеаи мо низ хос аст. Одам ба роҳи «истеъмол» ворид шуда, фаромӯш мекунад, ки набудани муносибатҳои созандаи оилавӣ дер ё зуд боиси пошхӯрии оила ё вайрон шудани он мегардад.

[160] Фромм, Э. Иметь или быть [Текст] / Э. Фромм. – М.: Айрис-Пресс, 2004. – 384 с.

Бояд гуфт, ки дар бораи арзишҳои бозорӣ ва ҳаёти оилавӣ назари дигар низ вуҷуд дорад, ки дар он муносибатҳои бозорӣ ҳамчун шарти зарурии татбиқи озодӣ ва ташаббусҳои шахсии шахс ба ҳисоб меравconfigure ва усулҳои асосии онро донистан ва дар таҷрибаи амалӣ истифода кардани онҳо, аз дидгоҳи мо, барои ҷомеаи мо низ муҳим мебошад. Дар ин росто Фрэнсис Фукуяма дар китоби худ «Тақсимоти бузург» хусусияти эҷодии вобастагии бозорро ба оила ба таври боварибахш нишон додааст[161]. Ин бозор аз оила аст, на танҳо оила аз бозор. Ф.Фукуяма инро бо он шарҳ медиҳад, ки ҳама гуна арзишҳо танҳо дар натиҷаи фаъолияти сармояи иҷтимоӣ ба сармоя табдил меёбанд. Танҳо вақте ки дар байни одамон робитаҳои устувори иҷтимоӣ вуҷуд доранд, ҳар гуна мубодилаи арзишҳо байни одамон имконпазир мегардад. Арзишҳое, ки ба муомилот бароварда мешаванд ва дар натиҷаи муомилот афзоиш меёбанд, сармоя мебошанд, яъне арзишҳои инсонӣ - сармояи инсонӣ, моликият — сармояи молиявӣ ва саноатӣ.

Робитаҳои иҷтимоӣ, ки ба фаъолияти сармояи инсонӣ ва молиявию саноатӣ мусоидат мекунанд, моҳияти сармояи иҷтимоиро ташкил медиҳанд. Дар инҷо Ф.Фукуяма қобилияти одамро барои ба вуҷуд овардан, нигоҳ доштан ва инкишоф додани робитаҳои иҷтимоиро (сармояи иҷтимоӣ) бо таҷрибаи оилавие, ки фард дар ҷараёни ҳаёт ба даст овардааст, мепайвандад. Гузашта аз ин, чунон ки таҳқиқоти сершумори равоншиносон нишон доданд, давраи аз таваллуд то яксолагӣ дар ҳаёти кӯдак аҳамияти ҳалкунанда дорад. Кӯдаки дӯстдошта дар зиндагӣ муваффақ мегардад. Ф.Фукуяма муътақид аст, ки рушди иқтисоди бозаргонӣ танҳо дар сурати фароҳам овардани шароит барои рушди чунин кӯдак дар оила имконпазир аст.

Ф.Фукуяма равандҳои таъсири бозорро ба муносибатҳои оилавию никоҳӣ шарҳ дода, ба назарияи либерализми иқтисодӣ дахл мекунад.

[161] Фукуяма, Ф. Великий разрыв [Текст] / Ф. Фукуяма. – М.: АСТ, 1994. – 494 с.

Муҳаққиқ дар бораи кишварҳои пасошуравӣ сухан ронда, принсипҳои нақшагирии марказиро, ки дар иқтисодиёти Иттиҳоди Шуравӣ ба кор бурда мешуданд ва ба таназзули иқтисодиёти мамлакат мусоидат кардаанд, таҳлил мекунад. Дар натиҷаи ин равандҳо ва бо татбиқи ислоҳоти демократӣ дар солҳои 90-уми қарни гузашта иқтисоди Русия ва дигар кишварҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, бо сиёсати либерализми иқтисодӣ эҳё гардид. Ф.Фукуяма дар таҳқиқоти худ қайд мекунад, ки ислоҳоти демократӣ бе либерализатсияи иқтисодӣ имконнопазир аст[162]. Муҳаққиқ ба хулосае меояд, ки танҳо равандҳои озодкунии бозор, аз ҷумла рақобати бозорӣ ва озодии интихоб метавонад давлатро ба такмили сохторҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла ба рушди ниҳоди оила расонад.

Аммо, ба ақидаи мо, воқеъаҳое, ки дар марҳилаи муосири ҷомеаи инсонӣ мушоҳида карда истодаем, баръакс ва ҳатто зидди назарияи Ф. Фукуяма мебошад. Чунончи ағлаби кишварҳои ҷаҳон ва махсусан Россия ва Чин паҳншавӣ ва асосҳои идеологияи либерализмро зери шубҳа гузошта, аз пайи ташаккули роҳи хоси инкишофи худ мебошанд.

Дар баробари ин, Ф.Фукуяма ба муносибати иерархии «либерализми сиёсӣ — либерализми иқтисодӣ» ишора мекунад, ки дар он дар ҷойи аввал волоияти қонун меистад, ки ҳуқуқҳои муайяни шахс ё озодиро аз назорати давлат эътироф мекунад. Ин, қайд мекунад муҳаққиқ, манбаи асосии озодии фаъолияти иқтисодии шахс мебошад. Инҷо бояд ба эътибор гирифт, ки бозор оилаҳоро вайрон намекунад, он танҳо шарти мубодилаи арзишҳост. Аммо, маҳз бо ҳамин сабаб, рафтори одамон дар бозор метавонад дар ҳар як ҷомеа, махсусан дар шароити Тоҷикистони муосир, харобиовар бошад.

Аз тарафи дигар, Ф. Фукуяма ҷомеаҳои дорои низоми мутараққии муносибатҳои бозорӣ ва ҳамзамон, парастиши ниҳоди оиларо таҳлил

---

[162] Фукуяма, Ф. Конец истории и последний человек [Электронный ресурс] / Ф. Фукуяма. – Режим доступа: http://lib ru/POLITOLOG/FUKUYAMA/konec_istorii.txt (дата обращения: 10.11.2022).

мекунад: «Бисёр фарҳангҳо, аз Чин то Аврупои Ҷанубӣ ва Америкои Лотинӣ, хешутаборбозиро ташвиқ мекунанд, яъне урфу одат, боло гузоштани уҳдадориҳо дар назди оила ва хешовандон аз дигар намудҳои уҳдадориҳои иҷтимоӣ, ки манбаи ахлоқи дутарафа мебошад, ки дар он уҳдадориҳои ахлоқӣ нисбат ба ҳокимияти давлатӣ дар ҳама гуна намудҳояш нисбат ба хешовандон пасттар аст. Дар мавриди фарҳанге мисли Чин, ба непотизм аз ҷониби системаи бартарии ахлоқӣ, конфутсиизм мусоидат мекунад. Дар кишвари мо низ, мутаассифона, унсурҳои непотизм ба таври аёнӣ зуҳур мекунанд, ки бояд аз ҷониби оила ва дигар ниҳодҳои тарбиякунандаи шахсият пешгирӣ карда шаванд.

Ба ҳамин тариқ, дар бораи давлатҳои пасошуравӣ сухан ронда, қайд кардан зарур аст, ки дар натиҷаи ба амал баровардани ислоҳоти демократӣ принсипҳои идеологияи либерализми иқтисодӣ деформатсия карда мешаванд. Айни замон кишварҳои пасошуравӣ оқибатҳои харобиовари арзишҳои деформатсияшудаи иқтисоди либералиро аз сар мегузаронад, ки ба ҳаёти оилавӣ таъсири бад мерасонад, онро хароб мекунад ва шаклҳои ибтидоии «ҳамзамонӣ»-ро табдил медиҳад. Аммо бояд ба назар гирифт, ки муносибатҳои бозорӣ на ҳама вақт ба вайрон шудани низоми анъанавии арзишҳо мусоидат мекунанд. Арзишҳои бозорӣ метавонанд арзишҳои анъанавӣ, аз ҷумла арзишҳои оилавиро ҳифз ва нигоҳ доранд. Аз ҷумла, С. Ҳантингтон дар бораи пешравиҳои иқтисодии кишварҳои Осиёи Шарқӣ дар асри XX таваҷҷуҳи худро ба тасдиқи ҳувияти фарҳангии Ҷопон ва Чин равона месозад, ки бо татбиқи сиёсати иқтисоди бозорӣ пояҳои анъанавиро вайрон накарданд. Фарҳанги онҳо осиёӣ буд, вале ба арзишҳои беназири он такя мекард[163]. Дар байни онҳо С. Хантингтон хамчун асосӣ «... бартарии манфиатҳои гурӯҳро нисбат ба манфиатҳои алоҳида қайд мекунад, ки ба шиддати умумии гурӯҳ мусоидат карда, барои рушди босуръат зарур аст. Одоби меҳнатии ҷопониҳо ва кореягиҳо, ки аз

[163] Хантингтон, С. Столкновение цивилизаций [Текст] / С. Хантингтон. – М.: АСТ, 2003. – С.157-159.

интизом, садоқат ва меҳнатдӯстӣ иборат аст..., қувваи пешбарандаи тараққиёти иқтисодию иҷтимоии ин мамлакатхо гардид. Ин гуна ахлоқи амал кардан аз он ба вуҷуд омадааст, ки гурӯҳ ва кишвар муҳимтар аз фард аст[164].

Дар заминаи таҳлил ва ҷамъбасти андешаҳои фалсафии С. Ҳантингтон, метавонем хулоса намоем, ки арзишҳои осиёӣ низ дар баробари арзишҳои минтақаҳои дигар метавонанд барои ҳар як миллату давлат ҳамчун арзишҳои умумибашарӣ хизмат кунанд, зеро бо истифода аз онҳо кишварҳои Осиё арзишхои коллективиро нав карда имкони ҳамзистии пурсамари арзишҳои иқтисоди бозаргониро дар ҷомеаи анъанавӣ нишон доданд. Ин таҷрибаи кишварҳои мазкури осиёӣ метавонад барои ҷомеаи мусири тоҷикистонӣ низ ҳамчун намунаи ҳамкории оила ва далат дар самти иқтисодӣ хизмат кунад.

Такдири ҳар як консепсия ва идеология аз фаҳмидан, шарҳ додан ва характери татбиқи он вобаста аст. Ҳатто ғояҳои эҷодӣ, агар дуруст дарк карда шаванд, метавонанд зараровар бошанд. Дар таълифоти худ муҳаққиқи тоҷик Сафарализода Х.Қ. қайд мекунад, ки «аксар вақт ин ё он андешаи худ аз худ гирифта намешавад, муҳимтар аз он аст, ки онҳо чӣ гуна ва дар кадом замина, бо кадом мақсад тафсир ва истифода мешаванд»[165]. Ҳамин тавр муаллиф таъкид мекунад, ки ҳамон як идеяҳоро метавон ба мақсадҳои конструктивӣ ва ҳам ба мақсадҳои харобиовар истифода ва амалӣ кард. Пас, масалан, ба гуфтаи Сафарализода Х.Қ. арзишҳо, принсипҳо ва муносибатҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ғайра, ки мутафаккирони замони нав ба миён гузоштаанд ва асоси либерализмро ташкил медиҳанд, дар инкишофу пешрафти

---

[164] Хантингтон, С. Столкновение цивилизаций [Текст] / С. Хантингтон. – М.: АСТ, 2003. – С.160.

[165] Сафарализода, Х. Теоретико-методологические предпосылки формирования науки о безопасности и преспективы ее дальнейшего развития [Текст] / Х. Сафарализода // В сборнике: актуальные проблемы общественных наук в современном мире. Материалы международной научно-теоретической конференции посвященной 30-летию государственной независимости республики таджикистан и 20-летию образования факультета философии таджикского национального университета. – Душанбе, 2021. – С.113-121.

иқтисодиёт нақши халкунанда бозиданд[166]. Аммо баъзе аз ин принсипу озодиҳо дар рафти ба амал баровардани сиёсати либерализми иқтисодии баъзе мамлакатҳо аз мазмуни умумӣ бароварда, нодуруст шарҳ дода шудаанд, ки дар байни онҳо давлатҳои пасошуравиро махсус қайд кардан мумкин аст.

Дар бораи таъғйирпазирии (метаморфоза) арзишҳои либералӣ дар иқтисоди бозор дар ҷомеаи мо сухан ронда, ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки далели дигаргуниҳои куллӣ дар чанд даҳсолаи охир дар соҳаи фаъолияти маънавии мардум, бешубҳа ба пурзӯр шудани таъсири арзишҳо ва афзалиятҳои бозорӣ иртибот дорад.

Бо вуҷуди ин, дар мубоҳисаҳои илмӣ дар мавриди таъсири арзишҳои иқтисоди либералӣ ба вижагиҳои институти муосири оила ду мавқеъро ҷудо кардан лозим аст. Дар мавриди аввал иқтисодиёти либералие, ки дар асоси муносибатҳои бозорӣ бунёд ёфтааст, ҳамчун «қувваи мега»-и харобиовар дида мешавад, ки қобилияти аз худ кардани ҳаёти оилавиро дошта, оқибатҳои гуногуни харобиовар, аз ҷумла аломатҳои физиологии маънавӣ ва ахлоқӣ дорад (Иёлоти Муттаҳидаи Америка).

Мавқеи баръакс, ки Ф. Фукуяма баён кардааст ва дар боло таҳли карда шуд, ба таҷрибаи баъзе ҷомеаҳо (Япония, Хитой) асос ёфтааст, ки дар он ҷо иқтисодиёти бозаргонӣ хеле тараққӣ карда, воситаи бой гардондани оила гаштааст ва ба мавҷудияти он таҳдид намекунад. Баръакс, оилаи солим иқтисодиёти либералиро ғизо дода, субъекти он мегардад. Ин андеша дар Тоҷкистони муосир аҳаммияти бештаре аз пештар пайдо мекунад.

Ҳамин тариқ, дар ҷомеаҳои муосири пасошуравӣ ислоҳоти либералӣ, аз ҷумла дигаргуниҳои бозорӣ гузаронида мешаванд ва дар марҳилаи

---

[166] Сафарализода, Х. Теоретико-методологические предпосылки формирования науки о безопасности и преспективы ее дальнейшего развития [Текст] / Х. Сафарализода // В сборнике: актуальные проблемы общественных наук в современном мире. Материалы международной научно-теоретической конференции посвященной 30-летию государственной независимости республики таджикистан и 20-летию образования факультета философии таджикского национального университета. – Душанбе, 2021. – С.113-121.

татбиқ қарор доранд. Бо вуҷуди ин, мо метавонем дар бораи ҷомеаи тоҷикистонӣ дар даврони муосир, сухан ронем, ки дар он фаҳмиши норавшани арзишҳои либералӣ, номувофиқии ин фаҳмишҳо боиси муносибати ғаразнок ба арзишҳои либерализми иқтисодӣ мегардад.

Аз ин рӯ, ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ дар марҳилаи мутобиқшавӣ ба принсипҳо ва арзишҳои иқтисодӣ бозорӣ қарор дорад. Аммо, мутаассифона, на ҳама қишрҳои ҷомеаи тоҷикистонӣ ин арзишҳоро қабул доранд. Дар зери таъсири ин принсипҳо тамоми муносибатхои чамъиятӣ дигаргун мешаванд, ки ин ба соҳаи оила ва никоҳ пурра таъсир мерасонад. Оилаи тоҷикистонӣ, ки субъектҳои муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва барандаи арзишҳои миллӣ мебошад, дар инкишофи ҷомеаи мо нақши назаррас дорад.

Аз ҷониби дигар, ин раванди инкишофи арзишҳои либералӣ ба ташаккули системаи нави арзишҳои иҷтимоӣ, ки ба меъёрҳои ахлоқӣ асос ёфтаанд, таъсири ногувор расониданд. Дар байни онҳо инҳоро ҷудо кардан ҷоиз аст: эҳтиром ба шахсият, эътирофи ҳуқуқи моликият, татбиқи худамалӣ ва худшиносӣ, ҳуқуқ ба амнияти иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ. Ин боиси дуализми таъсири идеологияи либерализми иқтисодӣ ба моҳияти муносибатҳои оилавӣ мегардад, ки аз як тараф, дар дигаргунсозии арзишҳои иҷтимоии ҷомеа ва тағйири нақши оила дар чамъият бошад, ки ин боиси пайдо шудани шаклҳои нави ташкили муносибатҳои оилавию никоҳ мегардад.

Масъалаи муҳим дар ин самт бо он рабт дорад, ки чӣ тавр арзишҳои ҷомеаи бозорӣ ба ниҳоди оила таъсир мерасонад. Ё ин ки, чӣ тавр таъғйирпазириҳои солҳои охир ба таври мусбат ё манфӣ ба ташаккули ниҳоди оилаи ҷомеаи тоҷикистонӣ таъсир расонидааст. Вобаста ба ин масъала ба таҳқиқоти сотсиологӣ рӯ меорем, ки дар ҷомеаи тоҷикистонӣ байни қишри ҷавонон гузаронида шуда, таъсири омилҳои иқтисодиро ба тафаккури онҳо нишон медиҳад.

Аз ҷумла, натиҷаи таҳқиқот нишон дод, ки 29,2% мусоҳибон истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои интернетиро аз ҷониби ҳамсар қобили қабул намедонанд. Аз шумораи умумӣ 24,2% мусоҳибон истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои интернетиро талаби замон ҳисобида, ақида доранд, ки бояд онҳо аз тарафи ҷавонон дар доираи меъёр ва мақсаднок (10,1%) ва дар мавриди зарурат (9,2%) истифода бурда шавад. Баъзе аз мусоҳибон истифодаи шабакаҳо ва сомонаҳои иҷтимоиро барои ҷавонон хатарнок меҳисобанд. Ба ақидаи онҳо чунин шабакаҳо ҷавононро ба роҳи бад мебаранд (8,6%). Дар маҷмуъ 3,8% мусоҳибон истифода шудани шабакаҳо ва сомонаҳои иҷтимоиро аз тарафи занони шавҳардор ва умуман занҳо (2,6%) ҷоиз намешуморанд (нигаред ба расми 1)[167].

Ин таҳлилҳо собит намуданд, ки чӣ қадар оила камбизоат ва анъанавӣ бошад, ҳамон қадар мардон дар истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои интернетӣ аз ҷониби занон монеагузорӣ мекунанд. Оилаҳои замонавӣ (аз ҷумла, аксарияти истиқоматкунандагони шаҳрҳо) ва таҳсилоти олидор ба занон дар истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои интернетӣ монеагузории зиёд намекунанд ва ҳатто як қисмашон истифодаи онро хуш мепазиранд.

[167] Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Омӯзиши масъалаҳои ҷудошавӣ (вайроншавӣ)-и оилаҳои ҷавон ва роҳҳои пешгирии он дар Тоҷикистон (ҳисоботи таҳлилӣ оид ба натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологӣ). – Душанбе, 2018. – С.12-26.

**Расми 1. Нигоҳи Шумо нисбат ба истифодаи сомонаҳои иҷтимоӣ (Facebook, viber, Одноклассн. ва ғ.) аз ҷониби ҳамсар/шавҳари Шумо чӣ гуна аст?**




Афкори иштирокчиёни таҳқиқот инчунин шаҳодат медиҳад, ки мардҳо дар истифодаи шабакаҳо ва сомонаҳои иҷтимоӣ нисбатан озоданд, аммо ин ҳуқуқи занонро, махсусан, духтарону занони хонашин ва деҳотро, маҳдуд менамоянд. Ҳарчанд ҷавонон нисбати дигарон пешрафтаанд, аммо то ҳол тафаккури патриархалӣ дар мафкураи онҳо боқӣ мондааст. Албатта, дар ин ҷо таъсири тарбияи оилавӣ, дин ва муҳити иқтисодӣ-иҷтимоӣ дида мешавад.

Сабабҳои воқеии кӯшиши маҳдуд сохтани истифодаи интернет ва шабакаҳои иҷтимоиро барои занон чунин тасниф намудан мумкин аст:

- тарси васеъ шудани ҷаҳонбинии занон ва аз итоати мардон баромадани онҳо. Мардон аз он дар ҳаросанд, ки шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои интернетӣ қолабҳои анъанавии муносибати байни зану мард, махсусан байни зану шавҳарро, мешикананд;
- тафаккури анъанавӣ ва рашки мардон;
- таъсири муҳити иҷтимоӣ ва дин;

- камбизоатӣ ва паст будани маданияти оилавӣ;
- зиёд шудани ҳодисаҳои хиёнати занон ва ҷудошавии ҳамсарон, ки бо сабаби паст будани маданияти истифодаи интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба миён меоянд ва монанди инҳо.

Дигар хулосаи таҳқиқот ин аст, ки торафт андешаи қолабӣ оид ба он, ки ҷойи зан хона аст, моҳияти худро гум карда истодааст. Масалан, аксарияти мусоҳибон (71,2%) бар ин андешаанд, ки агар зан имконият дошта бошад, бояд кор кунад, ба фаъолияти иқтисодӣ машғул шавад. Фақат 25,8% мусоҳибон ҷойи занро хона меҳисобанд, 3,0% онҳо ба ҷавоб додан мушкилӣ мекашидаанд (ниг. ба расми 2).

**Расми 2. Нигоҳи Шумо оид ба машғул будани зан ба меҳнат (кори берун аз хона) чӣ гуна аст? (n=1177, %)**




Назарсанҷӣ нишон медиҳад, ки аксарияти мусоҳибон (79,6%) шавҳарро бо сабабҳои иқтисодӣ (“ноновари хона”) сарвари оила меҳисобанд, ки ин анъанаи ҳамзистии тоҷикон аст. Аммо баъзе мусоҳибон занро сарвари оила (2,2%) ва ё баробарии марду занро (16,2%) дидан мехоҳанд. Дар шароити имрӯза, ки иддае аз ҷавонон бо сабабҳои иқтисодӣ дар муҳоҷирати меҳнатӣ дар хориҷи кишвар қарор доранд, сарварии оила муваққатан (1,9%) ба занҳо вогузор карда шудааст (ниг. ба расми 3).

**Расми 3. Кӣ бояд сарвари оила бошад? (n=1203, %)**




Дар бораи таъсири муносибатҳои нави иқтисодӣ ба моҳият ва сохтори муносибатҳои оилавӣ ва арзишҳои иҷтимоӣ дар Тоҷикистони муосир сухан ронда, бояд ба эътибор гирифт, ки тағйироти дар иқтисодиёт бавуқуъпайваста аз як ҷониб сабабгори тағйироти сохтору вазифаҳои оила гашта бошанд, аз ҷониби дигар худи оила ба ҳаёти иқтисодию иҷтимоии аъзои оила таъсир мерасонад. Дар мисоли оилаҳои минтақаҳои шимолии Тоҷикистон муҳаққиқи тоҷик Ш.Ю. Акрамов дар масъала ба чунин хулоса расидааст: "Мушкилоти ҷиддии иқтисодӣ, ки имрӯз мамлакат аз сар мегузаронад, мавҷудияти модели оиларо, ки дар он танҳо шавҳар ба фаъолияти меҳнатӣ машғул аст, камсамар гардонида, зарурати фаъолияти меҳнатии занро берун аз оила ба вуҷуд меорад[168]". Ба ибораи дигар, модели имрӯзаи оила дар Тоҷикистон дигар ба мавҷудияти қолаби кӯҳнашудае, ки тибқи он танҳо мард "нонавари хона", таъминкунандаи оила аз ҷиҳати иқтисодӣ мебошад, роҳ намедиҳад.

Аз ҷониби дигар, ба ақидаи Ш.Ю. Акрамов, шавҳар нақши худро ҳамчун тақсимкунандаи ягонаи маблағҳои оилавӣ бо сабаби рушди мустақилияти иқтисодии зан ва фарзандони калонсоли оила тадриҷан аз

[168] Акрамов, Ш.Ю. Социально-экономические и культурно-исторические детерминаты развития брачно-семейных отношений в Таджикистане (на примере Северного Таджикистана) [Текст]: автореф. дисс... канд. социо. наук / Акрамов Шариф Юлдашевич. – М., 1996. – С.17.

даст додааст. Дар ҳақиқат ҳам, ба андешаи мо, ин тағйироти вазифаҳо дар оила на танҳо дар мисоли оилаҳои минтақаҳои шимолии Тоҷикистони муосир, балки дар кулли кишвар ба мушоҳида мерасад.

Хулоса, таҳлили таъсири арзишҳои иқтисоди бозорӣ ба моҳият ва мазмуни муносибатҳои никоҳӣ-оилавӣ дар шароити дигаргуншавии ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ, нишон медиҳад, ки дар чунин вазъ вазифаи психоневрологии оила боло рафта, арзишҳои иқтисоди либералӣ дар ҳаёти оилавӣ ҳамчун шарти зарурии татбиқи озодӣ ва ташаббусҳои шахс дар ин доира зиёд мегарданд. Аз ҷониби дигар, ҷомеаҳои дорои низоми мутараққии муносибатҳои бозорӣ, ҳамзамон, парастиши ниҳоди оиларо ба вуҷуд меоранд. Пешравиҳои иқтисодии кишварҳои Осиёи Шарқӣ дар асри XX, ки арзишхои коллективиро нав карда, имкони ҳамзистии пурсамари арзишҳои иқтисоди бозаргониро дар ҷомеаи анъанавӣ нишон доданд, метавонад барои ҷомеаи мусири тоҷикистонӣ низ ҳамчун намунаи ҳамкории оила ва давлат дар самти иқтисодӣ хизмат кунанд. Таҳқиқоти сотсиологӣ гувоҳи онанд, ки таъсири омилҳои иқтисодӣ ба тафаккури аъзои оила хеле баланд арзёбӣ мегардад. Дар баробари ин, модели имрӯзаи оила дар Тоҷикистон дигар ба мавҷудияти қолаби кӯҳнашудае, ки тибқи он танҳо мард таъминкунандаи оила аз ҷиҳати иқтисодӣ мебошад, роҳ надода, шавҳар нақши худро ҳамчун тақсимкунандаи ягонаи маблағҳои оилавӣ бо сабаби рушди мустақилияти иқтисодии зан ва фарзандони калонсоли оила тадриҷан аз даст дода истодааст. Бо ҳамин сабабҳо арзишҳои нави иҷтимоӣ ва оилавӣ шаклҳои ҳозиразамони ташкили оила ва никоҳро дар ҷомеаи тоҷикистонӣ ба вуҷуд оварданд, ки моҳияти онҳоро дар фасли минбаъдаи рисола равшан месозем.

## 2.3. Арзишҳои нави иҷтимоӣ, оилавӣ ва шаклҳои ҳозиразамони ташкили оила ва никоҳ дар ҷомеаи тоҷикистонӣ

Дигаргуниҳои иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодӣ дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ, ки дар натиҷаи равандҳои таҳаввулот ба амал омадаанд, ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъият, аз ҷумла ба ниҳоди оила ҳам таъсир расонданд. Дар айни замон институти чандинасраи оила дар ҳолати аз асосҳои анъанавӣ ба навсозӣ гузаштан мебошад: шаклҳои пештараи оила номуташаккил мешаванд; роҳ додан ба  имконоти навсозии оила ва издивоҷ зарур мешавад.

Ин вазъ саволҳоеро ба миён меорад: Оё равандҳои дар оила ба амал омадаро табиӣ ва саривақтӣ, мунтазам ё ба таври сунъӣ синтез кардан мумкин аст? Оё меъёрҳои шаклҳои нави ташкили оила вуҷуд доранд? Оё дар бораи типологияи шаклхои имконпазири ташкили муносибатхои оилавӣ ва никоҳ сухан рондан мумкин аст? Бисёре аз мутафаккирон ва файласуфони ватанӣ кӯшиш кардаанд, ки ба ин ва дигар саволҳо ҷавоб диҳанд.

Дар мубоҳисаҳои илмии ҳозира демографҳо, сотсиологҳо, файласуфҳо ва антропологҳо бо масъалаҳое машғул мешаванд, ки бо пешгӯии шаклҳои ояндаи оила алоқамандананд. Бо вуҷуди ин, мавқеи муайян, умумиэътирофшуда ва аз нигоҳи илмӣ асоснокшудаи ташкили муносибатҳои оилавӣ ва никоҳ, ки ба талаботи ҷомеа, давлат ва шахсияти муосир ҷавобгӯ бошад, манфиатхои шахсиро ифода намояд, вуҷуд надорад. Бо вуҷуди ин, мо боварӣ дорем, ки баррасӣ ва таҳлили ҳамаҷонибаи шаклҳои мавҷудаи ташкили оила шарти зарурии ҳалли масъалаҳои таъхирнопазири ҳаёти муосири оилаи тоҷикистонӣ мебошад.

Барои дарки равандҳое, ки дар муносибатҳои оилавии муосир ба амал меоянд, моҳияти онҳо, ба назари мо, зарур аст, ки хусусиятҳо ва меъёрҳои умумии оилаи муосирро нишон дода, ба омилҳои дохилӣ ва беруние, ки ба

ҳаёти оилавӣ дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ таъсир мерасонанд, таваҷҷуҳ зоҳир намоем.

Оила дорои хусусиятҳои хос, сохтор ва иерархияи муайян мебошад, ки танҳо хоси ин ниҳод аст: бисёрсатҳа; сохтори мураккаб; ба ҳам пайвастани протсессҳои ба ҳам вобаста дар оила; зиддиятҳое, ки бо устуворӣ алоқаманданд; асосҳои он ва коркарди онҳо; рушд ва ғайра. Ин имкон медиҳад, ки дар бораи оила ҳамчун объекти мураккаби таҳқиқот, ки аз унсуру протсессҳои бисёр иборат аст, сухан ронем. Аммо аз нуқтаи назари муносибати систематикӣ оиларо ҳамчун як системаи мураккаби дорои мақсади муайян, якпорчагӣ, ки ба он ду қонун хос аст, яъне қонуни гомеостаз ва қонуни инкишоф, дидан мумкин аст. Таҳлили муносибатҳои оилавӣ ва никоҳ ҳамчун система имкон медиҳад, ки оиларо чунин ҳисоб кунем: якпорчагии омма; унсурҳои маҷмуи муносибатҳо ва робитаҳои байни онҳо, муайян кардани шакл ва муносибатҳои равандҳои дохили оила. Дар муайян кардани методологияи тадқиқоти худ дар мисоли ҷомеаи тоҷикистонии муосир мо ба асари Т.Парсонс такя кардем[169].

Ҳамин тариқ, вақте ки мо оиларо аз нуқтаи назари муносибати систематикӣ меомӯзем, мо метавонем меъёрҳои зерини оиларо ҳамчун система ҷудо кунем, ки ба оилаи муосири тоҷикистонӣ низ хоссанд:

1.1 Шакли ташкили система. Бо ин мо навъи созмонро дар назар дорем: оилае, ки территория ва сарҳадҳои хусусии худро дорад. Инчунин хусусияти муҳими ташкили оила мавҷудияти анъанаҳо, урфу одатҳои хос ва меъёру принсипҳо мебошад.

1.2 Унсурҳои система. Фаъолияти ҳаётии оила дар асоси маҷмуи унсурҳое сурат мегирад, ки якпорчагии муайянро ташкил медиҳанд. Унсурҳои оила ҳамчун система гуфта мо ҳамаи аъзоёнро дар назар дорем, ки бевосита дар ҳаёти оилавӣ иштирок мекунад. Оила, мисли ҳама гуна система, аз унсурҳое иборат аст, ки хусусияти асосии онҳо иерархия ё

[169] Парсонс, Т. О структуре социального действия [Текст] / Т. Парсонс. – М.: Академический проект, 2002. – 880 с.

тобеият, инчунин мавҷудияти сарҳадҳое мебошад, ки муносибатҳои дохили оила ва муносибатҳои оилавиро бо ҷаҳони беруна тавсиф мекунанд. Оила метавонад аз ду ё зиёда аъзо, инчунин якчанд насл иборат бошад. Ин сабаби мавҷудияти зинанизоми мураккаби муносибатҳои дохили оила ва наслҳост.

1.3. Намудҳои муносибатҳо дар дохили система. Ҳар оила бо намуди муайяни муносибатҳои байни аъзоёни он тавсиф карда мешавад. Ин метавонад вобастагии байни аъзоён, оилаҳо, муносибатҳои онҳо ва таъсири мутақобила бошад. Намудҳои муносибатҳоро бо баробарҳуқуқии ҳамаи аъзоёни оила ё бартарияти як ё ду иштирокчии муносибатҳои оилавӣ тавсиф кардан мумкин аст. Муносибатҳо метавонанд дар асоси эҳтиром, ҳокимият ё итоаткорӣ бунёд карда шаванд. Онҳо тартибу идоракуниро дар оила муайян намуда, мустақилияти оиларо ҳамчун низом таъмин мекунанд.

1.4 Навъи пайвандҳои беруна ё ҳамкории байнисистемавӣ. Ба оила муносибатҳои на танҳо дар дохили он, балки бо муҳити атроф низ хос аст. Оила, дар навбати худ, як унсури муҳими мавҷудияти ҷомеа ва давлат мебошад. Ба системаҳо метавонанд дохил шаванд: ташкилотҳои хусусӣ, фондҳои давлатӣ ва албатта, муассисаҳои давлатӣ, ки фаъолияташон ба нигоҳ доштани ҳаёти оила ва ҳам гуна кор бо оила нигаронида шудааст. Оила метавонад дар робита бо ҷомеа ҳам низоми кушода ва ҳам пӯшида бошад.

1.5 Хусусияти равандҳои дохилисистемавӣ. Инҳо муносибатҳои махсуси пурмазмун дар система мебошанд. Ин меъёр барои оила муҳимтарин аст, зеро он имкон медиҳад, ки мундариҷаи система муайян карда шавад, ки як системаро аз дигараш фарқ мекунад, хосиятҳои онро ошкор менамояд. Хусусияти оила ҳамчун шакли ташкили ҷамъият муносибати махсуси маънавӣ мебошад, ки танҳо барои ҳаёти шахсии оила хос аст. Оила «микрокосмоси хусусии» фард мебошад, ки бо наздикии

эҳсосот аъзои он хос аст. Ин хусусиятҳо маънавият томият ва мукаммалии муносибатҳои оилавиро таъмин мекунанд. Маҳз дар оила ҳадафи ниҳоии ҳама равандҳо тарбияи маънавии шахс, ба даст овардани ядрои ахлоқии инфиродӣ, инкишофи ахлоқии шахсият мебошад. Оила доираи маънавии инсонро ташаккул медиҳад, хислатҳои неки ӯро инкишоф дода, инсонро ба олами фарҳанг шинос мекунад.

1.6 Диалектикаи худташаккулдиҳӣ ва инкишоф дар система. Оила ҳамчун як система ба ду қонун итоат мекунад. Мисли ҳама гуна низом оила пойдорӣ талош мекунад, ин хоҳиш дар нигоҳ доштани мақоми оила ҳамчун ниҳоди асосии ташаккул ва тарбияи маънавии шахсият ифода меёбад. Аз тарафи дигар, оила инкишоф меёбад ва саъй мекунад, ки давраи муайяни ҳаётро тай кунад, дар зери таъсири шароити тағйирёбандаи беруна маҷбур мешавад, ки тағйир ёбад. Дар давраи дигаргунсозихои иҷтимоӣ оила низ мисли ҳама гуна низом барои нигоҳ доштан ва барқарор намудани якпорчагии худ кӯшиш мекунад, бинобар ин, дар раванди мутобиқат ба тартиботи тағйирёфтаи ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, аз як тараф, инертсияи оила, махсусан. нисбат ба ҳифзи арзишҳои иҷтимоӣ мушоҳида мешавад, аз тарафи дигар, шаклҳои нави муносибатҳои оилавию никоҳ ба вуҷуд меоянд, ки ба динамикаи иҷтимоӣ умуман мувофиқанд.

Бо ёрии меъёрҳои оилавӣ, ки ба даст оварда шудаанд, мо кӯшиш мекунем, ки шаклҳои асосии муносибатҳои оилавӣ ва издивоҷро дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ равшан созем. Чуноки маълум аст, қариб ду ҳазор моделу шаклҳои оилавӣ мавҷуданд. Як гурӯҳи ин моделҳо дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ низ мушоҳида мешаванд. Гузашта аз ин, як шакли оила метавонад ҳамчун зинапоя барои модели навбатии муносибатҳои оилавӣ ва издивоҷ бошад. Баъзеи онҳо дорои хусусиятҳои якхела ва хусусиятҳои умумӣ мебошанд, бинобар ин, ин типология хеле худсарона аст. Аз ин рӯ, танҳо он шаклҳоеро, ки ба назари мо, дар ҷомеаи

муосири тоҷикистонӣ имконпазиранд ва ба таҳлили оила ҳамчун система дар ҷомеаи мо асос ёфтаанд, баррасӣ мекунем:

- оилаи анъанавӣ: шакли маъмултарин буда, чун қоида сардори оила барои қабули қарору қоида, аз ҷумла бақайдгирӣ, чӣ гуна якҷоя зистан дар хонаводаи умумӣ ва бо буҷети ягона масъул аст. Яъне, шакли оилае, ки дар он шояд тарзи ҳаёти патриархалӣ вуҷуд надошта бошад, аммо дар баробари ин он анъанаҳоро эҳтиром мекунад. Баръакси оилаи патриархалӣ, оилаи анъанавӣ метавонад аз як ё ду волидайн ё танҳо ҳамсарон иборат бошад. Оилаи анъанавӣ ба эътимод, муҳаббати мутақобила[170], қобилияти мутобиқшавӣ ва тақсими баробари масъулият асос ёфтааст. Яке аз вижагиҳои ин навъи оила нигоҳ доштани арзишҳо бо мақсади нигоҳ доштани онҳо барои наслҳои оянда мебошад. Ин ба раванди инерсияи оилавӣ, ки намунаи рушди оила мебошад, мусоидат мекунад.

Ин модели анъанавӣ шакли умумиэътирофшудаи ташкили оила дар дар ҷомеаи муосири тоҷкистонӣ мебошад. Аҳамият додан зарур аст, ки ин эътироф имрӯз бештар аз воқеият эълом шудааст. Инро бо набудани талабот ё ба буҳрон гирифтор шудани ҷомеаи мо ва низоми арзишҳои анъанавӣ ва паҳншавии арзишҳои утилитарӣ, дар шароити рушди шаклҳои нави муносибатҳои иҷтимоӣ ва динамикаи иҷтимоӣ шарҳ додан мумкин аст.

- идривоҷи озмоишӣ: аз мавҷуд набудани бақайдгирии анъанавӣ ва аз муносибатҳои оддии ба муҳаббат бунёдёфта бо мавҷудияти фазои умумӣ ва хонаводаи муштарак фарқ мекунад. Одатан, шарикон нақша доранд, ки бо ҳаёти ҳаррӯза "эҳсосоти худро санҷанд" ё онҳо боварӣ доранд, ки давлатро, ки онро мақомоти расмӣ намояндагӣ мекунанд, ба ҳаёти шахсии худ ворид намудан зарур нест. Бо вуҷуди ин, ҳар никоҳи мурофиавӣ ин мурофиаи шаҳрвандӣ аст, вале ҳар никоҳи шаҳрвандиро судӣ номидан

---

[170] Қосимова, М. Танзими оила [Матн]: дастур барои табибон ва кормандони соҳаи иҷтимоӣ / М. Қосимова. – Душанбе, 1998. – С.65.

мумкин нест. Пайдо шудани издивоҷи озмоишӣ дар ҷомеа пеш аз ҳама бо хусусиятҳои иҷтимоию фарҳангии давраи наврасӣ ва ҷавонии барвақт алоқаманд аст. Ҷомеаи иттилоотӣ бо фарқияти афзояндаи байни камолоти иҷтимоӣ-фарҳангии ҷавон дар соҳаи «истеъмол», инчунин дар муносибатҳои иҷтимоӣ ва ҷинсӣ, аз як тараф ва камолоти иқтисодӣ, аз ҷониби дигар тавсиф мешавад. Давраи тулонии таҳсил ва таъхир дар оғози касбу кори касбӣ ҷавононро водор мекунад, ки издивоҷи озмоиширо авлотар донанд ва масъулияти пурраи оила ва тарбияи фарзандонро ба таъхир гузоранд. Издивоҷи озмоишӣ дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ мушоҳида нашудааст, чунки ин шакли издивоҷ сохтори гетерогении иҷтимоӣ дорад, ки бо номуайянии иҷтимоӣ ва ноустуворӣ тавсиф мешавад.

Бо вуҷуди ин, муносибати ҷомеа ба издивоҷи озмоишӣ умуман маълум нест; зеро он имкони пешгирӣ ва пешгирии талоқро дар натиҷаи издивоҷҳои ба қадри кофӣ баррасӣ нагардида мебинад. Дар ҳоли ҳозир издивоҷҳои озмоишӣ дар байни ҷавонони кишварҳои ғарбӣ хеле маъмуланд ва аз ин рӯ тамоюли эътирофи онҳо ҳамчун як ниҳоди иҷтимоӣ вуҷуд дорад;

- никоҳи мавсимӣ (оила дар доираи вақт): ба муҳлати муайян баста шуда, пас аз он ба таври худкор қатъшуда ҳисобида мешавад. Ҳамсарон бори дигар ҳама ҷиҳатҳои мусбат ва манфии зиндагии якҷояро таҳлил мекунанд ва интихоб мекунанд: идомаи муносибатҳои оилавӣ ва издивоҷ ё танаффуси ниҳоӣ. Мавҷудияти ин шакли издивоҷ ба ноустувории муносибатҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа, инчунин ҷустуҷӯ ва муайян кардани мақоми иҷтимоӣ ва нақши иҷтимоии худ дар ҷомеа вобаста аст. Издивоҷи мавсимиро метавон ҳамчун як имкони озмоиши ҳаёти оилавӣ дар шароити тағйирёбии доимии на танҳо ҷомеа, балки вазъи иҷтимоии шахсият баррасӣ кард. Тарафдорони ин шакли издивоҷ ақаллият ҳастанд, зеро ин модели оилавӣ дар ҷаҳон нисбатан ба наздикӣ пайдо шудааст;

- оилаи ҷамъиятӣ: оилае, ки дар он якчанд мард ва якчанд зан зиндагӣ мекунанд. Онҳоро на танҳо ва на он қадар муносибатҳои ҷинсӣ, балки бо муносибатҳои умумии хонаводагӣ ва дӯстона пайваст мекунанд. Агар дар ин гуна оилахо кӯдакон пайдо шаванд, онҳоро чун қоида, ҳамаи аъзоёни «коммуна» тарбия мекунанд. Ин шакли оила варианти муболиғашуда ё «ифротӣ»-и рушди ду шакли қаблии муносибатҳои оилавӣ мебошад, ки бинобар рушди падидаи «худшиносии оммавӣ» ва пайдо кардани варианти худии муносибатҳои идеалии оилавӣ дар доираи ҷомеаи таъғйирёбанда ба миён омадааст;

- оилаи кушод: оилаи анъанавӣ, ки дар он ҳамсарон ба маҳфилҳо ва муносибатҳои маҳрамона бо шарикони дигар иҷозат медиҳанд. Имкониятҳои зиёде барои издивоҷи кушод вуҷуд доранд. Аз ҳама шакли маъмули он свингинг аст, ки дар он меъёр ҳузури ду ё зиёда шарики ҷинсӣ дар байни ҳамсарон аст ва муносибатҳои муваққатии наздики берун аз никоҳ василаи таҳкими муносибатҳои зану шавҳар аст. Ин модели оилавӣ дар кишварҳои ғарбӣ ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба далели надоштани масъулият, вазифа, зарурати риояи пояҳои ахлоқии издивоҷ, якзанӣ ва ғайра дар он маъмул аст. Пайдоиши оилаи кушод дар ҷомеаи муосир на он қадар натиҷаи дигаргуниҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, балки таъсири амиқи арзишҳои нави иҷтимоӣ аст, ки дар баробари ислоҳоти либералӣ дар ин ҷомеаҳо ба вуҷуд омадаанд. Ин модели муносибатҳои оилавию никоҳиро таҳқиқ намуда, метавон дар бораи норавшании соҳаи хусусии оила ва аз даст додани вазифаи асосии он – тарбияи маънавии шахсият сухан ронем;

- никоҳи меҳмонӣ ё ғайриҳудудӣ: оилае, ки дар он зану шавҳар сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ доранд, аммо ҳамсарон алоҳида зиндагӣ мекунанд. Роҳи асосии нигоҳ доштани муносибатҳо вохӯриҳои мунтазам бо иқоматгоҳи муваққатии ҳамдигар мебошад. Баръакси оилаи анъанавӣ, издивоҷи меҳмонӣ хонаводаи умумиро дар назар надорад. Мушкилоти аслӣ дар ин шакли издивоҷ раванди тарбияи фарзандон аст. Аҳаммият

додан зарур аст, ки издивоҷи меҳмонӣ дар табиати муносибатҳои бозорӣ буда, дар он на эҳсос, балки роҳати ҳамсарон дар мадди аввал меистад. Ин модели муносибатҳои оилавӣ ва ақди никоҳ бештар дар ҷомеаҳои дорои иқтисоди бозаргонии мутараққӣ, ки арзишҳои либерализми иқтисодӣ ба таври таҳриф тафсир карда мешаванд ва дарку тафсири онҳо аз маънои аслии худ дуранд, талабгор дорад. Дар ҷомеаи муосир издивоҷи меҳмонӣ аз сабаби мураккабии омезиши худшиносии шахсии ҳаёти инфиродӣ ва оилавӣ маъмул мегардад.

Барои амиқтар омӯхтани тағйирот дар мундариҷаи муносибатҳои оилавӣ мо ба таҳқиқоти муосир муроҷиат мекунем, ки дар онҳо кӯшиш ба харҷ рафтааст, ки ба чунин саволҳо ҷавоб ҷӯянд: Дар оилаи муосир чӣ рӯй медиҳад? Оё ин равандҳо мунтазаманд? Оқибатҳои ин равандҳо чӣ гунаанд?

Дар даҳсолаҳои охир дар ҷомеаи тоҷикистонӣ шумораи таҳқиқоте, ки ба мушкилоти оилавӣ бахшида шудаанд, хеле зиёд шуданд, гарчанде ки дар таҳияи ин мушкилот ва омӯзиши онҳо муҳаққиқони ватанӣ аз ҳамтоёни хориҷии худ хеле ақиб мондаанд.

Чӣ тавре муҳаққиқи тоҷик Ш. Шоисматуллоев қайд менамояд, «Дар ҷомеаи анъанавӣ, вақте ки мақоми иҷтимоии фард бо меъёрҳои тааллуқияти вай ба ҷомеа, ба табақа муайян мешуд, вақте насли ҷавон ба ҳаёти ҷамъиятӣ тавассути оилаи волидон ворид мешуд, пешрафти иҷтимоӣ бо суръати паст пеш мерафт ва талабот ба худмуайянкунӣ муҳим набуд. Аммо рушди ҷомеаи муосири саноатӣ шароити объективии фаъолияти ҳаётии одамонро ба куллӣ тағйир медиҳад, талабот ба худмуайянкунӣ нисбат ба гурӯҳҳо ва умумиятҳои гуногунро ташаккул медиҳад. Ин аз як тараф, ба насли ҷавон имкон медиҳад, ки таҷрибаи иҷтимоиро, ки аз

таҷрибаи волидон хеле фарқ мекунад, аз худ кунад ва сониян, худи раванди худмуайянкуниро мушкил месозад»[171].

Таҳқиқи фаъолияти ниҳоди оила ҳам барои фаҳмиши хусусиятҳои ин гурӯҳи иҷтимоӣ ва ҳам барои пешбинии дурнамои рушди ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ аҳамияти илмӣ дорад. Аз ин рӯ, таҳқиқоти мазкур дар ҷомеаи муосири дигаргуншаванда, ки бисёр тағйироти зиддиятнокро дар шаклгирӣ ва мутобиқшавии ҷавонон ба вуҷуд меоварад, муҳим аст. Фаъолияти ин ниҳод дар чунин шароит ҷанбаи зиддиятнок дорад, ки сабабаш ҳам махсусияти худи ниҳоди оила ҳамчун гурӯҳи хоси иҷтимоӣ ва ҳам хусусияти рушди ҷомеаи муосири тағйирёбанда мебошад.

Дар таҳқиқоти Насурова Б. назарияи «парадигмаи дахолат» таҳия шудааст, ки равандҳои тағйирёбии оила ва дубора истеҳсол кардани арзишҳои оилавиро таҳлил мекунад[172]. Муаллифи назария мутмаин аст, ки оила «дар остонаи буҳрони нав қарор гирифт», бо «мушкилоти нав» рӯбарӯ шуд ва аз сабаби «номувофиқӣ ва номутаносибӣ ва оилавӣ» қобилияти иҷрои бисёр вазифаҳои ҳаётан муҳими инсон ва ҷомеаро аз даст дод»[173].

Ба ибораи дигар, «буҳрони нави оилавӣ» аз он иборат аст, ки мушкилоти оилавӣ инкишоф наёфтааст ва ба тағйироти табиии ҳаёти ҷомеа дар ҷараёни навсозии сохтори иқтисодӣ ва иҷтимоии он (индустриализатсия, урбанизатсия, секуляризатсия) мувофиқат намекунад (шуурнокӣ, озод кардани занону бачагон ва ғайра).

Ба назари мо, дар шароити Тоҷикистони муосир ба озодии интихоби афзалиятҳои занон диққати махсус додан лозим аст. Ин аз омилҳое, ки сабаби буҳрони хонаводаи муосир шудааст, вобаста аст, зеро занон

---

[171] Шоисматуллоев, Ш. Таджикистан в зеркале преемственности и смены поколений [Текст] / Ш. Шоисматуллоев. – Душанбе: Ирфон, 2008. – С.46.

[172] Насурова, Б.А. Социальные проблемы формирования молодежи в трансформирующемся таджикистанском обществе: социально-философский анализ [Текст]: дисс... канд. филос. наук / Насурова Бехру Асадуллоевна. – Душанбе, 2012. – С.87.

[173] Ҳамон ҷо.

хоҳиши табиии фарзанддор шуданро доранд, аммо дар шароити тағйироти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ин хоҳишро ниёзҳои касбӣ иваз мекунанд.

Дар байни дигаргуниҳои хосе, ки дар оилаи муосир дар Тоҷикистон рух додаанд, инҳоро махсусан таъкид кардан зарур аст:

- то 3-4 нафар кам гаштани шумораи миёнаи аъзоёни оила;

- тағйир ёфтани ҳайати оила, яъне тақсимоти оммавии чунин оилаҳо, ҳамчун зану шавҳаре, ки фарзанддор ё бефарзанд, оилаи нопурра (як волидайни фарзанддор), зану шавҳари фарзанддор ё бефарзанд (бо волидайни зану шавҳар ё хешовандон);

- тағйирот дар издивоҷи шарикон, ки бо афзоиши шумораи ақди никоҳҳои сабтнашуда, сатҳи баланди талоқ, вазифаи ҷуброни никоҳи дубора асосан дар ҳолати талоқ, на бевазанӣ тавсиф мешавад;

- тағйирот дар занон, пештар ба итмом расидани вазифаи таваллуд бо камшавии умумии шумораи таваллуд;

- тақсимот, парокандагии оилаҳои мавҷуда, ки бар хилофи анъанаҳои маъмули аврупоӣ тамоюлхо дар ҷомеаи мо танҳо дар даҳсолаҳои охир қувват гирифта истодаанд ва тафовут дар он аст, ки фарзандон, падару модарон, бобою бибиҳо, агар вазъи молиявии онҳо имкон диҳад, аз ҳамдигар ҷудо зиндагӣ карданро афзалтар медонанд. Дар ин росто, буҳрони оила, ба гуфтаи муҳаққиқи рус В.И. Добренков, принсипи асосии ҳамаи равандҳои манфӣ, ки дар соҳаи муносибатҳои оилавй ва никоҳ ба амал меоянд, мебошад. Муҳаққиқ озодиҳои гуногунро дар оила яке аз сабабҳои асосии афзоиши чандинкаратаи талоқҳо дар ҷомеаи имрӯза арзёбӣ мекунад[174]. Бояд қайд кард, ки В.И. Добренков озодиро хусусияти арзишии оилаи муосир намешуморад, балки ба вай характери харобиовари маданияти муосирро медиҳад.

Муҳаққиқи дигари рус И. Гундаров, яке аз хусусиятҳои асосии муносибатҳои муосири оилавиро нохушиҳои маънавӣ меномад, ки аз

[174] Добреньков, В.И., Кравченко, А.И. Фундаментальная социология [Текст]: в 15 т. / В.И. Добреньков, А.И. Кравченко. – М.: ИНФРА-М, 2006. – Т.10. – 1094 с.

ҷумла дар натиҷаи набудани масъулияти муносиб барои равандҳои ахлоқӣ ва эҳсосӣ дар ниҳоди оила ба вуҷуд омадааст[175]. Ӯ қайд мекунад, ки дар натиҷаи вайроншавӣ низоми кӯҳнаи арзишҳо пойдевори оилаи анъанавиро вайрон карда, мавҷудияти шаклҳои нави муносибатҳои оилавӣ ва ақди никоҳро номумкин мегардонад. Сababи асосии набудани заминаи маънавии оила аст, ки бе он ягон шакли муносибатро ба маънои томаш «оила» ҳисоб кардан мумкин нест.

Ҳамин тариқ, оилаи муосирро костагии маънавиёт, пастравии ахлоқӣ ва сарфи назар кардани арзишҳои суннатии оилавӣ думболагирӣ мекунад, ки дар натиҷаи ин оила ба буҳрони амиқ дучор омада истодааст. Дар баробари ин зарур аст, ки мафҳуми «маънавият»-ро на ба маънои динӣ, балки маънои сирф дунявӣ бахшем. Ба фикри мо, маънавиёт фаъолияти шуур аст, ки барои дарёфти маънии зиндагӣ ва мавқеъи худ дар он, муайян кардани меъёрҳои некиву бадӣ барои баҳодиҳии ҳодисаҳо, одамон ва роҳнамоии амал равона шудааст. Ин амал дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ бо сабаби паҳншавии таассубу хурофоти динӣ, аз ҷумла дар маърифати оиладорӣ, аҳаммияти махсусро касб мекунад.

Бояд гуфт, ки ба аз байн рафтани арзишҳои суннатии оилавӣ таваҷҷуҳ намуда, имкони пайдоиш ва ташаккули арзишҳои нави оилавиро, ки ҷомеаи муосир талабгоранд, ба назар гирифтан зарур аст. Дар ин самт муҳаққиқи рус Н.Х.Орлова инчунин равандҳои дар оила ба амал омадаро зуҳуроти буҳрони бебозгашт мешуморад, ки боиси патологияхои иҷтимоӣ мегардад[176]. Муҳаққиқи мазкур қайд менамояд, ки аз байн рафтани тарзи ҳаёти оилавӣ ва ба ҷойи он паҳн шудани яккапарастиву нарсисистигарӣ боиси «таърихан вайрон шудани оила» гардид. Н.Х. Орлова чунин

[175] Гундаров, И.А. Почему вымирают русские? [Электроннй ресурс] / И.А. Гундаров. – Режим доступа: URL: http://ethnocid.netda.ru/books/pvr/pvr6.htm (дата обращения: 19.10.2022)
[176] Орлова, Н.Х. Семья как объект социально-философского исследования: эволюция семейных отношений на рубеже XX-XXI столетий [Текст]: автореф. дисс... канд. филос. наук / Орлова Надежда Хаджимерзановна. – М., 2000. – 25 с.

хислатхои характерноки «псевдо-оила»-и муосирро қайд мекунад[177], ки дар ҷомеаи мо низ ба мушоҳида мерасад:

- набудани робитаи ҳақиқӣ байни волидон ва фарзандон;
- набудани анъанаҳои оилавӣ;
- набудани муттасилии идеологӣ;
- таъкид ба беҳамтоии шахсият;
- баланд бардоштани ҳуқуқи занон дар оила (аз ҷумла, ҳуқуқи интихоби шавҳар);
- иҷро накардани вазифаҳои асосии оила;
- нигаронида шудани тамоюли арзишмандии аъзои оила ба комёбиҳои шахсӣ;
- ихтилофи арзишҳои шахсият ва ҷомеа.

Мо дар таҳқиқоти худ ба таъсири манфии ҳуқуқ ва озодиҳои демократӣ, ки арзишҳои оилаи анъанавиро вайрон мекунанд, дахл намуда, қайд мекунем, ки озодии ҳақиқӣ, ки дар доираи масъулият амалӣ мегардад, наметавонад таъсири харобиовар дошта бошад. Ба ақидаи мо, дар оилаи муосири тоҷикистонӣ никоҳи дунявӣ дар омехтагӣ бо никоҳи асоси динидошта таҷриба мешавад. Ҳатто дар мавридҳои муайян ба никоҳи динӣ афзалият дода мешавад. Қайд кардан зарур аст, ки ҳокимияти волидайнро масъулияти инфиродии фарзандон барои интихоби ҳамсар ва умуман рафтори пеш аз издивоҷ иваз кардааст. Насли наврас, чун қоида, таҷрибаи пиронсолонро на инкор мекунад ва на қабул менамояд. Дар шуури ҷавонон ақидаҳо дар бораи фарҳанги муносибатҳои оилавй ва вазифаҳои оилавӣ тағйиир меёбанд. Инкишофи анъана дар оилаи муосир, чунон ки дар боло қайд кардем, дар зери таъсири дигаргунсозихои иқтисодӣ, ки мавқеъҳои чамъиятии занонро мустахкам мекунанд, ба амал меояд.

[177] Орлова, Н.Х. Семья как объект социально-философского исследования: эволюция семейных отношений на рубеже XX-XXI столетий [Текст]: автореф. дисс... канд. филос. наук / Орлова Надежда Хаджимерзановна. – М., 2000. – 25 с.

Ҳамин тариқ, дар ҷомеаи тоҷикистонӣ табдили арзишҳои оилавӣ ба амал омадааст, ки дар он арзишҳои утилитарӣ-прагматикӣ ба зинаҳои болоии иерархияи арзишҳо оварда мерасонанд ва ташаккули самтҳои нави арзишӣ дар заминаи афзалиятҳои бозор сурат мегирад.

Чунон ки муҳаққиқи рус Л.В. Карсева қайд кардааст, фарорасии буҳрони оилавӣ, пеш аз ҳама, буҳрони арзишҳои иҷтимоӣ буда, дар шароити нави иҷтимоию иқтисодӣ дар майлу хоҳиш ва ҳавасмандии занону мардон тағйиротро ба амал овард[178]. Дар чунин вазъ масъалаи аввалиндараҷа ба миён меояд - масъалаи интихоби чизи аз ҳама арзишманд: болоравӣ дар мансаб, некӯаҳволии моддӣ, озодии номаҳдуди муносибатҳои байниҷинсӣ ва байнишахсӣ ё идомаи анъанаҳои қадимии кишвари худ, эҷоди некӯаҳволии қавӣ ва оилаи солим.

Ба ақидаи муҳаққиқи тоҷик Х. Хушқадамова яке аз хусусиятҳои хоси оилаи муосир ба танҳоӣ табдил ёфтани фардият мебошад. Эҳсоси танҳоӣ дар оила, ба қавли Х. Хушқадамова, буҳрони фарҳангро ба миён овард, ки он бешубҳа ба вазъияти маънавии шахс ва ҷомеа ба андозаи зиёд таъсири манфӣ расонид. «Мафҳуми «буҳрони фарҳанг» вазъиятеро мефаҳмонад, ки дар натиҷаи дигаргуниҳои шадид дар соҳаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба миён омада, бо заиф ва харобшавии сохтору ниҳодҳои маънавии собиқ, низоми арзишҳо, бо гум шудани ҳисси мардум алоқаманд аст. Ҳамчунин субот, боварӣ ва табъи рузафзуни парешонию тарс зери равандҳои пуртазодди иҷтимоӣ дар ҷомеа инкишоф меёбад»[179]. Чунон ки муҳаққиқи мазкур қайд менамояд, шахсе, ки дар ин ҳолат қарор дорад, дар дарки дурусти воқеияти табиӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии атрофаш душвориҳоро бештар аз сар мегузаронад. Суст шудани робитаи дохилиоилавӣ, гум шудани самтгирии арзишӣ мушоҳида мешавад, ки аксар вақт боиси пошхӯрии оила мегардад.

[178] Карсева, Л.В. Семья в условиях трансформации российского общества: теоретическая модель и эмпирическая реальность [Текст]: автореф. дисс... канд. филос. наук / Карцева Лидия Валерьевна. – М., 2001. – 30 с.
[179] Хушкадамова, Х.О. Социальный статус женщины в современном таджикистанском обществе [Текст]: дисс... д-ра. социо. наук / Хушкадамова Халимахон Отамбековна. – М., 2013. – С.76.

Ба ақидаи мо, дар раванди ҷаҳонишавӣ, ки қисмати нимкураи ғарбии ҷаҳон аллакай шаҳди онро дар муқоиса бо қисмати шарқии нимкураи замин бештар ва барвақтар чашидааст, масъалаи арзишҳои миллӣ то андозае коҳиш ёфтааст ва дар баъзе давлатҳои алоҳида як қисми ин арзишҳо умуман аз байн рафтааст. Алалхусус, арзишҳои оилавӣ, ки асоси пойдорӣ ва ба наслҳои оянда ба мерос гузоштани арзишҳои миллӣ аз он сарчашма мегирад, бениҳоят коста шудааст. Дар чунин вазъият ва шароит нигоҳ доштани арзишҳои миллӣ хеле душвор мебошад. Бо вуҷуди ин посу гиромӣ доштан ва ба наслҳои оянда ба мерос гузоштан қарзи инсонӣ ва миллии мо дар назди аҷдодону гузаштагон ва наслҳои оянда ба ҳисоб меравад. Сарчашмаи асосии нигаҳдорандаи арзишҳои миллӣ ин оила ва давлат ба ҳисоб меравaнд. Аз ин рӯ, ҳам оила ва ҳам давлат вазифадоранд, ки ин арзишҳои миллиро ҳифз намоянд.

Бояд қайд кард, ки равандҳо ва падидаҳои шабеҳ на танҳо дар ҷомеаи тоҷикистонӣ, балки дар дигар кишварҳои ҷаҳон низ ба назар мерасанд, ки аз кишвари мо бо сохтори инкишофёфтаи ҷамъиятии худ, устувории муносибатҳои иҷтимоӣ ва системаи пешрафтаи арзишҳои либералӣ ва рушди муносибатҳои бозорӣ фарқ мекунанд. Инро дар натиҷаи таҳқиқоти сотсиологӣ, ки дар давоми даҳ сол гузаронида шудааст, дидан мумкин аст.

Дар ҷараёни таҳқиқот марҳила ба марҳила муайян кардани тағйирот дар арзишҳои иҷтимоии ҷомеаи мо ва омӯзиши табиати ин дигаргуниҳо амалӣ карда шудааст. Тибқи мавҷи охирини таҳқиқот, ки дар солҳои охир гузаронида шудааст, дар Тоҷикистон, бар хилофи дигар кишварҳои минтақа, арзишҳои аҳолӣ бо аҳаммияти баланди арзишҳои моддӣ ё арзишҳои зиндамонӣ тавсиф мешаванд. Арзишҳои анъанавии оилавӣ ҷои худро ба арзишҳои дунявӣ-ақлӣ медиҳанд, ки натиҷаи мутобиқшавии шахс ба шароити тағйирёбандаи беруна мебошад.

Аз мавқеъҳои муқобил оиларо бо дигаргуниҳои амиқи дигаргунии фарҳангӣ ва табдили институти оиларо тавассути нигоҳи фазои фарҳангӣ

таҳлил намуда, муҳаққиқи тоҷик Х. Раҳимзода қайд мекунад, ки фарҳанги муосир бо равандҳои зерини ҳамзамон хос аст: аз як тараф, дар миқёси умумии таърихӣ ҳаракати прогрессивӣ аз табъҳо ба меъёрҳои ахлоқии эҷодӣ, ки онҳоро иваз мекунанд, вуҷуд дорад, аз тарафи дигар, меъёри ахлоқие, ки ба таври умум қабул шудааast, тадриҷан ба «автоматизми оддии ахлоқӣ», ба расмиёти одат табдил меёбад. Шуури ахлоқӣ аз масъалаҳои баҳсноталаб озод шуда, онҳоро ба дараҷаи қолабҳои шахшудаи зеҳн ва интуитивию эҳсосии рафтор мегузаронад. Ин равандҳо, ба қавли Х. Раҳимзода, аз як тараф, ба пайдо шудан ва ҳифзи донишҳои иҷтимоӣ мусоидат кунанд, аз тарафи дигар, имкон медиҳанд, ки идеяҳои наве, ки ба вазъияти мавҷуда бештар мувофиқанд, пайдо шаванд.

Пас, аз таҳлил ва омӯзиши масъала, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки тамоми равандҳои навоварӣ дар ҷомеаи имрӯзаи мо, аз ҷумла соҳаи муносибатҳои оилавию никоҳ мунтазам ва ба таври мураттаб дар ҳолати инкишоф мебошанд. Оид ба ин масъала муҳаққиқи тоҷик А.И. Субҳонов пешниҳод мекунад, ки равандҳое, ки бо оила ба амал меоянд, таҳаввулотӣ ҳисоб карда шаванд. Дар ин маврид хулқу хислатхои нави ба даст овардаи оила табиӣ буда, ҳалли дигар масъалаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба талаботи воқеъии замон мувофиқ аст. Барномаҳои давлатии рушди оила дар ин маврид дар Тоҷкистон бояд бо дарназардошти шакли таърихии ҳодисаҳои рухдода сохта шаванд ва баислоҳи инҳирофҳои иҷтимоӣ, ки ногузир равандҳои таҳавулотиро ҳамроҳӣ мекунанд, равона карда шаванд[180].

Бо боварӣ қайд кардан мумкин аст, ки оилаҳо ба тамоюлхои «миёнамуҳлат ва кутоҳмуддат»-и тараққиёти ҷамъият, бинобар буҳрони худи онҳо таъсири калон мерасонанд. Дар байни онхо нохушиҳои сиёсӣ, миллӣ, ҳуқуқӣ ва ғайраро номбар кардан месазад, ки боиси пайдоиши

[180] Субҳонов, А.И. Тенденции брачности и разводимости населения в переходный период: на материалах Республики Таджикистан [Текст]: дисс... канд. экон. наук / Субхонов, Акбарджон Идрисович. – Душанбе, 2010. – С.140.; Джураева, А.Г. Современные тенденции брачности и рождаемости населения: на материалах Республики Таджикистан [Текст]: дисс... канд. экон. наук / Джураева Дилафруз Гафурджановна. – Душанбе, 2012. – С.120.

зуҳуротҳои манфии равонӣ мегарданд. Ба ин духӯрагиҳо, чунонки зикр кардем, дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ норавшании дастурҳои идеологиро илова кардан лозим аст, ки идеалҳои кӯҳна аз байн мераванду идеалҳои нав ҳанӯз ба вуҷуд наомадаанд.

Дар баробари ин, ёдовар шудан лозим аст, ки ҳангоме ки дар ҷомеа ва давлат дигаргуниҳои харобиовар ба амал меоянд, оила ба таъсири гуногуни нооромкунанда дучор мешавад. Аз ин сабаб, бисёр оилаҳо майл доранд, ки худро аз муассисаҳои иҷтимоӣ, дигар гурӯҳҳои оилавӣ ва одамони дигар ҷудо кунанд. Қабул надоштани ҳамаи он, ки аз олами оилаи худ берун аст, истифодаи захира ва боигарии худро танҳо барои ниёзҳои оилаи худ, бепарвоёна дахолат накардан ба тақдири дигарон дар ниҳояти кор оиларо аз давлат дур мекунад. Воқеан, бо боварӣ метавон иброз кард, ки бидуни ташаккули системаи мукаммали солими оилавӣ озод шудани ҷомеа ва давлат аз буҳрон, махсусан дар шароити Тоҷкистон, ниҳоят мушкил аст.

Дар байни хусусиятҳои хоси оилаи муосири тоҷикистонӣ, ки дар ҷамъият ба оила ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ баргашти муайян ба амал омадааст, якчанд сабабҳо мавҷуданд, аз ҷумла:

- шароити сахти зиндагӣ дар раванди буҳрони ҷомеаи муосир;

- аз тарафи давлат бекор кардани васояту парастории дар боло зикргардида;

— либерализатсияи шаклҳои моликият ва соҳибкорӣ.

Илова бар ин, дар шароити суст шудани таъсири иҷтимоию психологии ҷомеаи муосир, маҳдудиятҳои ташаккули ҳамфикрии дохилӣ-гурӯҳӣ дар оила тарбияи шахсият дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Дар ниҳояти кор, ҳам дар гуруҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ ва ҳам дар тамоми сатҳи ҷомеа дараҷаи пасти ягонагии одамон мушоҳида мешавад. Таърихи рушди тамаддун нишон медиҳад, ки парокандагӣ дар ҷомеа, набудани ғояи инсонпарваронаи муттаҳидкунандаи миллӣ, такя

накардан ба арзишҳои ахлоқии умумибашарӣ дар системаи тарбияи шахсият боиси рафтори ғайриҷамъиятӣ, майзадагӣ, афзоиши навъҳои адовати гуногун ва дар ниҳояти кор, аз даст додани давлатдорӣ мегардад.

Лозим ба ёдоварист, ки дар марҳилаи муосири инкишофи муносибатҳои иҷтимоӣ дар Тоҷикистон ниҳоди оила ва никоҳ яке аз шаклҳои асосӣ ва муҳимми ташкили ҷомеа мегардад. Дар ин марҳала арзиши оила дар ташаккули зиндагии солим ва тавлиду такрористеҳсолкунии насли наврас мебошад. Аммо дар раванди инкишофи тамаддун, фарҳанг ва иқтисодиёт дар даврони муосир аксари вазифаҳои оила, ки арзиши онро ташкил медоданд, ба ҳолати вайроншавӣ мувоҷеҳ шуда истодаанд.

Аҳаммияти дигаргуниҳое, ки мо дар ниҳоди оила мушоҳида мекунем, дар он аст, ки ба душвориҳои ин самт пайдошуда сари вақт ҷавоб гардонида тавонем. Ин масъала моро ба фикре водор мекунад, ки мувофиқи он фаҳмиши номувофиқатии назарияи костагардии ниҳоди оила воқеан ҷой дорад, зеро «ҷомеаи мо дар татбиқи вазифаҳои репродуктивӣ ва иҷтимоигардонии он ҳанӯз ҷои муносиби онро наёфтааст»[181]. Ҳамин тавр, ба хулосае расидан мумкин аст, ки арзишҳои бунёдии оилаи муосири тоҷикистонӣ дар ҳолати таҷдиди назар қарор доранд.

Файласуфи рус С Н. Гавров дар асараш бо номи «Тағйироти таърихӣ дар ниҳодҳои оила ва никоҳ»[182] намунаи анъанавии оила ва ҷомеаро таҳлилу баррасӣ намуда, дар намунаи пешниҳодшудаи оила таносубу робитаи мутақобилаи ҷамъиятию фардӣ ва алоқамандии онро бо институти оила нишон додааст. Аммо, ба андешаи файласуф, ин намуна тадриҷан ба намунаи «ҷомеа — фард ва оилаи нопурра» мубаддал мешавад, ки дар он оила дар ду шакл тасвир мешавад: 1) ниҳоди иҷтимоӣ;

---

[181] Махмудова, Ф.Х. Религиозно - философкие аспекты формирования культуры семьи в учениях таджикских мыслителей [Текст]: автореф. дисс... канд. филос. наук / Махмудова Фотима Ходжиевна. – Душанбе, 2020. – С.13.

[182] Гавров, С.Н. Историческое изменение институтов семьи и брака [Текст] / С.Н. Гавров. – М.: МГУДТ, 2009. – 134 с.

2) гурӯҳи хурди иҷтимоӣ. Дар чунин вазъ ба фард пароканда шудани оила ба амал меояд, яъне ба ҳам омехташавии истилоҳи оилавӣ ва фардӣ сурат мегирад.

Раванди коста шудани нақши миёнаравии оила байни ҷомеа ва шахс, дар ҷомеаи тоҷикистонии муосир бо тамоюлоти аз мадди назар дур мондани масъалаҳои асосию рӯзмарраи ниҳоди оилаи муосир вобаста аст. Дар ин мавриди дар бораи фардият сухан ронда, мо, пеш аз ҳама, озодии интихобро дар назар дорем. Дар баробари ин, мавриди қайд аст, ки истилоҳи озодӣ ба маънои мусбат ба кор бурда мешавад, бо вуҷуди он, ки озодии номаҳдуд ба яке аз сабабхои асосии пайдоиши оилаҳои танҳо дар ҷомеаи муосир табдил ёфтааст.

Дар асоси таҳлили ақидаҳои болозикр, ба хулосае омадан мумкин аст, ки озодии бемаҳдуде, ки ба муносибатҳои оилавию никоҳ дода шуданд, назорати ҷидиро аз болои оила сарфи назар карда, боиси пайдоиши шаклҳои нави рафторҳои демографӣ ва иҷтимоӣ гардиданд. Ин раванд сабабгори тағйир ёфтани мавқеи мардон, занон ва кӯдакон дар ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ гардид. Аз ин рӯ, оилаи муосир талаботҳои хоси худро дорад, ки яке аз ин талаботҳо доштани дараҷаи баланди озодӣ мебошад.

Муҳаққиқи соҳа Д. Белл масъалаҳои оилаи муосирро ба таври махсус баррасӣ ва таҳлил намуда, нисбати ҳаллу фасли онҳо муносибат ва равиши махсусро интихоб кардааст[183]. Дар асоси таҳқиқоти сершумори рафтори репродуктивӣ, ки дар аксари кишварҳои ҷаҳон гузаронида шудаанд, маълумотҳое ба даст оварда шудаанд, ки ба мо имкон медиҳанд, то бовар намоем, ки маҳз омилҳои фарҳанги муосир, боиси паст шудани арзишҳои оилаи анъанавӣ гаштаанд.

Дар ин росто бояд зикр намуд, ки шаклҳои такрористеҳсоли аҳолӣ ё марҳилаҳои таъғйирёбии демографии ҷомеаи ҷаҳонӣ ба тарзи истеҳсолот дар ҷомеа комилан вобастаанд. Д. Белл инро чунин шарҳ медиҳад, ки дар

[183] Белл, Д. Грядущее постиндустриальное общество [Текст] / Д. Белл. – М., 1999. – С.243.

ҷомеаи аграрӣ кӯдакон «як воҳиди меҳнатӣ» буданд. Бинобар ин, ободии оила аз шумораи фарзандон вобаста буд. Дар ҷомеаи индустриалӣ бошад, чунон ки ин муҳаққиқ қайд мекунад, оила ҳамчун воҳиди истеҳсолӣ шинохта намешавад, аз ин ҷо фарзандон дигар на барои идомаи зиндагӣ, балки барои идомаи насл ва қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти эмотсионалии волидайн заруранд. Аз ин рӯ, шумораи дилхоҳи кӯдакон дар асри саноатикунонӣ ба ҳар оила 1-3 нафарро ташкил медиҳад ва ин рақам тадриҷан кам мешавад. Ин вазъро дар Тоҷикистони муосир низ мушоҳида кардан мумкин аст.

Аз касе пӯшида нест, ки бо рушди тамаддун, оилаҳои оммавии камфарзанд торафт бештар паҳн мешаванд. Ин равандҳоро пеш аз ҳама бо он шарҳ додан мумкин аст, ки тамоми тарзи ҳаёти инсон дар ҷаҳони муосир бо фаъолиятҳои берун аз оила алоқаманд буда, ба қонеъ гардонидани талаботи инфиродӣ равона шудаанд, ки дар аксари маврид бар зарари манфиатҳои оила аст. Ҳамин тавр, ба хулоса омадан мумкин аст, ки асосан дар кишварҳои Ғарб нақши оила дар ҳаёти шахс тадриҷан паст мешавад, ки ба минтақаҳои дигари олам, аз ҷумла ба Тоҷкистон низ, таъсири худро мерасонад.

Муҳаққиқи тоҷик Н.З. Бобохонова масъалаҳои оиларо дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ таҳқиқ карда, ба хулосае меояд, ки сабаби дар оила ба вуҷуд омадани баробарҳуқуқии зану шавҳар ин дигаргунсозиҳои демократӣ мебошад[184]. Бинобар ин, қайд мекунад Н.З. Бобохонова, ин боиси тағйир ёфтани мавқеи занон дар ҷомеа гашта, ба оила таъсири худро расонид. Ҳамчунин ин равандҳо ба тағйирёбии хусусияти муносибатҳои оилавӣ низ бе таъсир намонд: «Дар оила барҳам хӯрдани ҳукмронии мардон ва мутаносибан никоҳи патриархалӣ ва оилаи патриархалӣ ба амал омад... далели он, ки муносибатҳои оилавию никоҳ дар ҷомеаи имрӯзаи

[184] Бобохонова, Н.З. Эволюция социальных функций образования в Республике Таджикистан в период независимости [Текст]: дисс... канд. социо. наук / Бобохонова Нилуфар Зиёратшоевна. – Душанбе, 2022. – С.22.

сармоядорӣ дигаргуниҳои калонро аз сар мегузаронанд, аз тарафи ҳамаи сотсиологҳои Ғарб бе ҳеҷ як истисно эътироф карда мешавад»[185].

Аммо дар баҳо додан ба ин ҳодисаҳо аз азнавсозӣ ва инкишофи прогрессивии оила сар карда, то аз нав ташкил кардан, вайрон шудан, ақиб мондани он тафовути калон дида мешавад. Муҳаққиқи тоҷик Н.С. Шоев ин масъаларо аз ҷанбаи дигар таҳлил карда, ба хулосае меояд, ки барои таҳлили объективии масъалаҳои оилавӣ маҷмуи равандҳои гуногунро, ки дар оилаи муосири тоҷикистонӣ ба амал меоянд, баррасӣ кардан лозим аст. Пеш аз ҳама, ба ақидаи Н.С. Шоев, марги кӯҳна ва ба вуҷуд омадани шакли нави никоҳ ва оилаи индивидуалӣ зуҳуроти нави замони мо мебошад. Ин шакли нави ақди никоҳ ба издивоҷи протоэгалитарии ҷомеаи ибтидоӣ шабоҳат дорад. Н.С. Шоев ба хулосае меояд, ки на танҳо тағйири шакли муносибатҳои никоҳ ва оилавӣ, балки раванди тағйироти глобалии муносибатҳои ҷинсҳо дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ба амал омада истодааст[186].

Таҳлилҳои болоӣ нишон медиҳанд, ки издивоҷ ягона танзимкунандаи муносибатҳои гендериро қатъ мекунад, аммо муносибатҳои пеш аз никоҳ ва берун аз никоҳ низ дар ҷомеаи муосири мо васеъ паҳн мешаванд. Ин гуна муносибатҳои оилавию никоҳӣ ба сохти ҷамъияти ибтидоӣ хеле шабоҳат доранд. Аз ҷониби дигар, мавҷудияти шаклҳои гуногуни муносибатҳои оилавӣ ва ақди никоҳ ба равандҳои табдилдиҳӣ вобаста аст. Пайдоиши онҳо метавонад бо ташаккули дархостҳои нави мушаххас дар оила алоқаманд бошад, ки дар байни онҳо муҳимтаринҳо инҳоянд: озодӣ ва ифшо накардан, масъулияти шахсӣ, наздикӣ ва дахолатнопазирии муносибатҳо, дахолат накардани давлат ба соҳаи хусусии ҳаёт, фардияти аъзоёни оилаҳо ва амсоли он.

[185] Бобохонова, Н.З. Эволюция социальных функций образования в Республике Таджикистан в период независимости [Текст]: дисс... канд. социо. наук / Бобохонова Нилуфар Зиёратшоевна. – Душанбе, 2022. – С.51.

[186] Шоев, Н.С. Масъалаи маргиналият ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон [Матн]: дисс... номз. илм. сотс. / Шоев Неъматҷон Султонович. – Душанбе, 2022. – С.39.

Дар баробари ин, татбиқи афзалиятҳои мушаххас дар ҳудуди оила аксар вақт бо падидаҳои харобиовар, аз қабили талоқ, вайроншавии муносибатҳои оилавӣ, бархӯрди арзишҳо, изтироби рӯҳонӣ, рафтори девонавӣ, канорагирӣ, канда шудани робитаҳои байни фарзандон ва волидон ва набудани системаи ягонаи арзишҳои оилавӣ ҳамроҳ мешавад.

Мо чунин мешуморем, ки оиларо метавон ҳамчун як низоми мураккаби бисёрзинагӣ баррасӣ кард, ки дар доираи он мавҷудияти ин падидаҳо ва пайдоиши шаклҳои нави муносибатҳои оилавӣ ва издивоҷ тасдиқи буҳрони институти оила дар ҷомеаи мо нест. Баръакс, ин як навъ марҳилаи гузариши таҳаввули оила мебошад, киба қонунияти инкишофи оила ҳамчун система вобаста аст. Моил шудан ба шакли анъанавии муносибатҳои оилавию никоҳ ва хоҳиши оиларо барои нигоҳ доштани мақоми анъанавии худ бо қонуни гомеостаз шарҳ додан мумкин аст. Дар чунин вазъ шакли анъанавии оила ва никоҳ тадриҷан бо дигар моделҳои ҳаёти оилавӣ иваз карда мешавад. Онро шаклҳои нав, ташкили муносибатҳои оилавию никоҳ, ки ба талаботи ҷомеаи тағйирёбанда мувофиқанд, иваз мекунанд. Аммо, дар ҷомеаи мо чунин шаклҳои муносибатҳои оилавиро муайян кардан лозим аст, ки барои ба даст овардани истиқлолияти ҳарду ҷинс, бидуни вайронкунӣ ва фишор ва нигоҳ доштани шахсият муносиб бошанд.

Тағйирёбии сохтори иҷтимоӣ ва арзишҳои фарҳангӣ боиси тағйири вазифаҳои ташаккул ва ҳифзи арзишҳои оилавӣ гардид, зеро маҳз дар оила арзишҳои иҷтимоӣ хусусияти оилавӣ пайдо мекунанд. Раванди табдили арзишҳои анъанавии оилавӣ, ба андешаи мо, яке аз марҳилаҳои давраи модернизатсияи тамаддуни муосир мебошад, зеро ҳама гуна арзишҳо на худ ба худ, балки дар раванди рушди таърихӣ ташаккул меёбанд ва натиҷаи офаридан, рад кардан, нигоҳдорӣ ё тағйир додани онҳо аз ҷониби одамон аст. Бинобар ин, айни замон дар оила дар ҷомеаи муосири

тоҷикистонӣ он арзишҳои иҷтимоӣ ташаккул меёбанд, ки талабот доранд ва бо манфиатҳои ҷомеа мувофиқанд.

Масъалаи муҳими дигаре, ки дар таҳқиқоти мо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, ин масъалаи сабабҳои вайроншавии оилаҳои ҷавон ва оқибатҳои иҷтимоии он мебошад. Маълум аст, ки солҳои охир ҳолати ҷудошавии оилаҳои ҷавон дар ҷомеаи тоҷикистонӣ зиёд шуда, зимни пурсишҳои сотсиологӣ омилҳои асосии ҷудошавии оилаҳои ҷавон маълум карда шудаанд.

Пош хӯрдани оилаҳои ҷавон имрӯз ҷомеаи тоҷикистониро ба ташвиш овардааст. Ба ақидаи мутахассисон зарари маънавию равоние, ки баъд аз ҷудошавии оила аъзоёни он аз сар мегузаронанд, ба аз даст додани шахси наздик баробар аст. Шахсони ҷудошуда худро ҳамчун одамони нодаркор ҳис карда, вазъи моддии кӯдакон низ хеле бад мешавад, зеро дар баъзе мавридҳо падар бо онҳо робитаро канда, кӯдакон дар нигоҳубини модар мемонанд[187].

Мақсади асосии гузаронидани тадқиқоти зикршуда муайян намудани сабабҳои ҷудошавии ҳамсарони ҷавон аст ва бо дар назардошти мақсади таҳқиқот ба мусоҳибон як қатор вариантҳо пешниҳод гардиданд.

Тибқи талаботи Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ҷавонон ҳангоми оиладоршавӣ нахуст бояд аз қайди давлатӣ (никоҳи расмӣ) гузаранд ва сипас никоҳи шариатиро анҷом диҳанд. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки 59,7% ҷавонон аввал никоҳи динӣ ва баъдан никоҳи расмии давлатиро анҷом додаанд. Танҳо 31,6%-и ҷавонон дар аввал никоҳи расмии давлатиро анҷом додаанд. Аз зумраи иштирокчиён 5,5% ҷавонон танҳо никоҳи динӣ доранд. Қобили зикр аст, ки бастани никоҳи расмии давлатӣ барои занон аҳамияти махсус дорад, зеро

---

[187] Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Омӯзиши масъалаҳои ҷудошавӣ (вайроншавӣ)-и оилаҳои ҷавон ва роҳҳои пешгирии он дар Тоҷикистон (ҳисоботи таҳлил оид ба натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологӣ). – Душанбе, 2018. – С.12-26.

танҳо дар ин ҳолат онҳо ҳуқуқу озодиҳои оилавии худро ҳифз карда метавонанд. Хушбахтона, пас аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" зиёда аз 90% ҷавонон ҳатман никоҳи расмии давлатӣ баста истодаанд, ки ин як падидаи хуби иҷтимоӣ мебошад. Бо боварӣ гуфтан мумкин аст, ки давлат дар танзими муносибатҳои оилавӣ ва никоҳ ба муваффақияти назаррас ноил гардида, мақоми ҳуқуқии аъзоёни оиларо хело боло бардошта аст. Новобаста аз ин шаклҳои басташавии ақди никоҳ дар тадқиқот мавриди назар қарор дода шуд (нигаред ба расми 4)[188].

**Расми 4. Шаклҳои басташавии ақди никоҳ (n=767, %)**




Қайд кардан зарур аст, ки масъалаи фаҳмишу дарки ҷавонон аз арзишҳои оилавӣ ниҳоят муҳим ҳисобида мешавад, зеро инкишоф ва пойдории оилаҳои ҷавон аз арзишҳои оилавӣ вобастагии калон доранд. Дар таҳқиқоти сотсиологӣ муносибати ҷавонон ба арзишҳои оилавӣ дар сатҳи зарурӣ нишон дода шудааст, ки мухтасари хулосаҳои онро дар поён баён месозем.

[188] Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Омӯзиши масъалаҳои ҷудошавӣ (вайроншавӣ)-и оилаҳои ҷавон ва роҳҳои пешгирии он дар Тоҷикистон (ҳисоботи таҳлил оид ба натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологӣ). – Душанбе, 2018. – С.12.

Дар қонунгузории оилавӣ масъалаи синнусоли никоҳии ҷавонон дақиқ муайян шудааст. Мувофиқи моддаи 13 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон синни никоҳӣ барои марду зан, ба ғайр аз ҳолатҳои истисноӣ, аз 18-солагӣ муқаррар карда шудааст. Аммо барои муайян кардани андешаи шаҳрвандон оид ба синни никоҳӣ дар Тоҷикистон ба мусоҳибон бо саволи "Синни мувофиқи оиладоршавӣ барои мард ва зан кадом аст?" муроҷиат карда шуд. Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳад, ки 42,0% мусоҳибон синни мувофиқи оиладоршавӣ барои мардро аз 25-солагӣ ва 26,6% синни мувофиқи оиладоршавиро барои зан аз 20-солагӣ меҳисобанд. Дигар нишондиҳандаҳо дар диаграммаи 5 ва 6 муфассал оварда шудааст[189].

**Расми 5. Ба ақидаи Шумо синни мувофиқи оиладоршавӣ барои мард кадом аст? (n=1147, %)**




[189] Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Омӯзиши масъалаҳои ҷудошавӣ (вайроншавӣ)-и оилаҳои ҷавон ва роҳҳои пешгирии он дар Тоҷикистон (ҳисоботи таҳлил оид ба натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологӣ). – Душанбе, 2018. – С.13.

**Расми 6. Ба ақидаи Шумо синни мувофиқи оиладоршавӣ барои зан кадом аст? (n=1139, %)**




Баъзе аз ҷомеашиносон ба ин андешаанд, ки солҳои охир ниҳоди оила дар кишвари мо ба буҳрон гирифтор шудааст. Шумораи ҷавононе, ки ба муносибатҳои оиладорӣ дер ворид мешаванд ё умуман оиладор намегарданд, рӯ ба афзоиш дорад ва шумораи талоқ афзуда истодааст. Дар ин раванд боиси хушнудист, ки нисбати солҳои қаблӣ оилаҳое, ки дар асоси меҳру муҳаббат созмон меёбанд (на дар асоси манфиату ғаразҳо) афзуда истодааст. Ин гуфтаҳоро таҳқиқоти гузаронида низ собит менамояд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки 80,0% мусоҳибон аз рӯи меҳру муҳаббат барпо намудани оиларо беҳтарин роҳи оиладорӣ меҳисобанд. Аз ин шумора 19,2% ақида доранд, ки ҷавонон бояд бо хоҳиши волидайн оила барпо кунанд. Танҳо 0,8% иштирокчиёни таҳқиқот оиладор шуданро бо шахсони сарватмандро мувофиқ мепиндоранд (нигаред ба расми 7)[190].

[190] Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Омӯзиши масъалаҳои ҷудошавӣ (вайроншавӣ)-и оилаҳои ҷавон ва роҳҳои пешгирии он дар Тоҷикистон (ҳисоботи таҳлил оид ба натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологӣ). – Душанбе, 2018. – С.14.

**Расми 7. Бо кадом роҳ барпо кардани оила мувофиқ аст? (n=1180, %)**




Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳад, ки 49,7% мусоҳибон аз рӯйи меҳру муҳаббат ва 30,6% бо хоҳиши волидайн оиладор шуданро мақсади худ мешуморанд. Албатта, дар оилаҳои анъанавии кишварамон таъсири волидайн дар оиладор шудани ҷавонон ва интихоби ҳамсари ояндаи хеш назаррас боқӣ мемонад. Дар баробари ин ҷавононе ҳастанд, ки барои соҳиби фарзанд шудан (9,4%), барои "пир нашудан" ва раҳоӣ аз танҳоӣ (5,8%), беҳтар намудани шароити зиндагӣ (2,4%), қонеъ гардонидани талаботи шаҳвонӣ (на ҳамаи ҷавонон ба ин савол ҷавоб додан мехоҳанд, 0,7%), соҳиби манзили зист шудан (0,4%) ва дигар мақсадҳоро пеша кардаанд (нигаред ба расми 8)[191].

[191] Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Омӯзиши масъалаҳои ҷудошавӣ (вайроншавӣ)-и оилаҳои ҷавон ва роҳҳои пешгирии он дар Тоҷикистон (ҳисоботи таҳлил оид ба натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологӣ). – Душанбе, 2018. – С.14.

**Расми 8. Мақсад аз оиладор шудани Шумо дар чист? (n=904, %)**




Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳад, ки мусоҳибон ҳамсари намунавӣ гуфта, пеш аз ҳама, ҳамсари ростқавлу содиқ ва покдоман (21,2%), ботавоҷҷуҳ, хушмуомила, ғамхор ва дӯстдор (18,2%), соҳибмаълумоту босавод (17,8%), боваринок ва оиларо таъмин карда метавонистагӣ (10,6%) ва зебо, хушрӯй ва диққатҷалбкунанда будани ҳамсарро (9,4%) дар назар доранд. Мусоҳибон сифатҳои ростқавлӣ ва содиқ будани ҳамсарро дар мадди аввал гузоштаанд. Ба ҳамсари намунавӣ дигар сифатҳоро низ, мисли ботартиб ва покдоман будан (7,7%), ҳунарманд ва меҳнатдӯст будан (7,6%), солимию тани зебо доштан (6,4%) ва ғайраҳоро нисбат додаанд (нигаред ба расми 9)[192].

[192] Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Омӯзиши масъалаҳои ҷудошавӣ (вайроншавӣ)-и оилаҳои ҷавон ва роҳҳои пешгирии он дар Тоҷикистон (ҳисоботи таҳлил оид ба натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологӣ). – Душанбе, 2018. – С.14.

**Расми 9. Ба андешаи Шумо ҳамсари намунавӣ чи гуна бояд бошад?**




Аз таҳлили ахбороти расми 6 бармеояд, ки дар мавриди зарурати интихоби байни пешрафт дар касбу кор ва оила 54,2% мусоҳибон оиларо интихоб мекунанд. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки дар байни ҷавонон оила ҳамчун арзиши асосии ҳаётӣ боқӣ мондааст, аммо шумораи ҷавононе, ки ба пешрафт дар касбу кор таваҷҷуҳ менамоянд, низ кам нест (28,5%). Айни замон дар кишвар таъсири маҳдудиятҳои гендерӣ дар таҳсилот рӯ ба таназзул дорад. Аксарияти занону духтарон имконияти таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро доранд. Ин омил боис мегардад, ки занону духтарон дар баробари оила, ба кор ва пешрафти касбии худ диққати ҷиддӣ диҳанд (нигаред ба расми 10).

**Расми 10. Агар дар назди рафиқ/дугонаи Шумо зарурати интихоби оила ё пешрафт дар кор (карйера) пеш ояд, Шумо ба ӯ чӣ маслиҳат медодед? (n=1213, %)л**




Масъалаи ҳифзи арзишҳои миллӣ, аз ҷумла либоси миллӣ-сунатӣ, дар раванди иҷтимоишавӣ аҳамияти махсусро касб карда истодааст. Торафт занону духтарони тоҷик ба пӯшидани либосҳои ғайримиллӣ рӯ меоранд. Ин вазъият давлат ва мақомоти дахлдорро водор менамояд, ки барои ҳифзи арзишҳои миллӣ тадбирҳои иловагӣ андешанд. Таҳқиқот ва мушоҳидаҳо нишон дод, ки аксарияти занону духтарони мо на аз рӯйи эътиқоди динӣ ё озодандешӣ, балки аз рӯйи тақлидкорӣ, худнамоишдиҳӣ ва барои ҷалби таваҷҷуҳи атрофиён ба пӯшидани либосҳои ғайримиллӣ (асосан ҳиҷоб ё либоси аврупоӣ) майл менамоянд[193].

Хусусияти дигар он аст, ки пӯшидани либоси бегона (масалан, ҳиҷоб) асосан дар байни духтарону ҷавонзанон ба муд табдил ёфтааст ва калонсолон чунин шакли либосро ҳатмӣ намеҳисобанд. Аксарияти пурсишшавандагон дахолати давлатро ба либоспӯшии занону духтарон амали саривақтӣ ва барои ҳифзи фарҳанги либоси миллии тоҷикӣ зарурӣ арзёбӣ ва ҷонибдорӣ менамоянд. Ба ақидаи посухдиҳандагон давлат дар

[193] Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Омӯзиши масъалаҳои ҷудошавӣ (вайроншавӣ)-и оилаҳои ҷавон ва роҳҳои пешгирии он дар Тоҷикистон (ҳисоботи таҳлил оид ба натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологӣ). – Душанбе, 2018. – С.12-26.

зарурат (асосан барои ҳифзи фарҳанги миллӣ) ба либоси ғайримиллӣ пӯшидани занону духтарон ҳаққи дахолат кардан дорад.

Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқот, ҳарчанд баъзе аз занону духтарон ба либосҳои ғайримиллӣ майл дошта бошанд ҳам, аммо дар маҷмуъ таваҷҷуҳу эҳтиром нисбат ба либоси миллӣ хеле зиёд аст. Онҳо пурра дарк мекунанд, ки либоси аҷдодӣ-суннатӣ унсури маданияти миллии тоҷикон аст. Аксарияти мусоҳибон (78,0%) бар ин ақидаанд, ки занону духтарон бояд либоси миллӣ – суннатӣ, 11,0% - либоси омехта (ҳам либоси миллӣ – суннатӣ ва ҳам аврупоӣ), 7,9% - ҳиҷоб, 2,2% аврупоӣ пӯшанд (ниг. ба расми 11). Дар аксарияти оилаҳои тоҷик либоси миллӣ-суннатӣ мепӯшанд. Таҳқиқот нишон дод, ки агар таъсири муҳит набошад ва дар интихоби либос бонувон пурра озод бошанд, аксарияти занону духтарони мо ботинан хоҳиши пӯшидани либоси миллӣ-сунатиро доранд, аммо барои ҳамрадиф бо замон будан либоси аврупоӣ ва барои баланд бардоштани мақоми худ ҳиҷоб мепӯшанд.

Аксарияти мусоҳибон бар ин бовaранд, ки тарзи либоспӯшии занону духтарон дар устувории оила нақши бузург дошта, ба оила ва робитаҳои байни аъзоёни он таъсир мерасонад. Махсусан, пӯшидани либоси миллӣ боварию эътимоди байниякдигарии зану шавҳар ва аъзоёни оиларо зиёд менамояд. Аммо имрӯз ҳодисаҳое ба чашм мерасанд, ки бо сабаби интихоби ин ё он шакли либоспӯшӣ ҳамсарон аз ҳам ҷудо мешаванд. Чӣ қадаре, ки сатҳи таҳсилоти занону духтарон паст бошад, онҳо ҳамон қадар ба либоси бегона (ҳиҷоб) рӯ меоранд ва бо боло рафтани сатҳи таҳсилот майл ба либоси замонавию аврупоӣ меафзояд.

**Расми 11. Ба андешаи Шумо занону духтарони мо бояд чӣ гуна либос пӯшанд? (n=1189, %)**




Дар шароити имрӯза оила ботадриҷ зери таъсири раванди ҷаҳонишавӣ ва ташаккули технологияи коммуникатсионӣ устувории қаблии хешро аз даст дода истодааст. Мардон кӯшиш доранд, ки мисли асрҳои қаблӣ занонро зери нуфузи хеш нигоҳ доранд. Занон бошанд, мисли пештара итоаткору вобаста будан намехоҳанд. Тадриҷан сатҳи шуурнокӣ ва касбияти бонувон боло рафта, онҳо аз ҳуқуқҳои шахсӣ ва оилавии худ васеъ истифода мекуанд. Бо ин сабаб, нофаҳмиҳою низоъҳои оилавӣ барои нуфуз ва мустақилият, бархӯрди хислат ва афкор дар байни зану шавҳарҳо меафзоянд. Ин аст, ки шумораи оилаҳое, ки дар мудати кӯтоҳ ҳамсарон аз ҳам ҷудо мешаванд, дар байни оилаҳои ҷавон зиёд мушоҳида мешаванд.

Ҷавобҳои мусоҳибон вобаста ба афзалиятнокӣ таҳлил гардида, тариқи зайл зинабандӣ гардиданд:

- беҳурмати нисбат ба якдигар;
- бадрашкӣ;
- хиёнати ҳамсар;
- якдигарро нафаҳмидани ҳамсарон;
- зани дигар гирифтани шавҳар;
- зӯроварӣ дар оила, махсусан, зулм ба келин аз ҷониби хушдоман;
- бекорӣ;
- бефарзандӣ;

- никоҳи барвақтӣ;
- дахолати волидайн;
- хоҳиши дар як оила бо волидайн ва хешовандон зиндагӣ накардан;
- бесаводӣ;
- мушкилиҳои моддӣ дар оила;
- мушкилӣ дар манзили зист;
- муҳоҷирати меҳнатӣ;
- мувофиқат накардани сатҳи маълумотнокии ҳамсарон;
- номуваффақии ҳаёти ҷинсии ҳамсарон;
- бемории вазнини яке аз ҳамсарон;
- нашъамандӣ ва майхорагӣ;
- мувофиқат накардани синну соли ҳамсарон.

Аз номгӯи сабабҳое, ки мо шахсан пешниҳоди мусоҳибон намудем, чунин сабабҳоро муайян намудем:

- мувофиқат накардани синну соли ҳамсарон;
- бемории вазнини яке аз ҳамсарон;
- мувофиқат накардани сатҳи маълумотнокии ҳамсарон;
- номувофиқатии ҳаёти ҷинсии ҳамсарон;
- муҳоҷирати меҳнатӣ (нигаред ба саволи ҷадвали 12).

**Ҷадвали 12. Сабабҳои зерин то кадом дараҷа ба вайроншавии оилаҳои ҷавон оварда мерасонанд?** (%)

| | Дахолате надорад | Кам | То дараҷае | Зиёд | БҶММ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Якдигарро нафаҳмидани ҳамсарон | 18,3 | 12,8 | 17,3 | 49,9 | 1,7 | 100 |
| Зӯроварӣ дар оила (зулм ба келин) | 8,0 | 28,6 | 31,2 | 31,0 | 1,2 | 100 |
| Беҳурматӣ нисбати якдигар | 8,0 | 16,5 | 31,7 | 42,2 | 1,6 | 100 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Бемории вазнини яке аз ҳамсарон | 32,8 | 36,0 | 15,4 | 14,3 | 1,5 | 100 |
| Никоҳи барвақтӣ | 16,4 | 23,6 | 25,4 | 32,1 | 2,5 | 100 |
| Мушкилиҳои моддӣ дар оила | 19,7 | 36,0 | 26,5 | 17,0 | 0,8 | 100 |
| Мушкилӣ дар манзилӣ зист | 21,0 | 35,2 | 26,2 | 16,9 | 0,7 | 100 |
| Хоҳиши дар як оила бо волидайн ва хешовандон зиндагӣ накардан | 16,3 | 29,0 | 28,1 | 25,5 | 1,1 | 100 |
| Бесаводӣ | 25,7 | 29,2 | 22,5 | 21,6 | 1,0 | 100 |
| Нашъамандӣ ва майхорагӣ | 6,6 | 20,8 | 21,8 | 47,2 | 3,6 | 100 |
| Бекорӣ | 13,4 | 27,6 | 33,2 | 24,7 | 1,1 | 100 |
| Бадрашкӣ | 7,0 | 20,5 | 24,6 | 46,0 | 1,9 | 100 |
| Бефарзандӣ | 14,1 | 26,7 | 30,1 | 27,3 | 1,8 | 100 |
| Дахолати волидайн | 12,9 | 30,9 | 27,3 | 27,3 | 1,6 | 100 |
| Хиёнати ҳамсар | 8,9 | 19,8 | 22,0 | 46,5 | 2,8 | 100 |
| Муҳоҷирати меҳнатӣ | 29,7 | 31,2 | 17,5 | 20,3 | 1,3 | 100 |
| Номувофиқатии ҳаёти ҷинсии ҳамсарон | 29,9 | 31,7 | 21,2 | 13,9 | 3,3 | 100 |
| Мувофиқат накардани синну соли ҳамсарон | 39,0 | 32,9 | 16,3 | 10,9 | 0,9 | 100 |
| Мувофиқат накардани сатҳи маълумотнокии ҳамсарон | 34,4 | 30,5 | 22,4 | 11,3 | 1,4 | 100 |
| Зани дигар гирифтани шавҳар | 10,8 | 22,2 | 24,8 | 38,4 | 3,8 | 100 |

Таъсири волидайн ва хешовандон ба ҳаёти оилавии ҳамсарони ҷавон ҳоло ҳам зиёд ба мушоҳида мерасад. Мувофиқи таҳлили натиҷаҳои тадқиқоти мазкур 33,3% мусоҳибон бар ин ақидаанд, ки волидайн ва хешовандон ба ҳаёти оилавии ҳамсарони ҷавон таъсири калон мерасонанд (ниг. ба расми 13). Мувофиқи таҳлили маводҳои ВАО дар соли 2017 шумораи бонувоне, ки ба мақомоти гуногуни масъул оид ба бадмуомилагиву хушунати равонии хушдоманҳояшон шикоят кардаанд, афзудааст[194].

Мувофиқи афкори хушдоманҳо келинҳо бояд онҳоро эҳтиром карда, фармонбардорашон бошанд. Дар ин асос волидайн ва хешовандони шавҳар ба ҳаёти келин дахолат карда, сабабгори руҳафтодагии наварусон ва оқибат хонавайронии фарзандон мегарданд.

**Расми 13. То кадом дараҷа волидайн ва хешу табори наздик ба ҳаёти оилавии Шумо таъсир мерасонанд?** (n=977, %)




[194] Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Омӯзиши масъалаҳои ҷудошавӣ (вайроншавӣ)-и оилаҳои ҷавон ва роҳҳои пешгирии он дар Тоҷикистон (ҳисоботи таҳлил оид ба натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологӣ). – Душанбе, 2018. – С.12-26.

Мушкилоти дигари оилаҳо низоъ мебошад. Моҷароҳои оилавӣ дар ҳар як оила, новобаста аз вазъи иқтисодӣ ва мақоми иҷтимоӣ, сар мезананд. Ҳарчанд низоъ ва нофаҳмиҳо як зуҳуроти таркибии оилаҳо мебошанд, аммо тезутунд ва хислати доимӣ гирифтани онҳо, аз зери назорат баромадани низоъ ва маданияти пасти созишкории тарафҳо ба ҳолати руҳӣ, саломатии ҷисмонии ҳамсарон ва устувории оила хатар эҷод менамоянд[195].

Оилаҳои низоъдор оилаҳое мебошанд, ки дар онҳо мунтазам муҳити низоӣ вуҷуд дорад. Ҳангоми кор бо оилаҳои низоъдор, пеш аз ҳама, мушкилоти оилавие, ки барои онҳо низоъҳо сар мезананд, омӯхта шуда, сифатҳои шахсии ҳамсарон ва арзишҳои оилавии онҳо муайян карда мешаванд. Албатта, ин ҳақиқати бебаҳс аст, ки маҳдудиятҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ, нобоварӣ байни ҳамсарон, хиёнати як тараф, бекории оилавӣ, рақобат барои ба даст овардани мақоми сарварӣ дар оила низоъҳои оилавиро ба вуҷуд меоранд. Сифатҳои манфии ахлоқии ҳамсарон, мисли бадқаҳрӣ, инҷиқӣ, сабукфикрӣ, якравӣ ва сабабҳои дигари низоъҳои оилавӣ мешаванд. Илова ба ин, нобаробариҳои иҷтимоии ҳамсарон ҳангоми сар задании мушкилиҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ равшан падидор гардида, низоъҳои оилавиро шадид месозанд.

Дар умум, агар низоъҳои оилавӣ мунтазам ба вуқуъ пайваста, дурудароз давом намоянд, ин ба ҷудошавии ҳамсарон оварда мерасонад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки 19,7% ҳамсарони ҷавон дар як ҳафта 1 маротиба, 21,3% - дар як ҳафта 2-3 маротиба, 7,0% - 3-4 маротиба, 2,8% - 5-6 маротиба ва 10,5% - қариб ҳар рӯз бо сабабҳои гуногун бо ҳам ҷанҷол доранд (нигаред ба расмҳои 23 ва 24). Ин низоъҳои оилавӣ бо сабабҳои якдигарнофаҳмӣ (35,3%), бадрашкӣ (12,9%), набудани муҳаббату таваҷҷуҳи байниякдигарӣ (9,4%), мушкилоти моддии оилавӣ (7,7%), бекорӣ (6,6%),

[195] Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Омӯзиши масъалаҳои ҷудошавӣ (вайроншавӣ)-и оилаҳои ҷавон ва роҳҳои пешгирии он дар Тоҷикистон (ҳисоботи таҳлил оид ба натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологӣ). – Душанбе, 2018. – С.12-26.

дахолати волидайн ва хешовандон (6,3%), нашъамандӣ ва майхорагии шавҳар (4,8%), хиёнати ҳамсар (4,6%), мушкилии манзили зист (4,2%), бефарзандӣ (3,4%), номуваффақиятии ҳаёти ҷинсии ҳамсарон (1,4%) ва ғайраҳо рӯй медиҳанд.

**Расми 14. Дар як ҳафта чанд маротиба бо ҳамсаратон ҷанҷол мекунед? (n=433, %)**



**Расми 15. Дар як ҳафта чанд маротиба бо ҳамсаратон ҷанҷол мекунед? (ҷинс, n=433, %)**




**Расми 16. Сабабҳои асосии ҷанҷолҳо дар оилаи Шумо чист? (n=704, %)**



Барои пешгирии ҷудошавии ҳамсарон, пеш аз ҳама, оқибатҳои ҷудошавии оилаҳоро таҳлил намудан зарур аст. Дар ин ҷода ду нуқтаи назар вуҷуд дорад. Аз як тараф, агар муносибати хуш набошаду имкони ҳамзистӣ аз байн равад, дар ин маврид талоқ метавонад василаи ягонаи ҳалли мушкилот гардад. Қобили қайд аст, ки кӯдакон, дар муқоиса бо оилаи низоӣ, дар оилаи ҷудошуда худро беҳтару хубтар ҳис мекунанд. Аз ин хотир, дар чунин ҳолат ҷудошавиро метавон роҳи муфиди баромадан аз мушкилоти оилавӣ номид. Аз тарафи дигар, талоқ ба оила ва ҷомеа зарари калон мерасонад. Чунонки болотар ҳам зикр кардем, зарари руҳию равоние, ки баъд аз ҷудошавии оила аъзоёни он аз сар мегузаронанд, баробари аз даст додани шахси наздик аст. Дар баробари ин, афзоиши теъдоди азҳампошии оилаҳо боиси аз таълиму тарбия дур мондани кӯдакон ва зиёд шудани ҷинояткорӣ миёни ноболиғон мегардад[196].

Ятиму бепарастор мондани фарзандон масъалаи ҳалталаби ҷомеа аст ва комилан бартараф намудани он то ҳол ба ягон ҷомеа дастрас нашудааст. Солҳои охир ҷудошавии оилаҳои ҷавон, ки соҳиби як ё якчанд фарзанд ҳастанд, зиёд шудааст. Маълум аст, ки зиндаятим мондани шахс худ ин мушкилии иҷтимоӣ аст. Чунин ятимон ҳамчун гурӯҳи осебпазир ва ниёзманди ҷомеа ба мушкилоти зиёде гирифтор мегарданд. Аз байн рафтани оила ҳамчун агентии аввалияи иҷтимоишавӣ барои кӯдак сабаби хароб гардидани вазъи руҳӣ ва мушкилоти иҷтимоӣ мешавад.

Агар зиндаятим аз муҳити хонаводагӣ фориғ зиндагӣ намояд, пеш аз ҳама масъалаи беназоратӣ ва дур мондани ӯ аз тарбияи муътадил пеш меояд. Аз сабаби беназоратӣ дар вуҷуди кӯдак хислатҳои зиддииҷтимоӣ ва аз меъёрҳои мақбули ҷомеа берун ташаккул меёбанд (масалан, оворагардӣ, дуздӣ, фоҳишагии кӯдакона ва ғ.). Кӯдакони ятиме, ки дар парастории давлат нестанд, ба кирдорҳои номақбул даст мезананд (майзадагӣ,

---

[196] Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Омӯзиши масъалаҳои ҷудошавӣ (вайроншавӣ)-и оилаҳои ҷавон ва роҳҳои пешгирии он дар Тоҷикистон (ҳисоботи таҳлил оид ба натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологӣ). – Душанбе, 2018. – С.12-26.

нашъамандӣ, токсикомания, алоқаҳои барвақтии ҷинсӣ ва амсоли инҳо). Бо сабаби надоштани шароити зарурии моддию иқтисодӣ онҳо бо талбандагӣ, дуздӣ ва дигар намудҳои ҷинояткорӣ даст мезананд ва дар баробари ин қурбони фаъолияти ҷиноятӣ мегарданд (кор дар кӯча ва ё дар ҷойҳои шароиташон вазнин ва зараровар, фоҳишагӣ, тиҷорати порнографӣ, тиҷорати маҳсулоти тамокую машрубот ва ғайраҳо), ки ин ҳама барои саломатӣ, ҳолати равонӣ ва иҷтимоии кӯдакон оқибатҳои ногувор дорад.

Дар оилаҳои ятимдошта муносибати бераҳмона ва зӯроварӣ нисбат ба кӯдаконро низ мушоҳида кардан мумкин аст. Муносибати бераҳмонаи калонсолон нисбати кӯдакони зиндаятим хеле зиёд аст, аммо бо сабабҳои маълум аксар вақт ин пинҳон мемонад. Дар баъзе оилаҳо зулм нисбат ба кӯдакони зиндаятим ва ба корҳои вазнин сафарбар намудани онҳо ба як одати муқаррарӣ табдил ёфтааст. Ҳатто муносибати бераҳмонаро нисбат ба чунин кӯдакон дар боғчаи бачагон, мактаб, кӯча ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Махсусан, баъзе модарандарон ва ё падарандарон нисбат ба фарзандони угайи хеш муносибати бераҳмона карда, кӯдаконро дар руҳияи тарсу ноумедӣ нигоҳ медоранд, ки ба ягон чаҳорчӯбаи динию ахлоқӣ ва маданӣ рост намеояд.

Таҳқиқоти гузаронидашуда гуфтаҳои болоро тасдиқ менамоянд. Аз таҳлили натиҷаҳои чунин таҳқиқот бармеояд, ки вайроншавии оилаҳо боиси бад шудани ҳолати иқтисодии ҳамсарони ҷудошуда, махсусан занон ва фарзандони онҳо (25,0%), бе таълиму тарбия мондани фарзандони зиндаятим (21,2%), ба намудҳои гуногуни каҷрафторӣ даст задани фарзандони ҳамсарони ҷудошуда (18,5%), бад шудани ҳолати равонии ҳамсарони ҷудошуда, махсусан занон ва фарзандони онҳо (17,5%), ба каҷрафтории ҳамсарони ҷудошуда (16,5%) мегардад. Аз шумораи умумии мусоҳибон 1,4% ба ҷавоб додан ба ин савол мушкилӣ кашидаанд (ниг. ба расми 17).

**Расми 17. Вайроншавии оилаҳо чи гуна оқибатҳоро ба вуҷуд оварда метавонад?**




